КАМОЛ НАСРУЛЛО

# РӮ БА МЕҲРОБИ ВАТАН



Душанбе
«Адиб»
2010

ББК 84 Тоҷик 7-5
Н-32

Муҳаррир *Сайидалӣ Маъмур*

Н-32 **Камол Насрулло. Рӯ ба меҳроби Ватан** (мунтахаби ашъор). – Душанбе, «Адиб», 2010, 232 саҳ.

Китоби нави Шоири халқии Тоҷикистон Камол Насрулло фарогири шеърҳои тозаи ӯст. Шоири ватандӯст боз ҳам ба мавзӯъи ватандӯстиву муҳаббати баланди инсонӣ содиқ мондааст. Аммо сухани шоири соҳибзавқ дар ин мавзӯи куҳан тозагиву таровати хоса дошта, бо дақиқии баён, ҳадафҳои шоиста ва эҳсосоти баланди шоирона олами андешаҳои ӯро ҷилову намои тоза бахшидааст.

ISBN 978-99947-2-015-6

© Камол Насрулло, 2010

## БИЁ, БОШЕМ!

Биё, бошем!

Биё, дар тор-тори тору пуди худ наво бошем,
Биё, дар тораҳои ҳар раги пайкар
пайу пайки бақо бошем,
Биё, бо зарби дил, ин набзи бедорӣ,
Ки аслан бонги ҳушдорист, аслан бонги ҳушёрист,
Ҳама дам ҳамсадо бошем!
Биё, бошем!

Биё, бо як дарахти сарфарозе по ба по бошем,
Ба дӯши хеш дорем осмони зиндагониро!
Биё, бошем!

Биё, бо як табассум дар лаби афсурдаи модар,
Ки умре дар вафо мезист,
Чароғи рӯшани роҳи вафо бошем!
Биё, бо ҳар гулу ҳар сабзаву ҳар нахл
Зи худ вораста дар перояи поки сафо бошем.
Биё, бошем!

Биё, дасте барему чун чароғакҳо
Фурӯзонем дар тоқи умеде ишқи зеборо,
Ки дур аз оташи бухлу риё бошем!
Биё, бо сӯзи қалбу ашки чашму нолаи шабгир
Башоратовари он ҳиммату лутфу сахо бошем!
Биё, бошем!

Биё, аз оташи дил машъале дар чеҳра афрӯзем,
Ки аз зулмоти ҳастӣ растагору раҳнамо бошем!
Биё, бошем!

Биё, бо сабзаҳо сабзидан омӯзем,
Табассумҳои гулҳоро ба лаб пайки вафо бошем,
Биё, рӯи саодатро намо бошем!

Биё, то меҳр корему гули хубӣ ба бор орем,
Биё, вораста дар хоки Ватан чун ғунча во бошем!
Биё, бошем!

Агар боре надорад нахли ту
дар шохаи дастони ҳайронат,
Фитода токҳои пуштаҳоро муттако бошем!
Биё, бошем!

Биё, то пеши поро бо чароғи он лиқо бинем,
Биё, дар партави рӯи муҳаббат пеши по бинем,
Биё, афрӯхта аз нури ӯ дар мағзи дил,
дар мағзи ҷони худ зиё бошем!
Биё, бошем!

Биё, ҳампои мардони Худо бошем,
Умеди раҳнавардони ғарибу бенаво бошем,
Агар чизе набошем, эй азизи ман,
Биё, рӯ бар Худо орему ду дасти дуо бошем!

Биё, бар нафси худ боло шавему
ҳиммати худро ҷило бошем!
Саломи субҳи суриро сало бошем!
Чу мефахрем бо ҳар қуллаи кӯҳи диёри худ,
Биё, бо некномӣ қуллае дар қуллаи
ин қуллаҳо бошем!
Биё, бошем, ҷони ман, биё, бошем!

*Рӯзҳои Наврӯз, 2010*

## МО ТОҶИКОНЕМ

Мо дар замини лутфи Худоем,
Дар Боми дунё сар бар самоем,
Ҳамошёни Симурғ моем,
Тоҷи саодат бар сар бимонем,
Мо тоҷиконем!
Мо тоҷиконем!

То нури фитрат бо мост, бо мост,
То дар дили мо нури «Авасто»-ст,
То партави ҳақ моро муҷаллост,
Аз раҳни[1] баҳмон[2] худро раҳонем,
Мо тоҷиконем!
Мо тоҷиконем!

Мо ҳамзабони аҳли биҳиштем,
Ҳамсолу ҳамхун бо Зардуҳиштем,
Мадюни ин бахт, ин сарнавиштем,
Аз рӯди Рӯдак баҳри дамонем,
Мо тоҷиконем!
Мо тоҷиконем!

Мо мӯсафеди таърихи пирем,
Меҳре зарогин андар замирем,
Некӣ намирад, мо менамирем,
Пайки ҷавонӣ аз бостонем,
Мо тоҷиконем!
Мо тоҷиконем!

[1] Раҳн – гарав
[2] Баҳмон – номаълумӣ

Будем умре мо ёри некӣ,
Бурдем умре мо бори некӣ,
Пиндори некӣ, гуфтори некӣ,
Кирдори некӣ андар равонем,
Мо тоҷиконем!
Мо тоҷиконем!

Пайғоми сурӣ мо аз сурушем,
Эъломи ваҳдат мо аз Курушем,
Аҳли башарро дӯши ба дӯшем,
Аз остони он ростонем,
Мо тоҷиконем!
Мо тоҷиконем!

Бе данду[1] дунӣ дар олами дун,
Аз ҷабри таърих, аз оташу хун,
Ҳамчун Самандар вораста берун,
Аз марги ноҳақ худро раҳонем,
Мо тоҷиконем!
Мо тоҷиконем!

Дар роҳи мардӣ мо сарбадорем,
Бахшем сарро, сир кай барорем,
Дар пои меҳан сар мегузорем,
Ин гуна будем, ин гуна монем,
Мо тоҷиконем!
Мо тоҷиконем!

Дар даст нома чун «Шоҳнома»,
Бо савту сози чангу чакома,

[1] Дандӣ – бедиёнатӣ

Бо мо силоҳе гар ҳаст, – хома,
Синосиришту Мавлонишонем,
Мо тоҷиконем!
Мо тоҷиконем!

Таърих моро афгор карда,
Сад ҷабр бар мо ағёр карда,
Бар шонаи мо шан[1] бор карда,
Аммо ҳамеша мо аҳли шонем,
Мо тоҷиконем!
Мо тоҷиконем!

Меҳмоннавозу ваҳдатшиорем,
Бо некроён хешу таборем,
Чизе, ки дорем, аз дил барорем,
Дар пеши меҳмон мо ҷон бимонем,
Мо тоҷиконем!
Мо тоҷиконем!

Бар каф китобу бар лаб дурудем,
Мо аҳли ишқем, аҳли сурудем,
Мо суда сад раҳ сӯи суудем,
Мо Борбадро сози равонем,
Мо тоҷиконем!
Мо тоҷиконем!

Ҷоми Ҷами мо инъом бо мост,
Бо мост Ҳофиз, Хайём бо мост,
Тӯморгуна ин ном бо мост,
Саъдист чун саъд, мо дар амонем,
Мо тоҷиконем!
Мо тоҷиконем!

---

[1] Шан – санг

Озодагиро эҷод кардем,
Аз оз худро озод кардем,
Озодагиро мо зод кардем,
Мо зодагони озодагонем,
Мо тоҷиконем!
Мо тоҷиконем!

Мо бо сафои оби зулолем,
Мо ҳамнавои кабки ҳилолем,
Ҳаққо, ҳақиқи[1] ҳаққи ҳалолем,
Чун чашмаҳомон покизаҷонем,
Мо тоҷиконем!
Мо тоҷиконем!

Хуршеди ховар чун бар сари мост,
Тоҷи сари мо худ аз фари мост,
Хуршеди дигар дар пайкари мост,
Мо аз табори фарзодагонем,
Мо тоҷиконем!
Мо тоҷиконем!

Мо ёдгори неки «Зарирон»,
Нахли «Асурик» дар мо шукуфон,
Оинадори оини некон,
Мо панди неки Нӯшервонем,
Мо тоҷиконем,
Мо тоҷиконем.

Дар сарзамини поки биҳиштӣ,
Рӯ монда рӯи хоки биҳиштӣ,

[1] Ҳақиқ – сазовор, лоиқ.

Бо сарфидоӣ, бо сарнавиште
Мо соҳибони ганҷи ниҳонем,
Мо тоҷиконем!
Мо тоҷиконем!

Ин хок дар худ сад ёд дорад,
Сад дарду армон фарёд дорад,
Сад шодбошӣ шамшод дорад,
Во шав, ки мо худ ворастагонем,
Мо тоҷиконем!
Мо тоҷиконем!

Эй меҳани ишқ, эй марзи имон,
Эй хоки ҳикмат, хулди[1] бузургон,
Дар арзи покат, эй Тоҷикистон,
Дастобадастем, ҷони ба ҷонем!
Мо тоҷиконем!
Мо тоҷиконем!

*10.02.2008*

[1] Хулд – бақо, ҷовидонагӣ, биҳишт

## ВАТАН ДАР ҶОН

Ватан – ҷоне, ки дар ҷони ману туст,
Ватан – ноне, ки дар хони ману туст.

Ватан ойинаи оби зулол аст,
Ватан покии виҷдони ману туст.

Ватан як пораи нури илоҳист,
Шабафрӯзи шабистони ману туст.

Ватан ишқ аст, ишқи ёри ҷонист,
Ватан ҷонона ҷонони ману туст.

Ватан пайваста пайки родмардист,
Ба по истода паймони ману туст.

Ватан он моми пир, он тифли маъсум,
Ватан дар рӯи дастони ману туст.

Дили ӯ дар дили мо мезанад дил,
Ватан дар хуни шарёни ману туст.

Ватан гуфтан кам аст, эй ҷон, Ватан бош!
Ватан дар шонаву шони ману туст...

*22.05.2009*

## ДАР БАҲОИ ҶОН

Он чист, ки марзи шаъну шон аст? – Ватан!
Имону амони мо дар он аст? – Ватан!

Он чист, ки бе вай ҳама чизи олам
Бе ҳусну таровату равон аст? – Ватан!

Он чист ба ҳаҷр зинда дорад ёдаш,
Чун шаҳд ҳамеша дар забон аст? – Ватан!

Аз подшаҳӣ ба мулки ғурбат болост,
Хокаш зи ҳама ганҷ гарон аст? – Ватан!

Он чист, ки маънои тамоми ҳастӣ,
Дар маънии поки он ниҳон аст? – Ватан!

Сарбайти суруди безаволи ҳастист,
Сарманшаи ишқи ҷовидон аст? – Ватан!

Ҳам қимату ҳам ҳиммату ҳам ҳикмати ту
Дар ваҳдати ҷони ӯ ниҳон аст? – Ватан!

Он чист, ба ҳеҷ қимате нафрӯшанд,
Он чист, ки дар баҳои ҷон аст? – Ватан!

*январ, 2009*

## ҲАДАФИ УМР

Ҷони мардони шарафманди Ватан рӯи каф аст,
Дар раҳи нанги Ватан мурдани мардон шараф аст.

Ватани ман ватани шеъру суруди азалист,
Ватани ман ватани ишқу диёри шааф аст.

Ҳадаф ин нест, ки бошиву надонӣ ҳастӣ,
Мардро дар раҳи ҳақ сина кушудан ҳадаф аст.

Ҳадаф он нест, ки ту қимати гавҳар дорӣ,
Ҳадафи умр бурун рафтани ту аз садаф аст.

Сози мо нест чу зу-зуи яке сӯзанаке,
Сози мо бонги барозандаи табл асту даф аст.

Ҳастии мост, ҳар он лаҳза, ки бо дил будем,
Боқии умр ҳама хобу хаёлу талаф аст…

*13.03.2010*

## ҲУҶҶАТИ БУНЁДИ МО

Миллати тоҷикро аслан забонаш зинда дошт,
Чунки ӯ ҳам ин забонро ҳамчу ҷонаш зинда дошт.

Ҷавшанаш буд ин забону меҳанаш буд ин забон,
Ин забонро чун тавоне дар равонаш зинда дошт.

Ин забоне, ки чу шири модарон покиза аст,
Покрӯву покҷисму покҷонаш зинда дошт.

То забони мардуми аҳли биҳишташ хондаанд,
Халқ онро чун каломи ҳақ ба ҷонаш зинда дошт.

Ҳамчунон дар ҳолаи оинаву оини нек
Пок ҳамчун чашмаи оби равонаш зинда дошт.

Ҳарчи ӯ аз даст доду ҳарчи бирбуданд аз ӯ,
Дар забонаш, дар забонаш, дар забонаш зинда дошт.

Рӯдакӣ бар ӯ шукӯҳи безаволӣ додаст,
Бӯалӣ чун офтоби осмонаш зинда дошт.

Хоҷа Ҳофиз ин забонро худ забони ишқ кард,
Ин забонро гармии ишқи ниҳонаш зинда дошт.

Ӯ раҳи иқболи моро дар шаби таърихи тор
Бо дурахши озарахши вожагонаш зинда дошт.

Кохи шаъну эътибори миллати фархундаро
Устувони ин забон чун устухонаш зинда дошт.

Ҳуҷҷати пирӯзии мо, ҳуҷҷати бунёди мост,
Ин забоне, ки ҷаҳонро дар ҷаҳонаш зинда дошт.

*17.07.2009*

## МИЛЛАТИ ФАРОФАРИН

*Дар рӯзҳои тор ва сарди Меҳан*

Тоҷикистон, эй замири мардуми рӯшанзамир!
Тоҷикистон, эй мунири чеҳраи марди мунир!

Тоҷикистон, эй умеди мардумони пурумед,
Сарзамини мардумони рӯйсурху дилсафед!

Тоҷикистон, сарзамини мардумони гармдил,
Мардумони сахтҷону мардумони нармдил!

Эй шуда аз рӯшноии дили халқат мунир,
Рӯшаниро аз дили рӯшанзамиронат бигир!

Гармии дилҳои фарзандон набигзорад туро,
Гармии дилҳои мардум гарм медорад туро.

Пешвоёни хирадмандат зи аҳди бостон,
Нур меҷустанду мебурданд нур андар ниҳон.

Ин куҳанмеҳан ҳанӯз аз рӯзгори Зардуҳишт,
Рӯшноӣ месуруду рӯшноӣ менавишт.

Кишвари нури наво, нури суруду нури соз,
Кишвари нурофарину нурбахшу нурсоз.

Кишваре, ки панду андарзаш ба тан чун ҷавшан аст,
Кишваре, к-аз нури ҳикмат, нури маънӣ равшан аст.

Аз ҳамин ҷо бар ҷаҳони тор хуршеди Хирад
Рӯшноӣ бурда буду рӯшноӣ мебарад.

Яъне ин мардум ҳама худ аз табори рӯшанист,
Рӯшанисозанд ин халқ, ин диёри рӯшанист.

Бо чароғи дил бихезад бар алайҳи шоми тор,
Шоми худро мекунад рӯшан ба ҳарфи нурбор.

Дар раҳи эҳё сарашро боз боло мекунад,
Рӯшаниро аз замири хеш пайдо мекунад.

Сарвари мо дасти нуронӣ чу боло кард боз,
Рӯшаниро аз дили меҳан ҳувайдо кард боз.

Нури нав бодо муборак дар кафи рахшони ӯ!
Ин дурахши бахти миллат, бахти нурафшони ӯ!

Нури нав бодо муборак дар раҳи эҳёи нав!
Сар фарозад бар само ин халқ бо симои нав!

Бар диёри мо ҳам акнун файзи раббонӣ расид,
Нури Иличӣ чу кам шуд, нури Раҳмонӣ расид.

Ин расолат бо ту буду бо ту хоҳад монд боз,
Нур бурдан, нур додан, эй ту халқи нурсоз!

*20.01.2007*

## ПАРЧАМИ ФИРӮЗӢ

Парчами миллати сарфароз,
Парчами халқи озоди ман.
Дар самои Ватан парфишон
Парчами фатҳу иршоди ман.

*Нақарот:*
*Парфишон бо ту шуд, парфишон*
*Бахту пирӯзии тоҷикон.*

Эй нишони фари ковиён,
Рамзи озоди озодагон,
Дар дифои ту саф мекашем
Дил ба дил, тан ба тан, ҷон ба ҷон.

*Нақарот:*

Парчами Тоҷикистони ман,
Партави шодию шони ман,
Ҳар нахи тору пуди ту шуд
Ришта аз риштаи ҷони ман.

*Нақарот:*

Чун фари мо ту боло шудӣ
Дар кафи нанги мардонагон,
Бо ту пирӯзии халқи ман
Ҷилвагар шуд ба рӯи ҷаҳон!

*Нақарот:*

Бо ту умеди мо ҷилвагар,
Бо ту иқболи мо парфишон.
Эй ту, пероя бахти мо,
Рамзи ори ҳама ориён…

*Нақарот:*

*11.11.2009*

## СУРУДИ ПАРЧАМ

Ту парчами саодатӣ,
Ту партави муҳаббатӣ.
Ба дасти зодагони худ
Ту нусрати садоқатӣ.

*Нақарот:*
*Чу рамзи тахти тоҷикон*
*Ҳамеша парфишон бимон.*
*Нишони бахти тоҷикон*
*Ба дасти ҷовидон бимон.*

Ба лаб башорати Ватан,
Ба дил шуҷоати Ватан.
Ба сӯи ту ҳамеша аст
Маро ибодати Ватан.

*Нақарот:*

Ба зери партави ту мо
Кашем саф, кашем саф.
Тӯӣ, ту нангу номи мо,
Туӣ шараф, туӣ шааф.

*Нақарот:*

Ту аз ҳазорсолаҳо
Зи ковиён нишонаӣ.
Нишони бахти тоҷикон,
Шукӯҳи ҷовидонаӣ

*Нақарот:*

*11.11.2009*

## ЗИНДА БУДАН

Зиндаам ман, зиндаам ман, зиндаам ман!
Зинда будан
Зиндагии зиндагонист...

Мурдан осон нест, осон нест, осон нест, аммо
Гоҳ-гоҳе ҳам намурдан
Ҳамрадифи қаҳрамонист.

Бо ҳама номардии дунёи номарди надам[1]
Мард будан! Мард будан! Мард будан!
Бо сари сарборияш сад бори зиллат
Сар ба ҳафт офоқ судан!..

Дастаки бечонаки як тифлаки навзод
Нонамоёнат зи коми ноумедӣ мераҳонад,
Ноаён дасти нигоҳи модари ғамхор
Зери бори ғуссаву ғам уфтодан
Менамонад, менамонад, менамонад.

Борҳо аз зиндагонӣ
Заҳр хӯрда шаҳд ангоридаам,
То раҳо бахшам раҳоиро,
Душмани ҷонро ба ҷойи дӯст бишморидаам.

Ҷон агар бар лаб биёяд,
Марг агар аз дар дарояд,
Гар биҳишти адн ҳам оғӯш бар рӯят кушояд...
Ту ба мурдан ҳақ надорӣ, ҳақ надорӣ, ҳақ надорӣ!!!
Бо умеди ту, умеди ту, умеди туст
Модареву тифлакеву дидагони интизоре.

---

[1] Надам – пушаймонӣ

Бо дили хуншор шеъри шодмониро сурудан!
Бо ҳама дарди ниҳон симои шодиро намудан!
Рӯ ба рӯи олами номарду мардафкан ҳамеша
Мард будан! Мард будан! Мард будан!

Он қадар полези шаъну қимати мо
Носазо помоли беадли палидест,
Мурдан осон аст, осон аст, осон аст гоҳе,
Лек мардӣ нест, мардӣ нест, мардӣ нест!!!

Чунки ҷони ту на ҷони ту, на ҷони туст,
Ҷони адл асту муҳаббат, ҷони ин дунёст.
Онҷӣ дунёро раҳо мебахшад аз сардиву торӣ
Дар ҷаҳони озпеша озарахши ҳиммати мост...

То ба роҳи ту, ба роҳи ту, ба роҳи туст
Чашмаки як тифлаки уммедворе,
Дар паранди ашкҳо то интизори туст
Чашми ёре, чашми ёре, чашми ёре,
Ту ба мурдан ҳақ надорӣ, ҳақ надорӣ, ҳақ надорӣ!!!

*24.03.2009*

## ГУФТУГӮ БО ХУД

– Аз ҳама бӯҳои олам
хуштарини бӯ кадом аст?
– Бӯи нони гарм!

– Аз ҳама гулҳо гули хушрӯ кадом аст?
– Дар рухи духтар гули шарм!

– Аз ҳама волотарин ҳарфе, ки дорӣ ёд?
– Дар гусели ман дуои модарам!

–Беҳтарин хислат, намои род[1]?
– Роҳ додан бар дигарҳо ҳам!

– Чист он поин шудан,
к-авлост пеши мард?
– Пеши пои ёр афтодан!

– Беҳтарин коре, ки як инсон тавонад кард?
– Бар гирифторе дари шодӣ кушодан.

– Аз ҳама ширинтарин лаззат?
– Ҳарфи тифлонро шунидан.

– Беҳтарин одоби чашмон?
– Айби мардонро надидан!

– Беҳтарин дар аз ҳама дарҳо?
– Он даре, ки бар ғарибе во кунанд…

---

[1] Род – ҷавонмард

– Мешавад кай қимати лабҳо ҳувайдо?
– Он даме, ки ишқро ово кунанд.

– Чист инсонро раҳоӣ бахшад аз ҳар ногуворӣ?
– Дидани дидори дӯст.

– Чист он талхе, ки ширинаш шуморӣ?
– Лаззати озори дӯст…

– Вожае, ки ҳеҷ гаҳ онро набояд бурд аз ёд?
– Ассалом!

–Муттакои зиндагиат умрбод?
– Одамони некном!

– Кист ғолиб аз ҳама кас дар ҷиҳод?
– Он, ки хашмашро бикушт андар ниҳод!

– Кист боҳимматтарин кас дар ҷаҳон?
– Он, ки бигзашт аз гуноҳи хасми ҷон!

– Чист, к-инсонро ба хайри худ расонад?
– Хайрхоҳи дигарон будан…

– Бо кадомин раҳ ба хушбахтӣ расидан
кас тавонад?
– Ҳамчу як рӯде наво бар лаб
равон будан…

– Чист рози зиндагии пурумед?
– Гиря кардан ҳамраҳи борон,
Ханда кардан ҳамраҳи хуршед…

– Чист дар дунё сафои умр ҷӯйидан?
– Ҳамраҳи себарга рӯйидан…

– Чӣ зи танҳоӣ раҳоӣ бахшадат
дар анҷуман?
– Бо дарахте дӯст будан…

– Чун бувад андар камоли ҳол будан?
– Бо гуле бишкуфтану
бо мурғаке ҳамбол будан…

– Зиндагонӣ ҳамшабеҳи чист?
– Ҳамшабеҳи рӯд…

– Чун варо хоҳӣ ба сар бурдан?
– Чун суруд…

– Мақсади волои ту
дар зиндагоният чӣ буд?
– Боз баргаштан ба асли худ!...

– Бозгаштан? Бар биҳишт?
Он бахти афлокӣ?
– Боз баргаштан ба покӣ!..

*9.12.2007*
*28.12.2007*

## ДАРАХТЕ ҲАСТ

Дарахте ҳаст танҳо мисли ман
дар домани ин хоки домангир,
Надорад сарпаноҳе ғайр аз ин
гардонаи гардун...
Надорад соягоҳе бар сараш ҷуз абри саргардон,
Дарахте ҳаст дар рӯи кафи кӯҳи азиме
зору танҳо гӯиё дар
домани афсун.

Худо аз боғҳо ӯро ҷудо карда,
Худашро бо худи ӯ мутакко карда.

Ба дӯшаш хашми барфи сарду боронҳо,
Ба рӯяш қаҳри боди тунду тӯфонҳо...

Таҳаммул мекунад инрову
Чун фасли баҳор ояд,
Зи нав месабзаду гул мекунад
бо сад умеди тозаву зебо.

Чу медонад, ки меоянд ҳар сол он
мусофир мурғакони нағмахони ӯ.
Ва меоранд
Шукӯҳи тозаву гармӣ ба ҷони ӯ.

Варо оғӯш мегиранду набзи синаҳои
кӯчаки худро
Ба набзи ҷони ӯ ҳамсоз месозанд.
Ба рӯи шохаҳояш парфишон рақсида-рақсида,
Суруду созҳои тоза бо сад роз месозанд...

Дарахте ҳаст танҳо мисли ман
дар домани ин хоки домангир,
Ки худро чун ягона муттако дорад.
Дарахте, к-офаринаш бод!
Надорад ҳеҷ кас дар ин ҷаҳон,
Танҳо Худо дорад.

*4.02.2009*
*Хоҷа Оби Гарм*

## ЛАҲЗАЕ ХОМӮШ!

Лаҳзае хомӯш! Мехоҳам
Хандаи гул бишнавам,
ё ҳарфи борон,
Чак-чаки барги сапедорон...

Лаҳзае хомӯш! Мехоҳам
Бишнавам дар ин хамӯшӣ
Ишқро дар гуфтугӯи чашмҳо,
Аз забони безабонии нигоҳ...

Лаҳзае хомӯш! Мехоҳам
Бишнавам бо дил
Он чиро, ки менагунҷад дар сухан.
Дарки маъное, ки аз ҳар вожа берун мондааст,
Вожаи ногуфтаву нанвиштаву нохондааст.

Лаҳзае хомӯш! Мехоҳам
Бишнавам набзи дилам, ҳарфи диламро,
Гап-гапаш тап-тап, чӣ дорад муддао?

Лаҳзае хомӯш! Мехоҳам
Бишнавам ҳарфи хамӯширо...

Аз садои гомҳо мақсуди поро бишнавам,
Дар навиди новадон нови наворо бишнавам,
Дар хамӯшии хамӯшиҳо
Худоро бишнавам.

*25.04.2009*

## ДИЛИ МАН МЕЗАНАД: ТУК! ТУК!

Дили ман мезанад: тук! тук!
Ту мегӯӣ, ки мекӯбад
Дари зеҳни маро,
Оё чӣ меҷӯяд?!...

Дили ман мезанад: тук! тук!
Куҷоӣ ту? Кушо дарро, кушо худро,
Шунав овози розамро,
Ниёзамро...

Тамоми умр,
Тамоми лаҳзаҳои умр: тук! тук! тук!

Валекин ман,
Валекин мо
Напурсидем, оё ӯ чӣ мегӯяд?
Нафаҳмидем, оё ӯ чӣ мехоҳад?

Гаҳе бо мушт тунду тез –
                    тук-тук мезанад, гоҳе
Ба ангуштони хаста,
                              нарму оҳиста,
Зи худ бо охирин уммед вораста,
Занад нозуктар аз нозук
Ба девори дили мову ту: тук! тук! тук!

Ҳамин гуна
Гузашт умру напурсидем,
                    дар пушти дари дил кист,
Чӣ мегуфту чиҳо мехост?
Шояд раҳм мепурсид,

Мадад мехост шояд,
дошт пайғоме накӯ,
розу навиде дошт?..
Валек афсӯси умри рафта,
мо бе эътино будем,
Ҷудо будем, бе ҷуд аз дили худ мо
ҷудо будем...

*27.03.2009*
*Переделкино*

## ШАРМ

Шарм бояд кард, бояд шарм кард,
Лаҳзае дар оташи покизааш
Ҳастии худро бубояд гарм кард...

Шарм бояд кард, бояд шарм кард,
Аз нигоҳи нохалаф, аз чашми бад, з-анфоси наҳс
Пардаҳои озаринозин ҳамебоист аз озарм кард,
Шарм бояд кард, бояд шарм кард...

То нахушкад хуни гарми ту ба шарёнат,
То ки имонат ба торикӣ намонад,
То нагардад санг дар ҷони ту ҷонат,
Боядо афрӯхт дар худ оташи созандаашро,
Хоки ҳастиро ба анвораш бубояд гарм кард,
Шарм бояд кард, бояд шарм кард...

Дар шуои оташи тобони ӯ
Санги дилро дар ниҳоди хеш бояд нарм кард,
Шарм бояд кард, бояд шарм кард...

Шарм бояд кард, яъне гулхане
З-оташи хун
Боядо дар хештан, дар рӯйи худ афрӯхт,
Ҳар баду дадро, ки дар домони ту печидааст,
Андар ин гулхан бубояд сӯхт, бояд сӯхт,
бояд сӯхт...

*1.04.2009*

## ОХИРИН БАРФ,
## ОХИРИН ИШҚ…

Ҳамин барф охирин барф аст,
Биё, гули сафеди ситораҳои варо
чинем…,
Биё, ба арғушти ӯ биомезем
Ва дар тӯрҳои симгунаш ба даст орем
кабӯтарони шодиро…

Биё, аз ин ҷалолати ҷалоовар
В-аз ин ҷилваҳои ҷалӣ
ҷило чинем,
Биё, биё, гули барфро
аз боғи Худо чинем.

Биё, дар ҳавои шавқи парвозаш
Ба боли шодӣ аз доми анкабути риё хезем.
Биё, аз домани сафеди ӯ дорем,
аз банди бало хезем…

Ҳамин ғусса охирин ғуссаст,
Биё, ба боди фанош биспорем!

Ҳамин хиёнат охирин ғадр[1] аст,
Биё, бар Худош биспорем!

Ҳамин шодӣ охирин шодист,
Биё,чун пираҳанаш ба бар гирем,
Биё, меваҳои саодатро
Зи шохаҳои дастамон самар гирем.

---

[1] Ғадр – бевафоӣ, фиреб.

Биё, биё, зи дасти ҳамдигар гирем,
Биё, болу пари умед бикшоем,
Биё, зи домани шамсу қамар гирем…

Ҳамин рӯз охирин рӯз аст…
Биё, рӯшан шавем аз ӯ,
дар ӯ монем,
Биё, бо ҳамин обрӯ монем…

Биё, аз ин рӯз рӯзӣ барем шодиро,
Мисоли рӯз дилкушодиро.

Ҳамин дидор охирин бахт аст,
Биё, ки ҳамдигарро ба чашми ҳамдигар гирем.

Биё ба ҷуд, ҷудо нашавем аз ҳам,
Биё ба раҳм, раҳо нашавем аз ҳам.

Ҳамин ишқ охирин ишқ аст,
Биё, варо зи кӯҳнаколои умедҳои фарсуда
бурун орем.
Бараҳнааш кунему аз ҳарири дил,
Ба ӯ ҳазор пираҳани лолагун орем.

Ҳамин ғуруб охирин ғуруби марғуб аст,
Биё, ки зиндагӣ хуб нағз асту
нағзтар хуб аст.

Биё, ки ҳамин ман охирин Мани туям,
Биё, ки ҳамин ту охирин Туи манӣ.

Биё, ки ман зи рӯи ту рӯшанам,
Биё, ки ту зи рӯи ман рӯшанӣ.

Биё, биё, ки фардо намерасад дигар
В-агар расид, боз ҳам охирин аст,
охирин аст,
чу охирин соғар…

Биё, биё, ки охирин барф аст..,
Биё, биё, ки охирин шодист.., охирин рӯз аст..,
Биё, биё, ки охирин ишқ аст.., охирин дидор..,
охирин ғуруби ғамсӯз аст…

*9 декабри с. 2007.*
*Шамбарӣ*

## ЧӢ ГУНА МАРД БОЯД БУД

Чӣ гуна мард хоҳӣ буд…?!

Шикасти дардноки бовари худро
Ҷавонмардона бо як ханда истиқбол созу
ғуссаро бо як табассум куш,
Биё, бо ин ҳавои дардноки рӯзгор оғушта кун оғӯш…

Чӣ гуна мард хоҳӣ буд…?!

Даме, ки муттакои бовари ту бишканад,
бархез,
Ки қадду қомататро муттакои боварат созӣ…

Тани урёни ғамро бо қабои ҳимматат пӯшон,
Ба майдони муҳаббат ошкоро рав,
Садоқатро рафиқи худ,
Вафоро довари худ хон!

Чӣ гуна мард хоҳӣ буд…?!

Ғаматро гулхане дар базмҳои шодмонӣ кун,
Сукути пандрезатро забони безабонӣ кун,
Биё, дар ин замин як зиндагии осмонӣ кун…

Чӣ гуна мард хоҳӣ буд…?!

Ба рӯзи мурданат лабханд дар лаб арғувонӣ кун,
Ба рӯзи мурданат дар марги худ ҳам зиндагонӣ кун…

*10.11.2009*

## ПЕШВОЗИ ОФТОБ

*Мирзо Турсунзода гоҳе баъд аз сафарҳои тӯлонӣ ҳангоми дамидани субҳ ҳамроҳи ёрони худ мерафт бо ҷому бода бар баландиҳои Фахробод ва менишаст ба истиқболи хуршед.*

Кист марде, то барояд пешвози Офтоб?
Кист марде, то бихезад дар намози Офтоб?
Кист марде, то барояд субҳидам хуршедсон
Ҳамчу рози Офтоб?

Ростӣ, оё кадомини шумо
Мебарояд пешвози офтоб?!...

Ончуноне, ки гаҳе Мирзои Турсунзода бо ёрон
Нодамида субҳ, бо ҷому шароб
Дар баландиҳои Фахробод мебиншаст.
Дар баландиҳои завқу табъу нусрат,
Андар он меъод мебиншаст.

Ид буд ӯро тулӯи офтоб,
Рӯй меҷуст ӯ зи рӯи офтоб,
Бодаи саршори нерӯбахш менӯшид
Дар сабӯяш аз сабӯи офтоб...

Баъд бо хуршеди тобон
Мефуромад аз баландиҳо
худаш хуршедсон.
Аз ҳамин рӯ буд рӯйи офтобӣ дошт,
Рӯйи рӯшан, рӯйи рӯзафрӯз, рӯйи бениқобе дошт.

Нурафшону дурахшон буд ӯ,
Ҳамчунон хуршеди хандон буд ӯ.

Ростӣ, оё кадомини шумо
Мебарояд пешвози офтоб?!...

Ҳамчу Турсунзода бо қалби кушода,
Бо рафиқу ҷому бода...

*31.03.09.*

## МО ҲАМ МЕРАВЕМ

Рафтанд ёрон як ба як, як рӯз мо ҳам меравем,
Чархида бо чархофалак як рӯз мо ҳам меравем.

То дарки ҳастӣ мекунем, то тарки мастӣ мекунем,
Худ бехабар, худ бедарак як рӯз мо ҳам меравем.

Як умр мо ғам хӯрдаем, оё ки ғам кам хӯрдаем?
Аз ин ғамон бар он ғамак[1] як рӯз мо ҳам меравем.

Бурдем мо, бурдандамон… Охир кӣ бурд, охир кӣ монд?
Бо барбариву барбарак як рӯз мо ҳам меравем.

Дар партави ишқу ҳавас дар осмон пар мезанем,
Парво накун, бо парпарак[2] як рӯз мо ҳам меравем.

Дар пардаҳо парпарзанон парҳои мо шуд пар-парӣ,
Бе болу пар аз ин парак[3] як рӯз мо ҳам меравем.

Толеъи моро кӣ навишт, оё кӣ кишт, оё кӣ ҳишт,
К-аз кишти саҳро чун сарак як рӯз мо ҳам меравем.

Шафқат надорад зиндагӣ, эй дӯст, эй ёри шафиқ,
Сад шавқ дар дил чун шафақ як рӯз мо ҳам меравем.

Ҳаққо, ҳақиқат ҷустаем, чун хӯшаи ҳақ рустаем,
Бо ҳақгузориҳо ба Ҳақ як рӯз мо ҳам меравем…

*22.09.2009*

[1] Ғамак – хонаи пасти хурд, ҷои танги камҳаво, киноя аз гӯр
[2] Парпарак – болу пар задан, тапидан
[3] Парак – харсанги шах, сангпораи овезон

## БЕХАБАРИ ХУД

Бохабар аз ҳама кас бехабари худ мондӣ,
Бар сари ҷумла кунун бебасари худ мондӣ.

Дар кушодӣ ба ҳама, ҷома бидодӣ ба ҳама,
Тани урён, сари луч пушти дари худ мондӣ.

Аз сафарҳо бигузаштӣ, сафари охир монд,
Ҳамсафар бо ҳама кас ҳамсафари худ мондӣ.

Эй раҳо карда касонро зи хатар, дар хатарӣ,
Аз хатар раста басо, дар хатари худ мондӣ.

Дар ҳазар гарчи ту будӣ гаҳ аз ину гаҳ аз он,
Аз қадар бин, ки дигар дар ҳазари худ мондӣ.

Корагар нест кунун коргаре дар корат,
Кора бар кор нашуд, корагари худ мондӣ.

Бигузаштӣ зи ҳама гарчи дар умри гузарон,
Ҳиммате боз, ки дар даргузари худ мондӣ.

Сангҳо чида басе аз сари роҳи мардум,
Оқибат дар раҳи худ чун ҳаҷари[1] худ мондӣ.

*18.02.2008*

---

[1] Ҳаҷар – санг

## ГИРЯ КУН БО МАН

Гиря кун бо рози пинҳон, гиря кун бо ман,
Бе садо, бо сӯзи виҷдон гиря кун бо ман.

Ашк зеби чашми мардон нест, медонам,
Гиря кун бо дарди ҳиҷрон, гиря кун бо ман.

Ҳар куҷо ашке агар мерехт, мечидам,
Ашкҳо дорам фаровон, гиря кун бо ман.

Ашки худро доштам дар рӯзи марги дӯст,
Дар хиёнатҳои ёрон, гиря кун бо ман.

Вой бар ин содагиҳои дили покам,
Ман худам донам, худат дон, гиря кун бо ман.

Ҳар куҷо некӣ ба кас кардам, ба ман бад кард,
Ёри ман шуд душмани ҷон, гиря кун бо ман.

Гӯри ишқи мурдаи худро намеёбам,
Дар сари ҳар санги беҷон гиря кун бо ман.

Шояд ин санг об гардад, з-оташе, ки ҳаст
Дар зулоли ашк пинҳон, гиря кун бо ман.

Ман худам як қатра ашкам бар сари мижгон,
Рез борон, рез борон, гиря кун бо ман.

*20.02. 2008*

## ТУ ТАНҲО НЕСТӢ

Агар дар мулки бегона ғарибу бенаво монӣ,
Агар беболу пар дар сад балое мубтало монӣ,
Ту танҳо нестӣ, як зарра уммеди раҳо бо туст,
Худо бо туст, эй танҳо,
Худо бо ту, Худо бо туст.

Агар танҳои танҳоӣ миёни халқи бегона,
Ҳама дилмонда, дилбишкаста, зору хаста, бехона.
Ту танҳо нестӣ, як зарра уммеди намо бо туст,
Худо бо туст, эй танҳо,
Худо бо ту, Худо бо туст.

Агар ёрат хиёнат карду ногаҳ дӯст душман шуд,
Тамоми умр бемаъно, тамоми зиндагӣ фан шуд.
Ту танҳо нестӣ, як ҳолаи нури сафо бо туст,
Худо бо туст, эй танҳо,
Худо бо ту, Худо бо туст.

Зи номардии дунё аз ду чашмат об мерезад,
Хиёнат аз пасу пеши ту чун хезоб мехезад,
Машав навмед, ҳоло як умеди раҳкушо бо туст,
Худо бо туст, эй танҳо,
Худо бо ту, Худо бо туст.

Дар ин дайри ҷафопеша, дар ин дунёи пурасрор,
Раҳо шав аз ҳама, худро ба дастони Худо биспор.
Дар ин дунё, дар он дунё ҳамин як раҳнамо бо туст,
Худо бо ту, Худо бо ту,
Худо бо ту, Худо бо туст!

*20.05. 2009*

## ГУЛИ СЕБ

Ин қадар аз мағз-мағзи ҷисму ҷонат вошукуфтӣ,
Ин қадар дар нахли ҷон озодаву зебо шукуфтӣ.

Бо чӣ эъҷозе ту ин рози муҷаллоро бурун овардаӣ,
Ин шукӯҳи осмониро чӣ гуна
Аз дарун овардаӣ?!

Эй Худо! Ин аст ишқ, ин аст ишқ, ин аст ишқ,
Ин қадар бе мислу бе монанд рангин аст ишқ…

Барг-барг аз барг-баргат мешукуфад ҷисму ҷонам,
Бо ҳавое, ки нафас мегирам аз ту
Ин шукӯҳ, ин файз, ин эъҷози ҳастиро
Мекунам ҷо дар равонам.

Нусрати хайру саховат,
Накҳати меҳру саодат
Мешавад ҷо дар ниҳодам
Аз ниҳодат, аз ниҳодат, аз ниҳодат…

Эй Худо, бар мо чунин нерӯ бубахш
Чун дарахти себ будан,
Осмон бар сар чунин зебову бе осеб будан.

Ишқро бо накҳати ҷонбахши рӯҳафзо шукуфтан,
Аз сиришти тоза бо сад нусрату маъно шукуфтан…

*3.04.2010*

## АРҒУВОНИ ҒАРҚИ ГУЛ

Эй арғувон, эй арғувон,
Эй арғувони ғарқи гул,
Аз худ фурӯзон гаштаӣ
Чун барқи дил, чун барқи гул!

Эй арғувони армуғон,
Эй арғувони ғарқи ишқ,
Бишкуфтаӣ аз хуни дил,
Эй барг-баргат барги ишқ.

Ин гуна бояд рӯ занем
Аз мағзи ҷон, аз мағзи хун,
Ин гуна бояд во шавем
Аз банду арванди[1] дарун.

Гул руста аз худ, во шавем,
Як гулхани зебо шавем,
Аз маҳбаси ишқи ниҳон
Озодарӯ пайдо шавем.

Гӯё ту аз ман рустаӣ,
Ман аз ту мерӯям кунун,
Эй арғувони ғарқи ишқ,
Эй арғувони ғарқи хун!..

*4.04.2010*

[1] Арванд – иқтидор, таҷриба

# ЭЪЛОН

Дар қатори ҷумлаи гумкардаҳо
Мекунам эълон мани гумкардаи худро.

Дар ягон шаҳри умеде нестам,
Дар ягон паскӯчаи амре ва ё сабре
ва ё сӯзеву созе
Як нишоне нест аз ман…

Дар ҳудуди кӯчабоғи ишқ – он ҷойе, ки
ҳар гумкардаам меёфт,
ҳатто, нестам.

Эй Худо, ман нестам, ман нестам!
Он чӣ дар ман ҳасту бо ман ҳаст,
аз ман нест, бо ман нест…
Дар куҷое ҳастам, аммо…
Нестам бо худ…

Гарчи хобидам, нишастам, хестам,
Гарчи ҳам дирӯзу ҳам имрӯз гӯё зистам,
Лек ин ман нестам, ман нестам…

Он мани даъвогари ҳастӣ,
Он мани пирӯз,
Он мани ошиқ, мани содиқ
Он мани ҳар лаҳза пандомӯз…

Он мани дар худ фурӯзон
Бо чароғи рӯшани дида
В-офтоби чеҳраи хандон,
Он мани девори адлу дод,
Он мани аз доми бим озод,

Он мане, ки боварашро
рӯ ба рӯи ҷабри ноҳақ
Чун сипар медошт.
Он мане, ки бори чанд афтодаро
Бар дӯш бармедошт…

Ёфт хоҳад шуд?
Боз хоҳад сӯи худ баргашт?

Дар сафи гумгаштаҳо номи маро
акнун нависед!
Кӣ чӣ гуна метавонад ёфт, оё
То ки вопас бозгардонад маро?!
Аз куҷо, аз нокуҷо, аз бекарон, беинтиҳо…

Ман, ки дар ин бехатиҳо
рафтаам пайваста аз худ,
Ман, ки дар он нокуҷоҳо мондаам… Падруд!

*19. 07.2009*

## БОЗГАШТ

Бозмегардам, ман акнун бозмегардам…
Бар варои худ,
Бар ҳамон ҷойе, ки худро мондаву рафтам,
Бозмегардам барои худ.

Бо хато, бо иштибоҳоти зиёд
Хондаам дар мактаби ишқ.
Борҳову борҳо дар соли пешин
Мондаам дар мактаби ишқ.

Будаам дар мазҳаби сидқу самимият,
Мазҳаби он содабоварҳо, ки умре
Пешпой мехуранду панд мегиранд,
Содалавҳоне, ки умре ишқ мекоранд,
Ҳосил аммо фанд мегиранд…

Бозмегардам, ман акнун, бозмегардам,
Бар варои худ,
Боз мегардам барои худ.

То ки аз дасти худам гирам, барам
То ба чашмони худам бидҳам нишон.
К-он чи пеш аз ин намедидам, бубинам,
То зи ҳар барги гул, аз ҳар зарраи хуршед
Бахту шодиро бичинам.

То даме, ки дида аз дидори ҳастӣ сер нест,
Дер ҳаргиз нест, ҳаргиз дер нест.

То гуле мерӯяд аз ин хок,
Мурғаке то болафшон
Менамояд ин ҳаворо пок,
Зист бояд, зист бояд,
зист бояд бо дили бебок…

Ҳиммати сабзидани як сабза аз худ,
Ҳиммати рӯйидани гул аз ниҳоди хеш
Гар набошад дар ниҳоди мард, номардист,
номардист, номардист!!...

*16.01.2010*
*Хоҷа Оби Гарм*

## ТАНҲОТАРИН ТАНҲО

Раҳбори рафтанҳо манам,
Дар дори ин фанҳо манам.
Як беманоат[1], бе мане,
Аз ҷумлаи манҳо манам,
Танҳотарин танҳо манам…

Бо чак-чаки борони шаб,
Чун ҳасрате дар ҷони шаб,
Бо мӯяҳои бесадо
Рӯе ба рӯшанҳо манам,
Танҳотарин танҳо манам…

Ҳамроҳи борон рехтам,
Бо ашки чашмон рехтам,
Рафтам ман аз худ, маншае
Дар ҷони беманҳо манам,
Танҳотарин танҳо манам…

Як номаи барги гуле
Як нолаи дарди диле,
Як гулхани гулворае
Дар шонаи шанҳо манам,
Танҳотарин танҳо манам…

Бо садҳазорон ҳамнафас,
Бе ҳамнаво, бе додрас.
Зангӯлаи дил дар кафам,
Дар тори кавданҳо манам,
Танҳотарин танҳо манам…

---

[1] Маноат – бузургӣ.

Ҷони маро аз тан маҷӯ,
Дигар маро аз ман маҷӯ,
Аз дуди оҳам дудае
Дар чашми равзанҳо манам,
Танҳотарин танҳо манам…

То охирин нури нигаҳ,
Чашмам чароғи рӯи раҳ,
Ман лонаи ёди туям,
Маънои маъманҳо манам,
Танҳотарин танҳо манам…

*18-19.01.2010*
*Хоҷа Оби Гарм*

## НАВБАТИ ПОДОР

Ин чӣ навбате, бингар, к-андар он ҳама гӯшанд,
Мераванду хомӯшанд, мераванду беҳушанд.

Ин чӣ навбате, бингар, к-андар он ҳама ҳастанд,
Гарчи зираку нодон, ҳушёру ҳам мастанд…

Нест андар ин навбат ҳеҷ шахси бенавбат,
Нест кас ба даъвои даргузаштан аз ин хат.

Ҳеҷ кас ба симу зар ё шиносиву хешӣ,
Бо рибо намеҷӯяд аз каси дигар пешӣ.

Балки навбати дард аст, балки навбати мурдан,
Навбати хазон гаштан, пажмуридан, афсурдан.

Андар ин қатори ҳақ ҳеҷ рӯи хотир нест,
То бурун равад аз он ҳеҷ шахси қодир нест.

Бингар, ин ки дорое дар канори нодор аст,
Шоҳ ё ки пайғамбар андар он ба ночор аст.

Сарвару гадо ин ҷо бо ҳаманду ҳамсонанд,
Маснаде касеро нест, дар баҳои инсонанд…

*21.06. 2009*

## БИЁЕД ДИЛЕРО…

Биёед, дилеро ба дилдор расонем,
Биёед, гулеро ба гулбор расонем.

Биёед, дареро кушоем, ки худро
Зи пиндор рабоем, ба дидор расонем.

Биёед, переро кушоем, ки парво
Зи паргор[1] бароем, ба паргор[2] расонем.

Ба ҳар тор навозем навои азалро
Аз ин торами тор ба он тор расонем.

Аз ин дор, аз ин ёр раҳонем, ки худро
Ба он тор барорем, ба он ёр расонем.

Ба исрор бихоҳам, ки худро ба сад изҳор
Аз изрор барорем, ба исрор[3] расонем.

*29.11.2009*

---

[1] Паргор – доира.
[2] Паргор – раҳ, чора.
[3] Исрор – барои нафъи дигаре аз манфиати худ гузаштан, бахшидан.

## ЯК ХАМӮШАК

Як хамӯшак, як хамӯшак
Бо ҳама ин нотавонӣ, беравонӣ, безабонӣ
Мегазад моро, ту донӣ,
Ошкорову ниҳонӣ...

Як хамӯшак бо ҳама бехунии худ
Хуни моро мемакад...
Бин, ки як ноҷинсаки ношуд,
Нест гарчи беш аз он гарде, ки бод овардааст,
Ҷинси одамро ба дод овардааст...

Рӯзу шаб дар ҳилаи ҳоли забуни мост,
Масти хуни мост,

Як хамӯшак, як хамӯшак,
Бин, агар худ ҳеҷ чизе нест,
Бо асабҳои ҳама, ҳар лаҳза дар бозист.

Пеши ӯ мо ҷумла ночорем,
Аз таҷовузҳои бераҳмонааш
то субҳ бедорем.

Кай писанди ӯст Қорун?
Кай писанди ӯст қонун?
Як хамӯшак аз тани мо мемакад хун...

Мо ки бо нохун ҳама шаб дасту по кандем,
Аз ҳавои тоза худро карда маҳрум,
Шаб дару тирезаҳоро сахт мебандем.

Хештанро чун асирон
Моварои парда мегирем.

То ки аз ҷабраш раҳо ёбем,
Дар пайи сад гуна тадбирем...

Эй Худо, мо бандаи хомӯшакем?!
Мо мазоҳу хандаи хомӯшакем?!

Як далере нест бе биме хамӯшак,
Шарзашере нест бе биме хамӯшак.

Як хамӯшак, к-он қадар шоҳу амирон дидааст,
Он қадар беэътино бар тоҷҳошон р...-аст.
Бе ибо бар чашму рӯшон низ.

Эй паланг, эй шер, эй инсони оламгир!
Эй ҳама воломақомон, эй ҳама шоҳу вазир!
Кист дар байни шумо мавлои олам?
Мондаам дар шак...

Як хамӯшак...
Як хамӯшак...

*2-6.02.2009*
*Хоҷа Оби Гарм*

## ДАР ҲОШИЯИ «КИМИЁИ САОДАТ»-И ИМОМ ҒАЗОЛӢ

Эй дареғи мо, дареғи мо, дареғи мо!
Ҳайфи қомат, ҳайфи ин кӯҳи ситеғи мо!

Умри мо беҳуда рафт аз мо, ҳама беҳуда рафт,
Синаро дар сахраҳои бесариҳо суда рафт.

Номамон Фарзодаву Фаршеду Фаррух буд, лек
Дар фаросӯи ҳама фарҳоямон фарсуда рафт.

Вақти он омад, ки аз худ оқибат пурсем:
Оё кистем?!
Мо, ки бар ҷои забонҳои ҷаҳон
Як забони модариро ҳам надонистем,
Аммо зистем!

Бо ҳама ин дар фурӯғи ман-манӣ,
мастиву кайфи мо
Ҳайф! Ҳайфи мо!

Бо дурӯғу бо фиребаш рафт ин умри азизи мо,
Гар тамизе ҳам ба зоҳир доштем,
Бетамизиҳо ба ботин буд симои тамизи мо.

Зиндагӣ баракс мекардем,
Худпарастӣ, худфиребӣ буд
бедармон маризи мо.

Ҳар куҷо бунёд мебоист кардан, мешикастем,
Ҳар куҷо пайванд мебоист кардан, мегусастем.

Бар лаби мо ҳарчи ҳарфе буд, бар акси суханҳои
дили мо буд,
Ҳар тақаббул, ҳар тақаддум дар масири мо
фароакси тақозо буд,
Акси мо бе акси мо буд…

Мор будан беҳ набуд аз одаме, ки
Кинаро чун мор андар дил ниҳон медошт.
Ақрабе будан набуд беҳтар аз он мое, ки
заҳрашро ҳамеша
Дар ниҳон медошт.

Эй дареғи мо, дареғи мо, дареғи мо!
Ҳайфи қомат, ҳайфи ин кӯҳи ситеғи мо!

Дасти гиро дод моро, баста онро зистем,
Чашми бино дод моро, баста онро зистем,
Дар як олам, дар як одам, бо ҳама бегона,
аммо, зистем.

Оҳу воҳу доду вовайло ҳама моем,
Бе паю бе пою бе пайдо ҳама моем.

Ин ҳама манхоҳии мо беманист,
Ин ҳама танхоҳии мо бетанист,
Ошиқиҳои ману ту душманист.

Рӯ ба меҳроби Ватан овардаӣ бо худ риборо,
Ҳам худатро мефиребӣ, ҳам Худоро!

Порахоре, бин, ки мехонад намоз,
Бадсиголе, бин, зи ишқи пок дорад арзи роз.

Гург дар ҷилди шубон шуд ин қадар бисёр,
Суд бе суди худаш н-ояд ба кор.

Ин ҳама бедод шуд аз додгоҳ,
Бегуноҳӣ шуд гуноҳ,
Рӯи ҳастӣ шуд сиёҳ.

Эй ту, симои ҷаҳолат, эй ту, самои фиреб,
Гарчи боло мешуморӣ, меравӣ аммо нишеб,
Ҳам хабаркаш, ҳам ҳасуду кинавар,
Эй, ки ҳоли туст аз маймун батар!..

Аз шумо як фосиқи ошиқ басо беҳ асту пеш аст,
Чунки меҳре, гар ба дил дорад,
на танҳо баҳри хеш аст.
Аз шумо майхорае беҳтар, ки
бе макру зиёну безарар,
бе нешу реш аст.
Аз шумо як кӯкнории ба роҳи худ
Беҳ бувад, чун зинда бошад бо салоҳи худ.

Инак акнун бо шумо падруд,
Судҷӯёни ҳама бесуд,
Машҳади фардоятон машҳуд[1]…

[1] Машҳуд – ошкор.

## МОНДА ЛОШӢ

Дар насими сарду овои калоғон
Меравад поиз… пар-пар мезанад
Ҳамчу мурғи лонавайрон…

Монда лошӣ[1] дар бари полезҳо,
Монда лошӣ дар баландои дарахтон,
Монда лошиҳо ба сақфи токҳо ҳайрон…

Ин хазонакҳо ҳазинам мекунанд,
Ин пасочинҳо дуруди вопасинам мекунанд…

Баргрезон, баргрезон меравад поиз,
Болафшон ҳамчу мурғон меравад поиз.
Аспи ёдам, аспи ёдам, аспи ёди ман
Мезанад дар боғҳои тирамаҳ маҳмез…
Лек умри рафтаро ӯ дарнамеёбад,
Ҳар қадар дигар битозад тез.

Дер мекардӣ ҳамеша, дер, дер…
Дар муҳаббат дер кардӣ, ёр рафт,
Дар садоқат дер кардӣ, ор рафт.
Нӯшдору дер омад, ҳайфи он Сӯҳроби ял,
Дар ҳама ҷо дер кардӣ, дер кардӣ, дер кардӣ,
Дод! Кор аз кор рафт…

Бодҳои сард меоянд,
Меравад поиз…

Монда лошӣ дар бари полезҳо,
Монда лошӣ дар баландои дарахтон,
Монда лошиҳо ба сақфи токҳо, ҳайрон…

---

[1] Лошӣ – охири палак. Меваи дастнораси нӯги навдаҳо баъди ҳосили асосӣ, хазонак, хӯшаҳои ангури боқимонда дар нӯги ток.

## КУШТАНИ ХУД

Ман нахустин бор худро куштаам,
вақте ки «не»-ро гуфтаам «ҳа».
Бори дигар ман худамро куштаам, вақте нагуфтам
Вожаи изҳори ишқамро,..
Куштаам худро, даме ки куштаам норехта
Андаруни дидагони худ сиришкамро…

Ҳамраҳи он бӯсаҳои кушта дар лабҳои худ ман
куштаам худро,
Ҳамраҳи фарёдҳову розҳои кушта бо фан
куштаам худро,
Ҳамраҳи уммедҳои куштаам дар дил
ба хун оғуштаам худро.

Кушта, кушта, кушта худро омадам,
Дар фано оғушта худро омадам,
То ки инак, пеши худ ё пеши виҷдонам
Зору ҳайронам…

То ки инак, пеши худ ҷуз наъши беҷон нестам,
Ғайри як марде, ки бо худ монда
дасташ дар гиребон,
нестам…

Инак ин ман,
Мебарам наъши худамро,
Ё ки наъшам мебарад бо худ маро…

Эй Худованди кариму меҳрубон, моро бубахш!
Пештар аз мурдани худ мурдаем,
Наъши худро дар тани худ бурдаем.

*9.11.2009*

## ЁБАМ ТУРО

Ба ҳар дармони худ ёбам туро ман,
Шавам пазмони худ, ёбам туро ман,
Дар он рӯзу шаби торики торик,
Ба нури ҷони худ ёбам туро ман.

*13.12.2007*

## ҲАР ЧӢ ДОРЕМ…

Ҳарчи мо бо худ биёрем, ин дил аст,
Ҳарчи мо пешаш гузорем, ин дил аст.
Сурати мо, сирату аъмоли мо
Нест чизе, он чӣ дорем, ин дил аст.

*13. 12. 2007*

## РОҲЕ, КИ БА САР РАВӢ

Роҳе, ки худаш барад, кадом аст?!
К-ин роҳ на он раҳи тамом аст…,
Роҳе, ки ба по равӣ, бимонӣ,
Рафтан ба сар андар он мақом аст.

*13. 12. 2007*

## БИСПУРДААМ

Бӯсаҳоро бо сабо биспурдаам,
Ғуссаҳоро бо наво биспурдаам.

Гармии сар, гармии дилро, бигӯ,
Бо киҳову бо киҳо биспурдаам?

Дастовези ҷавонӣ доштам,
Нест ёдам, дар куҷо биспурдаам.

Гарчи ҳар чӣ доштам бо меҳри дил,
Бо тақозои вафо биспурдаам.

Хатту холат бурд ё хатми худам
То хатамро бо хато биспурдаам.

Моҳии шавқи диламро бехабар
Ман ба селоби бало биспурдаам.

Ҳастиямро мастиям бо хеш бурд,
То фанамро бар фано биспурдаам.

Эътимодам нест дигар бо касе
Ман туро, ҷон, бо Худо биспурдаам.

Ҳар чӣ бо ман буд, додам, монд ҷон,
Ҷон ба ҷонбахши бақо биспурдаам.

*24.08.2009*

## КИСТ ИН БЕГОНА, КИСТ?

Андар ин шаҳре, ки дар он ҷумла
бо ҳам ошноянд,
Ҳеҷ кас дар асл нашносад касеро…

Ҳеҷ шахсе нест дар ин ҷо, ки ҳатто
Хешро андак шиносад…

Ин ҷаҳони ношиносони шинос.

Ин шиносоист оё
Як фақат донистани ному суроға, касбу кор?...

Як фақат бо ҳамдигар будан
Бехабар аз асли ҳамдигар?

Як суоле бар ману ту:
Ростӣ, оё ту худро мешиносӣ?

Рӯ ба рӯи худ ба ҳақ биншин,
Ба чашми ҳақ нигар,
Ношиносеро, ки умре дар ту буд,
аз ӯ бипурс, ӯ кист…

Ростӣ, худро намедонем!

Гар намедонем худро,
Дигаронро чун шиносем?
Ин сипеҳри бекаронро чун шиносем?
Он фалониву фалонро чун шиносем?

Ношиноси ҳамдигар мо зистем,
Ношиноси ҳамдигар мо дӯст будем,
Ношиноси ҳамдигар ошиқ…

Оқибат дар рӯ ба рӯи худ нишаста
Дар фазои шубҳа мемонам, ки ин ман кист?
Ин ки дар ман буду бо ман буду ӯро зистам,
Аз дилаш, аз умқи ҷони ӯ хабар дорам?
Ӯ маро оё ки медонист?

Кист дар ман, ин мани ноошное, ки
маро ӯ банда буд,
Хандаҳояш гиря буду гиряҳояш ханда буд?...

*08.2009*

## ОШИҚЕ ДАР САРМО

*Дар ҳавои шеъри «Зимистон»-и*
*Ахавони Солис*

Чӣ сармои шигифтангез,
боди тундтар аз кордҳои тез!
Мани ларзон ба худ печида аз сардиву саргардон
Занам дандон ба дандон бо хаёлоти ҳавасомез.

Ҳама ҷо мурда гулхан, чеҳрҳои одамон
дар пушти садҳо парда пинҳон аст,
Ҳама ҷондору беҷон дар ғаму талвосаи ҷон аст.
Фақат як гулхани кучак даруни синаи ман
аз шамоли сард тап-тап мезанад, аммо
Фурӯзон аст.

Чароғи хонаат бар ҳоли ман механданд аз боло.

Мани хаста, дари баста,
Умеди борҳо чун риштаҳое кандаву баста…

Даратро боз кун, бикшой!
Кушо, эй дар паси девори дар,
эй дар паси девори дил танҳо,
Наҷотам деҳ!

Раҳонам аз дами дайҷур, ин деви сиёҳи шаб,
Ҳаёро сӯи дигар мон, ҳаётам деҳ.

Манам ҳайратзада аз ҳайбати сармо
Ки ҳар дам мезанад бар пайкарам бо сӯзани сӯзон

Силоҳам нест бо дайҷур
ғайр аз чак-чаки зангӯлаи дандон.
Ки аз сармо занад чун путк бар сандон.

Тамоми рӯи оламро бигаштам, ҷойи дигар нест,
Дари худро кушо, балки дари дилро.
Худоё, олами ту рӯшану гарм аст,
Чӣ ҷои тарсу биму шубҳаву шарм аст?!

Кушо, ман омадам бо як ҷаҳон уммедҳои гарм,
Кушо, гулдастае аз бӯсаҳо дорам.
Кушо, он қадр дорам дар дилам хуршедҳои гарм,
Кушо, к-аз дидагони ту зудоям ашк,
Кушо, то хонаатро пур кунам аз ишқ.

Ту ҳам дар ин зимистони хунук танҳои танҳоӣ…
Ба ман як пора гармӣ бахш,
Гулистони диламро гир,
Фару файзи фаровони диламро гир…

Агарчи хонаат гарм аст, медонам, дилат сард аст,
Диле, ки ташнаи дидори як мард аст.

Кушо дарро, кушо, эй ҷон, наҷотам деҳ,
Дили ман бо дили танҳои ту ҳамнабзу ҳамдард аст.

Ту бикшо, зуд бикшо, зуд,
Бигирам аз кафи тақдир!
Дари дигар зи пушти сар
Мабодо во шавад, балъад маро бар ком,
монӣ дер…

*18.09.2009*

## ПИРМАРД

Дастларзон, пойларзон...
Бо шуои вопасини хираи анвори чашмон,
Ҷуста роҳашро,
Як асо чун мутаккои охирин дар даст,
Меравад тик-тик шумурда
Ҳам савобу ҳам гуноҳашро.

Бо азобу ранҷҳо
 як-як қадам биспурда меояд,
Мурдае чун зинда меояд,
Зиндае чун мурда меояд...

Ин ҳамон мардест фармонҳо ба имзо мерасонид,
Он замон дасташ намеларзид...
Ин ҳамон марде, ки аз ҳар ину ҳар оне наметарсид.

Ин ҳамон марде, ки андар базмҳое
Бо сарону бо вазирон
Ҷомҳо саршор бар комаш фурӯ мерехт.

Дар навои сарбаландӣ,
Шӯри мастиву ҷавонӣ,
Дар сари як пой мерақсид...

Хокҳои даҳрро мебехт...

Дастларзон, пойларзон мерасад ҳар рӯз
Аз ҳамон гулгаштҳо, аз роҳҳо,
Аз ҳамон даҳлезу аз толорҳои
 рӯзгорони гузашта.

Дар танаш ҷон нест,
Ҳаст як чизе шабеҳи ҷон
Монда аз ҷони гузашта.

Мерасад ҳар рӯзи дигар ҳам ба оҳанги суроғ
Дорад ӯ бовар, ки хоҳад ёфт
Нури чашми рафтаашро, зӯри дасташро,
Шӯру шасташро.

Пирмард! Эй пирмард!
Ҳар чӣ гум кардӣ, паноҳаш бар Худо,
Гум макун дар бозгашти худ даратро.
Дор бо худ, дор бо худ, дор бо худ
Мутаккои охиринат,
Охирин ин боваратро.

Дастларзон, пойларзон гом зан, эй пири фарсуда,
Бедареғ аз ҳарчи буда,
Эй сурудатро суруда,
Эй дурудатро друда!

Эй Худо, беҳуда мекобӣ дигар,
Он чӣ гум кардӣ, намеёбӣ дигар.

Гом зан, аммо, биёву гом зан,
Як дари дигар ба рӯят монда ҳоло нокушуда.

Як дари асрор, як дарвозаи рози дигар,
Як дари оғоз,
оғози дигар.

*2.02.2009*
*Хоҷа Оби Гарм*

## ТАБАССУМИ РАҲГУЗАР

Мешавад гоҳе, табассум мекунад
Ҷониби ман ношиносе, раҳгузар...
Гӯиё меафканад бо ин табассум сӯи ман
Як гули садбарги тар,
Бар сарам бо ин табассум
Гӯӣ мерезад гуҳар...

Мешавад гоҳе, табассум мекунад беихтиёр
Ҷониби мо ношиносе раҳгузор.
Эй Худо, хоҳад дилам, хоҳад дилам,
Ҷумла аз ин шева бошему ҳама аз ин диёр,
Аз диёри мардумони ханда бар лабҳо,
табассум дар узор...

Мешавад гоҳе, табассум ҳадя созад чун баҳор
Раҳгузоре сӯйи мо беихтиёр...

Як табассум – қатраи оби зулол,
Як табассум – як гуле аз як баҳор,
Як табассум – як шуоъ аз раҳмати Парвардигор.

Ношиносе гар табассум ҳадя кард, ӯ хайр хост,
Ӯ саломе гуфту арзи шодбошӣ кард,
Бо табассум нурпошӣ кард,
Бо табассум ӯ раҳи моро мунаввар кард, кошӣ кард.

Ношиносе гар табассум ҳадя кард,
Ҳамчу гул онро ту дар гулдони ёдат гир,
Ҳамчу нур андар ниҳодат гир.

Мешавад гоҳе, табассум мекунад
Ҷониби ман ношиносе раҳгузар,
Мешавад олам дигар,
Мекунам андеша он гаҳ:

Мо чаро монанди гулҳо нестем,
То ки он чӣ дар дили мо ҳаст,
дар рӯмон ҳувайдо бод?!

Мо чаро мисли дарахтон нестем,
То ҳама хайру сахову родмардимон
Чун самар дар шохаҳои даст пайдо бод?!

Мо чаро чун чашмасорон нестем,
То зулолу пок аз худ рӯ занем...?!

Мешавад гоҳе, табассум мекунад беихтиёр
Ҷониби мо ношиносе раҳгузор.

Ин табассум ҳамчу нури эзадӣ
Кош умре нурбахши рӯйи роҳаш бод!
Ӯ ҳамеша дар паноҳи ин табассум,
Ин табассум кош умре дар паноҳаш бод!

*Оғоз 30.03.09 Переделкино,*
*анҷом 9.04.09 Душанбе*

## ҲАРЧӢ БОДО БОД

Ҳарчи бодо бод!
Ҳарчи бодо бод!
Бо ту хоҳам монд
Ин шаби меъод!

Ҳарчи дорой дар бисотам ҳаст,
Ҳарчи нақди ҷон дар ниҳодам ҳаст,
Бо ту хоҳам дод!

Аз тааббудҳо, аз тааллуқҳо
Ҳамчу аз зиндон мешавам озод.

Ман на бо шайтон,
Ман на бо баҳмон
Бо ту хоҳам буд, эй дили озод!
Ҳарчи бодо бод!

Эй дари чашмат чун дари узмо[1]
Ман фидои ин қомати зебо.
Доди сад додӣ!
Доди доди дод!
Бо ту ҳамдодам
Ҳарчи бодо бод!

Пардаҳоро кан, бардагиро мон,
Ҳамраҳи ман бош,
Поку рӯшан бош.
Мекунам аз ту ман туро озод!
Ҳарчи бодо бод!

---

[1] Шаби узмо – шаби саодати бузург

Рӯди туғён шав,
Чархи гардон шав.
Ҳамчу гул, чун бӯ,
Чу ҳавас, чун бод,
Ҳарчи бодо бод!

Ман фаромӯшам,
Ман фароҳушам,
Бо ту меҷӯшам
Дар варои дод,
Ҳарчи бодо бод!

Мон, равам аз ёд,
Мон, равам бо бод,
То ба гардунҳо,
Дашту ҳомунҳо

Зинда бодо ишқ!
Ин шаби меъод!
Бо ту хоҳам монд,
Ҳарчӣ бодо бод!

*25.08.2009*
*Роҳи Бадахшон – Душанбе*

## АЗ ФАРО

Эй сурати пиргаштаву фарсуда,
Эй монда аз оташи ту дуду дуда.

Бикшудаӣ ту ҳазор банди мушкил,
Мондаст фақат мушкили ту накшуда.

Сад бор шукуфтаву хазон гардидӣ,
Акнун чӣ барӣ зи будаву нобуда.

Сад суд надорадат дигар суд, эй ҷон,
Осуда нишин кунун чу хоки суда.

Акнун, ки сурудаӣ суруди худро,
Фар рафту бимонд як тани фарсуда.

Фарҷоми ману ту ибтидои кор аст,
Фармони ману ту аз фаро фармуда…

*4.10.2009*

## ЧАРОҒ

Ба дастонат чароғ арчи равонӣ,
Ту дар бероҳаҳо дар раҳ бимонӣ…

Ту дар бероҳаҳо ҳаргиз намонӣ,
Чароғ андар ниҳодат гар равонӣ…

*09.2009*

## ҲАР ҚАДАР БОЛО БАРОЙ

Ҳар қадар боло барой, боз поён меравӣ,
Ҳар қадар ҷон парварӣ, боз аз сари ҷон меравӣ.
Ҳар қадар паймона гирӣ, умр бепаймон бувад,
Ҷамъ кардӣ гарчи умре, боз урён меравӣ…

*2008*

## ПОСБОНИ СОЯИ ХУД

Эй, ки умре баста андар пояи хешӣ,
Посбони бесурури сояи хешӣ.
Бесарона бо саре сармоя меҷӯӣ,
Нек бин, эй бесамар, сармояи хешӣ.

08.2008

## ДАР ХУДАТ ҶӮ

Дар замин ҷӯ, он чӣ гум кардӣ ту дар авҷи само,
Дар само ҷӯ, он чӣ гум кардӣ ту дар рӯи замин.
В-он чӣ дар ҳар ду ту гум кардӣ, маҷӯ аз ғайри худ,
Дар худат ҷӯ, дар худат ҷӯ, дар худат ёбӣ яқин…

*08.2008*

## МЕТАВОН…

Метавон озодагиро мояи озарм кард,
Метавон дар гулхани як ханда худро гарм кард.
Аз насими як нигоҳе метавон гул-гул шукуфт,
Метавон аз қатраашке санги дилро нарм кард.

*16.02.2009*

## МАРГ ОМАД

Марг омаду з-ӯ нест маро тарсу ҳазар,
Эй марг, биё, пайкари фарсуда бубар!
Ҳусни дилу нури чашму тоби ҷонро
Як-як додам… чӣ монд бо ман дигар.

## ИН МАСТӢ

Ин бода на он бода,
Ин мастӣ на он мастист.
Афсӯс, вале афсӯс
Ҳамсоғари хубе нест.

## БО САФО БОШӢ

Бо сафо бошӣ, сафо ҳам бо туст,
Бо вафо бошӣ, вафо ҳам бо туст.
Гар ту танҳоӣ ва ё бо ҳамаӣ,
Бо Худо бошӣ, Худо ҳам бо туст.

*21.03.2009*

## ХУДРО РАҲО КУН

Аё эй бандаи суду зиёнат,
Биё, раҳме бикун боре ба ҷонат!
Кушо банди тамаъ, худро раҳо кун,
Ба ғайр аз ту туро кӣ мераҳонад?!

## АГАР НУРЕ НАДОРӢ

Агар дар дидаат нуре надорӣ,
Дар он сурат дигар суре надорӣ.
Чаро беҳуда чанг аз раҳ барорӣ,
Агар сози раҳи дуре надорӣ?!

## ҒАМИ БЕҒАМӢ

Басе ғам додаӣ, ман низ хӯрдам,
Басе бад кардаӣ, ман низ бурдам.
Ғаме аз беғамӣ бадтар набошад,
Зи дарди беғамӣ ман зинда мурдам.

## БОЗӢ

Калоғатро ту бозе мешуморӣ,
Ҳаётатро ту бозӣ мешуморӣ.
Дар ин майдон ту маймунро бимонӣ,
Харатро аспи тозӣ мешуморӣ.

## ЧӢ ҲОҶАТ

Суруди ман барои ту чӣ ҳоҷат,
Даруди ман барои ту чӣ ҳоҷат.
Аё эй он, ки дар ваҷди вуҷудӣ,
Вуҷуди ман барои ту чӣ ҳоҷат?!

*13.02.2008*

## БО БӮИ БАҲОР

Бо бӯи баҳор бӯ ба бӯ боз биё,
Бо рӯи баҳор рӯ ба рӯ боз биё.
Покиза чу чашмаҳо бурун рез аз худ,
Бо ҷӯи баҳор ҷӯ ба ҷӯ боз биё.

## БАРХЕЗАМ

Рӯзе, ки ман аз сари ҷаҳон бархезам,
Аз ғурбату ғурму аз ғамон бархезам.
Побанди тани гарон бимонам дар хок,
Ё бо дили пок парзанон бархезам?!

## ЧАРОҒИ АШК

Чароғи ашк дорам дар нигоҳам,
Суроғат меравад як қомат оҳам.

## ЁДИ ПОК

Ёди поки ту нагардад пок,
Эй, ки меҳобӣ таҳи ин хок.

## ТАФРИҚА

Ту аз қотил ҳамин тафриқа дорӣ,
Ба тири вожа ҷон аз тан барорӣ…

## САЛОМАТ БОД!

Саломат бод! Эй гул! Ҳар нафас аз ман
саломат бод!
Тамоми шаҳду шарбат, шираи шодӣ
ба комат бод!
Ту бе ман ҷӯшу бе ман нӯшу бе ман пӯшу
бе ман кӯш,
Вале бе ёди ман гар лаҳзае бошӣ,
ҳаромат бод!
Саломат бод! Эй гул, боз ҳам аз ман
саломат бод!

## РӮИ БЕРӮ

Оҳ, баъд аз ҳазор берӯйӣ,
Чун ба рӯям нигоҳ хоҳӣ кард?!
Бо гувоҳи дили сафеди ман
Рӯйи худро сиёҳ хоҳӣ кард…

*07.2007*

## ЭЙ ТАН ЧУ ТАНАНД

Эй тан чу тананд[1] танфурӯше будӣ,
Монанд ба дан[2] баданфурӯше будӣ.
Ҳар пораи ҷисми мост гар ҷисми Ватан,
Майлат ба ватӣ,[3] ватанфурӯше будӣ.

---

[1] Тананд – тортан
[2] Дан – хуми калон
[3] Ватӣ – фоҳиша

## БУДӢ ТУ

Чист дар ин буди ту, беҳадафе шистаӣ?!
Гарчи чу як гавҳарӣ, дар садафе шистаӣ.

## ХУРШЕД ШАВ

Хуршед шав, рӯшан бимон,
Уммед шав, эман бимон.

*17.12.07*

## ЧУН БАРОМАД ШАМС

Чун баромад шамс, нураш
мерасад аз дуру ҳам наздик,
Солҳои мо зи ҳам дуранд,
дилҳомон ба ҳам наздик.

*10.12.2007*

## ҲАМДИЛ

Ҳамдарат гар нестам, хаммуддао ҳастам.
Ҳамсарат гар нестам, ҳамдил туро ҳастам.

*10.12.2007*

## ҲАСТИИ МО

Эй Худо, раҳми ту худ беинтиҳост,
Ин аноҳо ҷумла аз дасти аност[1].

Гуфт Эзид: «мо рамайта из рамайт»,
Мо камону тирандозаш Худост.[2]

Ӯ ҳама сират бувад, сурат маҷӯй,
Сураташ дар сирати некинамост.

Ин ҷаҳон майдони худсозӣ бувад,
Боқии ҳастӣ ҳама андар бақост.

Ин ҳама чуну чаро беҳуда аст,
Чунамон чуну чарои мо чарост?!

Бар бадӣ посух ба некӣ гуфтан аст,
Ҳастии мо[3], ин ҳама хатҳо хатост…

---

[1] Ано – ранҷ, машаққат, Ано – ман
[2] Мисраъ аз Мавлои Рум
[3] Сураи Фуссилат, ояи 34, Китоби Худо

## ЗАБОНДОНӢ

Рӯдҳо дар гуфтугӯянд, мо намефаҳмем,
Гулҳо сухане доранд, мо намефаҳмем,
Парандагон чизе мегӯянд, мо намефаҳмем,
Ҳатто дар сукути санг ҳам
Сухане ҳаст, ки мо намефаҳмем…
Чӣ ҷойи шиква аз забони рӯдҳову гулҳову
парандагон…
Мо ҳатто ҳамдигарро намефаҳмем,
Вақте ба забони худамон сухан мегӯем…

*12.12.2007*

## ДАР МАНӢ

Ба ту менигарам,
Туро намебинам,
Ки чашмони ман аз нишоти ту лабрез аст,
Мехоҳам туро бигирам,
наметавонам,
Зеро ту кайҳост дар ниҳоди худи манӣ…

*10.12.2007*

## ИН ЧӢ ОИН АСТ?

Ҳеҷ кас дар рӯзи сахтӣ
бар сурoғи ӯ наёмад,
Шоми навмедӣ ба сӯяш
чун чароғи ӯ наёмад.

Бемадоре дар мадори тангдастӣ менишаст,
Дилшикаста, уфтода, дар фарози сад шикаст.

Н-омаданд он рӯз иноне, ки имрӯз омаданд,
Баъди маргаш бо ҳазорон дарду бо сӯз омаданд.

Ин чӣ расмасту чӣ одат,
Ин дурӯғин раҳму шафқат,
Ин садоқат баъди мурдан?...
Баъди мурдан ин муҳаббат?...

Ин чӣ одобу чӣ рафтору чӣ мардӣ?
Чӣ тамиз аст?
Зиндааш бе қадр, аммо мурдааш ин сон азиз аст?!

Дар ҷаноза омадан аз рӯи одат,
Оҳу афсӯсу суханҳо аз садоқат…

*23.05.2009*

## ДИЛ ДАР ДИЛ

Дили ман ҳам диле дорад,
Ки ҳаргиз, ҳеҷ кас накшод...
На ман ҳам ҷуръате кардам, ки боре во кунам ӯро,
Бубинам чист дар ин хонаи аздод.

Дили ман ҳам диле дорад,
Ки ман ҳам худ надонистам,
дарунаш чист,
Ҳама ин оташи сӯзанда андар мағзи хунаш чист,
Ҳама ин озарахши озаринозин,
азобу озмунаш чист?!

Дили ман ҳам диле дорад,
Ки мегӯӣ асире баста зиндон аст
Ва ё як ношиносе ноҳаққу нашнохта, нораста
пинҳон аст.

Дили ман ҳам диле дорад,
Ки аз ман дури дуру дастнорас
мебарад бар сар,
Паси сад бораву сад дар...

Ва шояд андаруни он
Худи ман, асли асли ман бувад зиндон?!..

*31.03.2009*

## МӮСАФЕД

Эй зимистон, бо ту ҳамсонам кунун,
Барф бар сар, рӯ ба ҳиҷронам кунун...

Бо баҳорон сабзу хуррам будаам,
Болҳо бо барги гул бикшудаам...

Фасли тобистон, ки тобе доштам,
Бар ҳама табҳо танобе доштам...

Фасли поизам талоӣ будаам,
Дар шукӯҳи дилрабоӣ будаам.

Фасли сардам, фасли сардам омада,
Фасли оҳу фасли дардам омада.

Мисли ту, инак, шудам ман мӯсафед,
Мурғаки шодӣ зи шохи ман парид...

Дар нигоҳам монда танҳо зоғҳо,
Дар бари домони ту чун доғҳо...

Эй зимистон, бо ту ҳамсонам кунун,
Худ зимистонам, зимистонам кунун...

*5.02.2009*
*Хоҷа Оби Гарм*

## ОХИРИН ФАРЁД

Донг!.. Донг!.. Донг..![1]
Мезанам ман бонг,
Мезанам ман бонг,
Ҳоо...о...ой! Ҳоо...о...ой!

Ҳо...ой! Бозистед! Ин ҷо
Мӯракеро зери по карданду куштанд,
эй шигифт!
Ҳо...й! Бозистед! Ин ҷо
Як гули наврустаеро бесабаб
Сар ҷудо карданду афканданд
рӯи роҳи зифт...

Донг!.. Донг!.. Донг!..
Мезанам ман бонг
Ҳоо...ой! Ҳоо...ой!
Ҳо...й! Бозистед, мардум!

Нахлаке навруста ин ҷо
Ташнаву бетоб мемирад...
Рӯд бетоб аст, бетоб аст,
худ бе об мемирад.

Охирин гург, охирин гурги куҳистон
Тири сайёде ба пайкар
Меканад ҷон...

Охирин як арчаро аз бех бубриданд...

[1] Донг, донг – садои табл ё нақораи бузург

Мепаранду мераванд аз мо
Охирин кабк, охирин мурғон...

Мо ҳамон мӯрем,
Мо ҳамон гул,
мо ҳамон нахлем,
Мо ҳам онему ҳам инем,
Мо заминем...
Ҳамраҳи ҳар зоти он мо низ
мемирем...

Донг! Донг! Донг!
Мезанам ман бонг.
Ҳоо..о...ой! Ҳоо...ой!

Ҳоо...ой! Бозистед!
Дардо дард!
Ҳайфо ҳайф!
Додо дод!
Лек сад фарёд, сад фарёд, сад фарёд!
Охирин умедҳоям меравад барбод.

Ҳой мардум!
Ҳаст ҳоло, ҳаст ҳоло, ҳаст ҳоло
Охирин нахли шукуфон,
Охирин гурги куҳистон,
Охирин як арчаи маҷрӯҳҷон...

Монда оё, монда оё, монда оё,
Охирин мард, охирин марде дар ин майдон,
Охирини охирин аз зоти он мардон?!

*21.03.2009*

## МАН ХАТО КАРДАМ

Ман хато кардам,
Ба ёдам, ё ки беёдам,…
Иштибоҳан,
    як дари бегонаро бар худ кушодам,
Иштибоҳан,
Ман ба оғӯше, ки шояд
        аз барои дигаре во буд, афтодам…

Ман хато кардам,
Валекин дер фаҳмидам.

Бӯсаҳои ман рабуда,
Ҳеҷ гоҳ аз ман набуда…

Ман хато кардам,
Ба боғи дигаре,
Иштибоҳан омадам,
        ҳам иштибоҳан
Хӯрдам аз он меваҳое, ки аз они ман набуд…

Ман хато кардам,
Иштибоҳан бар ҳавопаймои дигар шистаму
        сӯи дигар парвоз кардам…

Ман хато кардам…

Ман хато кардам, ҳаёти ман ҳаёти ман набуд,
Ман хато кардам, нишоти ман нишоти ман набуд.

Ман хато кардам, ки умри дигареро зистам,
Чун бифаҳмидам, бидонистам, ки дигар нестам…

*30.02.2008*

## ДАР МУНТАҲО

*Бо ту дишаб то куҷо рафтам...*
*Ахавони Солис*

Ман куҷо будам? Куҷо рафтам?
Дар фурӯғи ту фурӯ рафтам,
Дар ту фар гаштам,
фаротар аз фаро рафтам...

То ҳамон ҷойе, ки пойе раҳ наёварда,
То ҳамон ройе, ки ройе раҳ наёварда.

Ман чу як боле, ту як боле,
Ҳар ду як мурғи хушиқболе,
Болафшон дар само будем,
Дар варои моваро будем,
Ин қадар зебо,
Ин қадар рангин,
Ин қадар пурнакҳату ширин,
Балки дар боғи Худо будем.

Ҳар нафас чун барги гул мерехт,
Набзи дил сози дуҳул мерехт.
Дар нафасҳо савти пирӯзӣ,
Рози дил чун сози дил мерехт.

Ғояти мастиву ҳушёрӣ,
Ғояте дар хобу бедорӣ,
Дар диёри Ҳа, Бале, Оре
Аз худу нохуд раҳо рафтем,

То кучоҳо, то кучоҳо, то кучо рафтем,
То ба ночун, ночаро,
то нокучо рафтем.

Аз ҳама чода чудо будем,
Аз ҳама дунё раҳо будем,
Дар шабистони бақо будем,
Бо Худо будем.

Он чӣ олам, он чӣ дунё буд?
Он чӣ маъбад, он чӣ маъво буд?
Он биҳишти поки рӯъёӣ
Дар кучову дар кучоҳо буд?
Дар кадомин чархи мино буд?

Оҳ, беохир дилам мехост
Бо ту дар он мунтаҳо бошам,
Инчунин банди ҳамон мастӣ,
Инчунин аз худ раҳо бошам.

Эй ту дониву Худо, боз ой!
Эй ту мифтоҳи бақо, боз ой!
Эй ту раҳдори раҳо, боз ой!..

Ман чу як боле, ту як боле,
Ҳар ду як мурғи хушиқболе...

*2.02.2009*
*Хоча Оби Гарм*

## НАВ О

Биё, то дар сафои ту бимирам,
Биё, дар пеши пои ту бимирам.

Агар сад бори дигар зинда гардам,
Барои ту, барои ту бимирам.

Маро сад бор куштӣ, зинда кардӣ,
Бимон, дар Карбалои ту бимирам.

Чу аз ту зинда ҳатто зиндагонист,
Ту мону ман ба ҷои ту бимирам.

Маро як сӯзи ту сад сози ҳастист,
Сазад, то ман сазои ту бимирам.

Барои ғуссаҳоят зиндаам дор,
Барои бӯсаҳои ту бимирам.

Расида ҷонам, эй ҷон, то ба ҷойе,
Бигӯ, то дар куҷои ту бимирам?

Зи ман нав рафтани ту низ нав нест,
Нав о, то дар навои ту бимирам.

*2.02.2009*
*Хоҷа Оби Гарм*

## ЭЙ ДАРАХТИ ЗОРУ ТАНҲО

Охирин барг аз танат афтод,
Эй дарахти зору танҳо, пайкари фарёд…
Эй ту доди ҷумлаи бедод!
Эй ту маъное дар ин миод.

Аз ту бурданд, он қадар бурданд,
Меваҳоятро басо хӯрданд…
Пас туро танҳо ба коми
бод биспурданд….

Орзуҳоят париданд аз барат,
Боварат рафту тиҳӣ шуд пайкарат…

Зинда кун уммедҳои мурдаро дар худ,
То баҳорони дигар худро расон,.
Ҳеҷ кас н-ояд ба додат,
Боз худро бо тавони худ раҳон…

Охирин нерӯи худро ҷамъ кун, бишкуф,
К-агар хушкӣ,
Андар ин даврони бебаргиву бебаркӣ,
Андар ин даврони сарди тор
Бе диранге бар сарат оянд
аз ҳар сӯ табардастон…

*26.02.2008*

## ВАТАН

Маро хору гули меҳан Ватан буд,
Маро як ёди ту дар ман Ватан буд.
Начустам ман Ватан аз хеш берун,
Дили пурдарди ман дар тан Ватан буд.

## АРЗИШ

Надорам ман дареғ аз рафтани ту,
На аз чашму лабу рӯву тани ту.
Ту дигар заррае арзиш надорӣ,
Манатро монда рафтӣ дар мани ту.

## ДИШАБ

Дишаб ҳама шаб сар ба сари ғусса задам,
Май рехтаму бо ғами маҳруса[1] задам.
Борон-борон бирехтам бо борон
Дарвозаи хонаи туро бӯса задам.

## БОРОН

Борон.., борон.., миёни мо борон аст,
Ашки дилу ашки чони мо борон аст.
Ду чашм ба ёди ту паси панчараат
Байни ману ту забони мо борон аст.

## 3-ОН ПЕШ

Шодӣ, ки гузашт, фасли ғам меояд,
Пирӣ ба сари мову ту ҳам меояд.
Шӯру шари синаро алам кун имрӯз,
3-он пеш, ки чойи ӯ алам меояд.

[1] Маҳруса – маҳфуз

## ДАР РӮЙИ ГУЛЕ

Дар рӯйи гуле рӯйи сафоро дидам,
Дар бӯйи гуле бӯйи вафоро дидам.
Дар ҳар гули покиза шукуфони баҳор
Эҳсони шукуфтаи Худоро дидам.

## МАЙ РЕЗУ…

Май резу бинӯш, резу нӯш, эй сода,
Бо бода ба бод бар ғами ғамбода.
Оне, ки ба ту ғуссаву дарду ғам дод,
Ӯ низ бидод баҳри таскин бода.

*2.02.2009*

## АШКОНИ АШК

Эй фурӯ афтода дар ашкони[1] ашк,
Мондаӣ чун сайд дар дандони ашк.
Ашкро чун шак[2] бишак аз шакли худ
Кай ту ҳосил мебарӣ аз дони ашк?!

## АШКИ ИШҚ

Ғарқ дар ашки худаш навмашқи ишқ,
Дасту почак мезанад дар ашки ишқ.
Ҳар қадар нӯшад, бимонад ташнатар,
Чунки пур аз ашк бошад машки[3] ишқ.

---

[1] Ашкон – чаҳор дандони калони пеш аз пасу боло
[2] Шак – шубҳа
[3] Машк – машки об, аз пӯст месозанд

## БО ИШҚ

Ҳоҳӣ, ки бимонӣ ба худат, мон бо ишқ,
Оинаи қудсиён бувад ҷон бо ишқ.
Бунёди ману ту кард Яздон бо ишқ,
Дар рафтани хеш вожа гардон бо ишқ.

*29.01.2009*
*Хоҷа Оби Гарм*

## ТУЛӮИ СУБҲ...

Аз гиребонат тулӯи субҳ кун,
Хандаро ханҷи[1] гулӯи субҳ кун.
Ғурбататро аз танат чун ғурм[2] рез,
Савқи[3] худро дар сабӯи субҳ кун.

## НА МО

Хастагӣ аз меҳр, аз ишқ, аз вафо?
Ҳар кӣ бошад, бош гӯ, аммо на мо!
Сабзаи норуста бисёр аст боз,
Ту фақат хуршеди меҳратро намо!

## ҶӮЙИ ҶӮ

Хобро бо оби чашмонат бишӯ,
Мутаккоро аз ниҳоди худ биҷӯ.
Ҷӯйи ҷӯ дар туст, аз худ ҷӯй ҷӯ,
Рӯйи рӯ дар туст, аз худ рӯй рӯ.

---

[1] Ханҷ – шодӣ
[2] Ғурм – зиён
[3] Савқ – рағбат

## ПОДАРНАВО

То кучоҳо меравӣ подарҳаво?
Бенавое меравӣ подарнаво.
Бо ҳавои худ ҳаворо кун дигар,
Чун наво аз тори шарёнат нав о!

## ПОМЕҲР

Помеҳри муҳаббату вафоӣ, Помир!
Помеҳри саодату сафоӣ, Помир!
Помеҳри навоиву навиди нурӣ,
Помеҳри башорату бақоӣ, Помир.

## ПОМИР

Фалак резад ситора бар сари ту,
Нишинад моҳу Парвин дар бари ту.
Ба Помир о, ки помеҳр аст ин ҷо,
Ҳама аҷсом бо меҳр аст ин ҷо.

*20.08.2009*
*Гармчашма*

## НАВРӮЗИ ВАТАН

Наврӯзи Ватан, Ватан муборак бошад,
Эҳёи гулу чаман муборак бошад.
Наврӯзи Ватан чаман-чаман гул дорад,
Боғи дили ман Ватан-Ватан гул дорад.

*Баҳори 2008*

## ДАР ЗИНДАГИБОЗОР

Дастае ҳаёро мефурӯшанд,..
Дастае вафоро мефурӯшанд…

Дастае балокорона ҳар дам
Бебало балоро мефурӯшанд…

Аз ҳавои даврон ронда даврон
Дастае ҳаворо мефурӯшанд…

Бо каломи ҳақ андар забоншон
Ё Худо, Худоро мефурӯшанд.

Додарон бародарро ба душман
Бурда ошкоро мефурӯшанд…

Дар талаб бувад чун ба бозор,
Бериё риёро мефурӯшанд…

Войи ҳоли мактаб! Войи дониш!
Лоҷарам баҳоро мефурӯшанд…

Войи дин! Дуоро мефурӯшанд…
Войи мо, ки моро мефурӯшанд…

Бехабар зи худ ҳам аз Худоем,
Варна бин, чиҳоро мефурӯшанд…

*25-27.11.2007*

## ДУШМАНИ ТУ

Ҷумла онҳое, ки бо ту душмананд,
Дар худи ту ҷумла манҳои тананд.

Нафси бад як рӯз дар чоҳат фиканд,
Ҳирс бо худ бурду дар роҳат фиканд.

Кина чашмони саратро кӯр кард,
Аз раҳи мақсуди дурат дур кард.

Рашк оташ зад, нишотатро бисӯхт,
Оташи кина ҳаётатро бисӯхт...

Бин, саге гаҳ дар ту ак-ак мекунад,
Чоплусиат туро саг мекунад.

Ҳирси ту чун хирс боло мешавад,
Хашми ту чун гург пайдо мешавад.

Гуфта будам, боз мегӯям, бидон,
Хешро аз ҷумлаи инҳо раҳон.

Дар бурун душман надорӣ, дар дарун
Мешавӣ аз дасти душманҳо забун.

Нафси бадро дар ниҳодат куш! Баро,
Шав аз ин зиндони пурришват раҳо.

Эй, ки худро беҳтар аз худ хондаӣ,
Дар ниҳодат душмани худ мондаӣ...

*5.02.2009*

## ДАР СӮГВОРИИ ҶАНГАЛҲОИ БУРИДАИ КӮЛИ КАЛОН

Ман куҳистони харобам, вой бар ман, вой, вой!
Ҳасрате монд аз ҳисобам, вой бар ман, вой, вой!

Дигар он гулрезу гулхезе, ки будам, нестам,
К-он суруди сабзи худро месурудам, нестам.

Дар ниҳоди ман кунун як арчаи сарсабз нест,
Дар ҳама бубрида рагҳоям зи набзе набз нест.

Арчаҳоямро чу шарёни танам бубридаанд,
Бал маро дар Меҳанам аз Меҳанам бубридаанд.

Оҳувон аз чашми ман гирён ба берун мераванд,
Аз раги бубридаам гӯё ки чун хун мераванд.

Хирси манро бурд ҳирси ман зи ман, нобуд кард,
Ҷангали ман сӯхт дар ман, сӯхт дар ман, дуд кард.

Тирҳои марговар беамон дунболагир,
Ку дигар кабки дарӣ, мурғи ҳилоли хушсафир?

Шер аз ман рафту бо ӯ ғайрати шерона рафт,
Файзи кӯҳистон чу мурғи ман парид, аз лона рафт.

Не паланге монда дар ман, не дигар шӯри паланг,
Бо паланги рафта аз ман рафт ҳам зӯри паланг.

Вой бар ман, вой бар ман, мезанам сарро ба санг,
Як дарахте ҳам намонд аз зоти зелолу заранг.

Ҳамраҳи мурғи парида файзи кӯҳистон парид,
Ҳамраҳи хайли рамида хайр ҳам аз мо рамид.

Решаи хушкидаи ман дар сари раҳ мондааст,
Як-ду гурги охирину як-ду рӯбаҳ мондааст.

Аз биҳишти хеш, бингар, мо чӣ дӯзах сохтем,
Вой бар нафси бади мо, боз худро бохтем.

Он биҳишти бахт рафт аз ман ба найранги ҳасуд,
Ин биҳишти нақдро худ нафси ман аз ман рабуд.

Ман куҳистони харобам, вой бар ман, вой, вой,
Ҳасрате монд аз ҳисобам, вой бар ман, вой, вой...

*4.02.2009*
*Хоҷа Оби Гарм*

## БО ШУМО МАН НЕСТАМ

Бо ҳама шумӣ, ки доред, аз шумо дурам,
Ман на ҳамроҳи шумо, доред маъзурам…

Ман на ҳамроҳи шумоям,
Эй жакӯёни[1] жакора[2],
Эй жакӯёни жакуру[3] кинахора.

Эй шумо дар мазраъи зарду хазони рӯзнома
Чун карафса мехазеду мехазеду мехазед,
Ҳамчу ақраб мегазеду мегазеду мегазед,
Аз саҳифа то саҳифа бе ҳадаф
Медаведу медаведу медавед.

Бо шумо ман нестам, эй аҳли инкор!
Бо шумо ман нестам, зинҳор!
Бо шумо будан шигифте ҳаст бар мардони ор.

Ин чӣ касб аст? Ин чӣ шаън аст?
Ин чӣ ҷои ман-маниву ифтихор аст?
Чирк ҷустан аз таги нохун чӣ кор аст?

Як забоне, ки ба покӣ менамонедаш,
Як забоне, ки ба ҳар ҷо мехалонедаш…

Бо шумо ман нестам, эй ҳарзагӯёни дурӯғозин,
Бо шумо ман нестам, зеро наёмезад
Ҳеҷ тиллое ба ҳидроген.

Бо шумо ман нестам, ман аз саҳар
Бо ҳамон фаррошҳои кӯчарӯбам,
К-аз хасу хасрӯбаҳое чун шумо
Шаҳрро покиза мерӯбанд…

---

[1] Жакӯ – одаме, ки ғур-ғур мекунад, ғазабгӯ.
[2] Жакора – ситезакор, кинавар, якрав.
[3] Жакур – пасту фурӯмоя.

Бо шумо ман нестам, ҳар субҳидам
Ҳамраҳи он хоксоронам, ки дар хоки Ватан
Аз ҷабинҳо донаҳои ишқ мекоранд.

Бо шумо будан –
Панҷаи дасти риё будан,
Чеҳраи бухлу бало будан…

Бо шумо ман нестам, ҳар субҳидам
Ҳамраҳи даҳмардаам, к-аз родмардӣ
Пираҳан дорад зи сардӣ.

Ҳамраҳи он пирамардеам, ки бо дасти асо
Ҳаст моро раҳнамою раҳкушо…

Бо шумо ман нестам, зеро
Ҳамраҳи мардони бонанги диёр
Бори уммеди Ватанро мекашонам
дар виқор.

Аз шару шӯри шумо дурам,
З-ин сабаб доред маъзурам.
Бо шумо ман нестам, аммо
Сахт мехоҳам шумо бо мо шавед,
Бо ҳаё, бо нанг, бо ишқу дили покиза,
бе даъвову иғво
Во шавед аз худ чу гулҳо, во шавед!
Бар ҳама буғзу надомат, кинаву рашку хусумат,
Ин заифиҳо
Бол бикшоед, то боло шавед…

Манмании бемароматро, бимон, эй беманиш,
Ё биё бо мову мо шав,
Ё макун олуда роҳи ростонро! Киш!

*6.05.2009*

## ЖУРНАЛИСТОНИ ВАТАН

Журналистони Ватан, оинадорони Ватан,
Посбонони бананги кохи виҷдони Ватан.

Домани уммеди миллат домани нанги шумост,
Осмони зиндагӣ садранг аз ранги шумост.

Чораҷӯи чораи бечорамардони Худо,
Бораҷӯи вораи оворамардони Худо.

Дар набарди адлу доди одамият будаед,
Пешгоми субҳи истиқлоли миллат будаед.

Тири ноҳаққхӯрдаро ҳар гаҳ ҳимоят мекунед,
Аз ҳамоқатҳои номардон ҳикоят мекунед!

То шарофат ёбад ин миллат, шуҷоат кардаед,
Тоқа ҳам монед дар ин роҳ тоқат кардаед!

Журналистони ҷавонмарди Ватан кам нестанд,
Пеши нокасҳои мансабдор сархам нестанд.

Шуд нидои меҳану миллат нидои журналист,
Тири ноҳақро сипар шуд синаҳои журналист.

Гарчи аксар вақт не подош, не ҳаққи қалам,
Мерасад бар ҷои ин андӯҳу таҳдиду алам.

Журналистони Ватан сарбозҳои роҳи адл,
Посбонони шуҷоатманд дар даргоҳи адл.

Адл чун дар додгоҳи адл ҳоло мубталост,
Даргаҳи умедҳои халқ даргоҳи шумост.

Меравад бечора мардум баъд аз ин оё куҷо?
Баъд аз он уммеди мардум монда танҳо бо Худо…

Журналистони Ватан – оинадорони Ватан!
Сарбадорони диёру синадорони Ватан!

*23.05.2009*

## ДАР ЁДБУДИ
## БӮРИНИСО БЕРДИЕВА

Худро чу чароғи миллати худ афрӯхт,
Ин зан ба ҳазор мард мардӣ омӯхт.

Дар қомати худ шуҷоати меҳан дошт,
Пироҳани ҳиммати Ватан дар тан дошт.

То нурфишон шавад шаби тори Ватан,
Афрӯхт вуҷуди хешро чун гулхан.

Аз хоки Спитамон, фари Деваштич,
Бархост чу шоҳдухтари Деваштич.

Аз дасти фитодагони раҳ мебардошт,
Дар мазраъи умр тухми некӣ мекошт.

Дарро ба рухи ғарибакон во мекард,
Ҳар ҷо шарафе бидид, ово мекард.

Бо чеҳраи худ саодати фардо буд,
Чун парчами адлу дод ӯ боло буд.

Бо зиндагие, ки зинати дунё дошт,
Як дарси садоқате барои мо дошт…

*26-27.05.2008*

## ЗИЁӢ

Зиёӣ он бувад, к-аз хонаи худ
Саҳар хуршедсон рӯшан бароянд,
Ба рӯяш нури нусрат нурафшон
Ба роҳи хидмати меҳан бароянд.

Сафо орад, сафо орад зиёӣ,
Зиёӣ махзани эҳсону нур аст.
Зиёӣ ҳам шабеҳи офтобест,
Ки нурафшон ҳанӯз аз дури дур аст.

Зиёӣ машъали тобони худсӯз
Ҳамеша дар раҳи бахту мурод аст.
Ниҳоди ӯ ниҳоди илму ҳикмат
Намудаш фазли меҳанро намод аст.

Зиёӣ сарбаландии диёр аст,
Зиёӣ покии виҷдони меҳан.
Зиёӣ чун сафо дар дидаи халқ,
Зиёӣ чун зиё дар ҷони меҳан.

Зиёӣ бе сиёҳӣ дар дарун аст,
Ҳама аз родмардиҳо намун аст.
Чунон ӯ вонамои дарди халқ аст,
Ки ӯро ҷисму ҷон аз ашку хун аст.

Зиёӣ ҳамчунон оина пок аст,
Ки дар ӯ рӯи миллатро бубинанд.
На он гуна сияҳфикру сияҳрӯст,
Ки аз ӯ акси иллатро бубинанд.

Зиёӣ нест ҳаргиз рӯсиёҳӣ,
Ҳама даъвои ному шӯҳрату шон.
Ки ному шӯҳрату шонро ту ҳаргиз
Ба дарюзӣ нахоҳӣ ёфт осон.

Зиёӣ сохт меҳанро, зиёӣ
Ба миллат эҳтирому ном овард.
Зиёӣ буд, ки фарҳангу адабро
Барои халқи худ инъом овард.

Зиёӣ он бувад, к-аз нури зеҳнаш
Шавад рӯшан дилу даргоҳи мардум.
Дили ӯ дар дили шабҳо фурӯзад,
Ки бошад рӯшании роҳи марум.

*23.03.2009*

## ЗАБОНИ ДАРОЗ

Ин забони дарозро бинед,
Мерасад аз даҳон-ш то ба замин.
Мезанад ӯ ба ин забон гоҳе
Бар сари раҳгузор чун қамчин.

Ин забоне, ки гоҳ-гоҳе ҳам
Мехазад, мегазад мисоли мор.
Ин забоне, ки гоҳ заҳрашро
Мефишонад ба халқ каждумвор.

Ин забоне, ки гоҳ чун ҷорӯб
Бо ҷадал пеши пой мерӯбад.
Ин забони гиреҳ ба сони мушт,
Бар сари ҳар кӣ хост, мекӯбад.

Гоҳе он сон дароз мегардад,
Мерасад то ба кишвари дигар.
То ба ҷоне расонад аз шумӣ,
Аз ҳамин ҷо ситода ӯ наштар.

Борҳо ин забони паҳну дароз
Аз дарозӣ ба пош печидаст.
Пешпоӣ басе ба ӯ додаст,
Ҷабри ӯро, басо, ки ӯ дидаст…

Менамояд ҳанӯз ӯ аз дур
Дар кафаш парчами забон дорад.
Ҳарчи дорад, ҳамин ҳунар дорад,
Ҳарчи дорад, ҳамин нишон дорад.

Фахри ӯву шуҷоаташ ин аст
Начди ӯву «наҷобаташ» ин аст.
Хурда бар иллаташ магир абас,
То дами марг олаташ ин аст…

*21-01.2010*
*Хоҷа Оби Гарм*

## ТОҶИКУ ЭРОНИЮ АФҒОН

Тоҷику эронию афғон
Як Сухан доранд,
Як каломе, ки нахустин буд,
Бо башоратҳо аз он чархи барин буд,
Як каломе, ки Худо буд,
Зиндагониофарин буд.

Тоҷику эронию афғон
Ҷумла фарзандони як модар-забонанд,
Ҳамнасаб, ҳамхуну ҳамхонанд...

Тоҷику эронию афғон
Як Ватан доранд,
Як Ватан дар вусъати поки забони модарӣ,
Тоҷикӣ ё порсӣ ё ки дарӣ,
Бо ҳама покӣ муқаддас чун нишони модарӣ.

Як Ватан дар бекаронӣ, ҷовидонӣ,
Як Ватан дар боғҳои осмонӣ,
Як Ватан монанди фирдавси барин,
Дар булӯри некройӣ, нозанин.

Як Ватан дар олами шеъру тарона,
Дар фасоҳат, дар фасона
Як диёри ошиқона.

Тоҷику эронию афғон
Шохаҳои рафта аз дарёи як обанд,
Аз зулоли покии як рӯди шодобанд.
Рӯди шеъри Рӯдакии бегазанду ҷовидона,
Пешгоми ҳар тамаддун,
Пешрӯи ҳар замона.

Тоҷику эронию афғон
Бо ҳамон як номаи қисмат ба номи «Шоҳнома»
Аз миёни оташу шӯри замонҳо,
Лобалои ханҷару теғу камонҳо
Рӯ ба сӯйи безаволӣ рафтаанд,
Бо камоли хушҷамолӣ рафтаанд.

Бо ҳамон як қалъаи амнияти худ,
Бо ҳамон кохи сахову ҳиммати худ
Бо ҳамон як ҳуҷҷати асли вуҷуди хештан
«Шоҳнома»!

Ҳеҷ кас ин номаро ҳаргиз набитвонад рабудан
То ҳама будан.

Тоҷику эронию афғон
Ҷумла бо як нардбон боло раванд,
Ҷумла бо як нардбон бар қуллаи
маъно раванд,
Нардбони маънавии Маснавии Мавлавӣ
Бо гузашти асрҳо афзун шавад
бар вай навӣ...

Тоҷику эронию афғон
Як чаман доранд,
Як чаман – як «Гулситон», як «Бӯстон»,
Як «Баҳористон».

Ин чаманҳо
Дар баҳорону зимистон гулфишонанд,
Бегазанду бехазон дар водии вақту замонанд.

Тоҷику эронию афғон
Аз ҳамон як оташи Зардушт
Рӯшноӣ бурдаанд,
Як сано аз як Саноӣ бурдаанд,
Як дуо аз дилрабоӣ бурдаанд...

Дӯстгонишон ҳамон як ҷоми хайёмист,
саршор аст...

Аз ҳамон дӯкони як Аттор
Накҳати уммедҳоро чидаанд,
Аз як устурлоби хайёмӣ
Моварои зиндагиро дидаанд.

Тоҷику эронию афғон
Як табиби бегазанди асрҳо доранд,
Синаҳо дар синҷи Сино
Ҷумла як «Қонуни тибб»-у як «Шифо» доранд,
Аз тамоми дардҳо роҳи раҳо доранд,
Як Худо доранд.

«Ҳафт авранг»-и ягона
Дар баландиҳои ҳикмат ҷовидона
Баҳрашон бикшода дарҳоро,
Нардбони сатрҳоро гом зан,
боло баро...

Тоҷику эронию афғон
Як суруду як дуруду як масал доранд,
Як ҳамон тӯмори девони Лисонулғайбро
Чун балогардон ҳамеша
Дар бағал доранд.

Тоҷику эронию афғон
Аз табори як футувват,
Аз диёри родмардӣ рустаанд,
Дошта аз домани фарҳанги аҷдодӣ
Муттакоро дар фазилат ҷустаанд.

Тоҷику эронию афғон!
Эй бародарҳои ҳамхун,
Эй бародарҳои ҳамҷон!

То даме «Шаҳнома» ҳасту шеъру
номи Рӯдакӣ,
Ҳам забону ҳам ҷаҳону ҳам равони
мо яке...

*3-4.02.2009*
*Хоҷа Оби Гарм*

## БОҒИСТОН

*Ба дӯсти азиз ва бародари арҷмандам*
*Абдураҳмони Абдуманнон*

Кишвари деринамардон, хоки Боғистони ман,
Армуғони рафтагон, эй боғи сабзармони ман.

Дар баландиҳои ту эҳсоси болу пар кунам,
Боли маъно ёбаму парвози болотар кунам,

Рӯ ба рӯям сад дари нав аз муҳаббат во шавад,
Реша ёбам, ҷонам аз хоки ту боз эҳё шавад.

Мепарам ман дар ҳавоят бо пару боли суруд,
Аз баландоят фиристам бар ҳама олам дуруд.

Сар ба гардун суда дар ин ҷо басе мардони кор,
Қуллаҳоят мондаанд аз он шукӯҳ, аз он виқор.

Будаӣ, эй хоки ҳикматхез, маъвои баланд,
Боғҳои гулфишонат боғи маънои баланд.

Сарзамини он Валӣ, он ҳазрати Шайхи Умар[1],
Он, ки дар номаш муҳаббат,он, ки дар исмаш зафар.

Аз муридонаш яке буд он фақеҳи девбанд[2],
«Дил ба ёру даст бар кор» аст аз он Хоҷа панд.

---

[1] Дар Боғистон марқади Шайх Умари Валӣ, фақеҳи номдор, яке аз поягузорони Нақшбандия қарор ёфтааст, ки Хоҷа Аҳрори Валӣ абераи ӯст.

[2] Хоҷа Баҳоваддини девбанд (ё балогардон)

Хоҷа Аҳрори Валӣ фарзанди обу хоки туст,
Суннати мардонагӣ перояи идроки туст.

Мекашам ман дар ҳавои поки ту бо ҷон нафас,
То бигирам аз ҳавои поки он покон нафас.

Ёдгори некмардон, хоки мардони баор!
Бо сафо, бо фазли деринат ту моро зинда дор.

Лафзи ту чун шири модар дар ту пок асту барӣ,
Зинда медорад туро чун хуни ту лафзи дарӣ.

Шерхона[1] гар тиҳӣ гардидааст аз зоти шер,
Дар ту маҳфузанд ҳоло шермардони далер.

Кош монад аз худоёни ту бо ту як худо[2],
То туро бошад нигаҳбон, то туро бахшад баҷо.

Орзу дорам нумӯи тоза ёбӣ аз Худо,
Дар зулоли обшори чашмаи Кавсарато.[3]

*01-04 октябри с. 2008*
*деҳаи Боғистони вилояти Тошканд*

[1] Шерхона – мавзее дар кӯҳдомани Боғистон
[2] Ба ақидаи ховаршиносон Боғистон аз калимаи баға – боги – худоён гирифта шуда, маънояш макони худоён аст.
[3] Кавсарато – номи чашмаи бузургест, ки аз он тамоми Боғистон шодоб аст.

## ДӮСТГОНӢ

*Ба эҳтироми азизи тоҷикон*
*Алиасғари Шеърдӯст*

Хуш нишин посе канори Шеърдӯст,
То бихезӣ посдори Шеърдӯст.

Дар баҳори табъи гулбезаш бубин,
Баҳраҳо бар аз баҳори Шеърдӯст.

Суфраҳое аз сафо дорад ба сар,
Субҳи сурӣ раҳгузори Шеърдӯст.

Дар сафорат ҳам сафо ҳамсаф ба ӯст,
Аз сафӣ[1] соф аст кори Шеърдӯст.

Аз рафоқат, родмардиву ризо
Бораҳо дорад мадори Шеърдӯст.

Тоҷику эронию афғон ҳама
Муфтахар аз ифтихори Шеърдӯст.

Нест як соҳибдиле аз хоки мо,
К-ӯ набошад аз табори Шеърдӯст.

Такягоҳи некмардон буду ҳаст
Сояи сабзи чанори Шеърдӯст.

---

[1] Сафӣ – соф, дӯсти мухлис ва якдил

Мекунад худро нисори дӯстон,
Дӯстиро кун нисори Шеърдӯст.

Дарди ёрон дар дилаш бошад диёр[1],
Дарди ёрон шуд диёри Шеърдӯст.

Корҳо бар коми дил орад ба кор
Ҳар нафас дасти ба кори Шеърдӯст.

Дасткомӣ[2] дорад аз дасти пураш
Дасти эҳсон дастёри Шеърдӯст.

Мебарад бори башорат, ҳаббазо!
Боракаллоҳ аст бори Шеърдӯст!

---

[1] Диёр – ба маънои намоён, намудор
[2] Дасткомӣ – хушбахтӣ, комёбӣ

## ДАР ҶАВОБИ ХУРДАГИРОНИ КИНАТӮЗИ АШЪОРИ УСТОД ЛОИҚ

Боли кас бишкаста кас боло нашуд,
Аз хусумат хос як хаспо нашуд.

По ниҳода бар сари марди бузург
Ҳеҷ гоҳе пастаке боло нашуд.

Рафт ӯ як бор аз тири қазо,
Тири номардон бад-ӯ коро нашуд.

Як чароғе айб бар хуршед монд,
Чун ба зери нури он пайдо нашуд.

Ҳайф аз ин санги бағалҳои Шумо,
Як бино бунёд дар дунё нашуд.

З-он ҳама санге, ки бар сӯяш заданд,
Остони нокасон боло нашуд.

Ӯ, ки худ ҳамсоғари Хайём буд,
Ҳамнишини ҳар тиҳимаъно нашуд.

Гар нададат Эзид, аз даъво чи суд,
Нобиға ҳаргиз кас аз даъво нашуд.

Войи ин миллат, ки бо ин манманӣ,
Хӯрд худро аз даруну мо нашуд.

Душманон буданд номарду заиф,
Душмани мард оқибат пайдо нашуд.

Сад даре бикшод дар шеъри дарӣ,
Як дари шодӣ ба рӯяш во нашуд.

Куштаед ӯрову баъди марг ҳам
Куштанашро хостед, аммо нашуд!

*13.08.2005*

## ДУНЁИ НАВ

Оҳ аз он дунёи рангин, рӯзгори шаккарин,
Ёдбуди ёдҳое ҳамчунон афсона монд,
Ин «ҳаёти нав», ки аслан бозгашти кӯҳна аст,
Бо ман ӯ бегона буду
бо ман ӯ бегона монд.

Ин ҷаҳонро як назар бин,
Рафта кайҳо чор самташ аз назар,
Самти дигар ёфта бар ҷониби суду рибо,
То расонад оқибат бар кӯи дороӣ...

Ин ҷаҳоне, ки ҳама як сӯ раванд
Ҳамраҳонро зери по карда,
Сӯйи дороӣ...

Ин ҷаҳоне, ки ба садҳо рӯ фақат як рӯ биҷӯяд,
Рӯйи дороӣ...

Ин ҷаҳоне, ки ба як боло ҳама чашми назар доранд,
Дасткӯбу пойкӯб аз рӯйи якдигар гузар доранд,
То фарозотар, ба болотар қад афрозанд.

Сӯйи болое, ки мегӯйӣ Худованд аст? На! Афсӯс!
Сӯйи болое, ки дороист.

Ҳар як инсон як ҳадаф дорад, ки ёбад пул,
Ҳукми пул ин ҷост қонун, ҳукми пул ин ҷой ҷорист.

Ин насиме, ки ба мо з-он сӯйи дарё омада,
Бо нафасҳои гаҳе сӯзону гаҳ сардаш,
Марги некиву фазилат, марги дилҳо шуд,

Ишқи ёр, ишқи ватан аз сина кайҳо рафт,
Ишқи зар ҷо шуд.

Ин ҷаҳоне, ки дар он инсонгароӣ нест,
Ҳаст танҳо заргароӣ,
Дилрабоӣ ҳам кунун бошад
Ҳамрадифи заррабоӣ.

Ин ҷаҳоне, ки касе дорост, подор аст,
Нангу номусу шараф колои бозор аст...
Эътибору эътимоду эътиқоди одамон
Боз ҳам дар сарвату дар моли бисёр аст.

Дар фазилат нест,
Дар адолат нест,
Дар садоқат нест,
Чунки дар ҳар ҷо, ки сарват ҳукм меронад,
Ин тариқи зиндагӣ
аз рӯи одат нест.

Оҳ аз он дунёи рангин, рӯзгори шаккарин,
Ёдбуди ёдҳо боқист,
Аз фари фарзонагони муғфараш
Дар дилам фарёдҳо боқист...

*5.02.2009*
*Хоҷа Оби Гарм*

## МО ЧУ ДАРЁҲОИ ХУД

Мо чу дарёҳои худ ҳастем,
Кафк бар лаб меравему
мasти мастем.

Шӯру туғён мекунему мепарем аз хеш боло,
Ҳиммати бахшандагиву
Суннати рахшандагиро
Мепарастем…

Мо чунон ин рӯдҳои худ
Меравем аз сарзамини худ сарозер,
Ҷони худро вониҳода дар кафи амвоҷи тақдир,
Гарчи андар соҳили мо
Мардуми мо ташнаи як қатра обанд,
Дар диёри мо заминҳое
зи беобӣ харобанд.

Мо чу дарёҳои худ ҳастем,
Аз канори кӯҳҳои ганҷрезу лаълфом
Дар кафи амвоҷи масти худ
Симу зарро мекашонему ба берун мебарем,
То ки вопас баъд
Бо чӣ заҳматҳои бисёре
Зарраҳоеро аз он зарҳоямон
Аз нав харидорӣ кунем…

Мо чу дарёҳои худ ҳастем
Соҳили мо ташнаву хушкида, мо шодоб
Обҳоро мебарем аз хокамон берун,
То ки рӯзе аз ғарибиҳо
Бозпас оремашон бо қимати афзун…

Мо чу дарёҳои худ ҳастем,
Бо суруру бо тарона,
Бо ниҳоди ошиқона
Аз сари ин кӯҳҳои сарбагардун
Меравему мебарему ҳиммати мо
Мешавад пайваста боло.

Кош як рӯзе Худо бахшад
Ин ҳама бахшандагимонро,
Кош бо некӣ пазирад ин ҷаҳон
Ҳиммату рахшандагимонро…

*27.09.2009*

## ЗИНДАГӢ

Зиндагӣ ҷанг аст умре дар миёни неку бад,
Зиндагӣ сулҳ аст умре дар миёни хубу дад.
Одамӣ чун тортан баҳри шикори хештан
Метанад тору ба доми хеш рӯзе мефитад.

*27.12.2009*

## НА ПИРУ НА ПАНД

Мо, ки пиронро ба рӯи даст мебардоштем,
Панди пиронро шиори умр меангоштем,
Панди пирон низ моро аз фалокат мераҳонд.
Ин чӣ даврон шуд, на як пиру на панди пир монд…

*27.12.2009*

## ТУРО ДИЛЕСТ…

Туро дилест, ки бо он намефаҳмӣ,
Туро чашмест, ки бо он намебинӣ,
Туро гӯшест, ки бо он намешунавӣ[1]…

Агар ту худ на дилӣ, чӣ суд аз дил?!
Агар ту худ на чашмӣ, чӣ суд аз чашм?!
Агар ту худ на гӯшӣ, чӣ суд аз гӯш?!

*рамазон, 2009*

---

[1] Қуръони маҷид. Сураи аъроф, ояи 179

## ПОДОШ

Салом ба сабри шумо!
Марҳабо, ба боғҳои сабз..!

Зи некиҳои шумо нахлҳо сабзанд,
Зи одамии шумо чашмаҳо саршор,
Зи раҳматон руста ҳар ҷо гулу гулзор.

Салом ба ишқи шумо!
Марҳабо ба шодистон!
Ба ин диёри кӯҳҳо ҳамвору
садоҳо нарм[1]…

Салом ба пирӯзии имонатон!
Марҳабо, ба ҷовидон!..

*рамазон, 2009*

[1] Рӯзе, ки кӯҳҳо ҳамвор мешаванд ва садоҳо нарм. Куръони маҷид. Сураи Гоҳо, ояи 108.

## НАВЗОД

Эй ту пайғоми сафобахши Худованд!
Эй раҳо гашта, раҳо карда маро ҳам аз банд!

Эй ту оҳанги суруди абадият,
Эй вуҷуди ту дуруди абадият!

Эй ту покизатар аз замзамаи оби зулол,
Эй хушо, гиряи ту хандаи хуршеди висол.

Эй ту оинаи афлоки дурахшон,
Вараҷи тозаву покизаи виҷдон.

Ту, ки пайғоми Худо овардӣ,
Ту, ки дар рӯи сафобахш сафо овардӣ.

Офтоби рухи ту рӯҳи маро рӯшан кард,
Накҳати омаданат ҷони моро гулшан кард.

Омадӣ боз ба фарёд, ки мебояд зист,
Зиндагӣ чист, агар шӯълаи дидори ту нест?!

Эй хушо, гиряи ту ханда ба лабҳо овард,
Эй хушо, шодии ту сози тарабҳо овард.

Нусрату сози таманно хуш бод!
Зиндагӣ! Маъбади маъно хуш бод!

*29.11.2009*

## МАНУ ДАРЁИ ИШҚ

Таваккал! Ҳарчи бодо! Бори дигар,
Дар амвоҷат фурӯ резам сарозер.
Аё эй баҳри пурошӯбу пуршӯр,
Аё эй ишқ, эй амвоҷи занҷир.

Кӣ медонад, агар ки ман надонам,
Ки ин амвоҷи маргу зиндагонист.
Ки обаш роҳати ҷон аст, аммо
Ба гирдобаш фурӯ афтӣ, раҳо нест.

Бигӯ, то чанд андар соҳили ту
Нишинам дар пайи сад гуна тадбир.
Чӣ маънӣ дорад умри рафта бе ишқ,
Аё маҷрои пуртуғён, маро гир…

Ману ин шӯру сози рӯди шодоб,
Ману парвозҳо дар авҷи олӣ.
Фурӯ рафтан ба қаъри дилрабояш,
Бурун бархостан аз ин зулолӣ…

Ба дарё резу дарё шав, дили ман,
Ба ишқ омезу дунё шав, дили ман!
Ба умқаш рав, ки ёбӣ гавҳари ишқ,
Бурун ою муҷалло шав, дили ман!

*10.09.2009*

## НОУМЕДӢ
## ҲАРОМ БАР МО БОД!

Кӯҳнаҳоро гузор акнун, рав,
Тоза ҷӯ, нав биҷӯ, нововар бош.
Ин хари ланги ҳарзаро бигзор,
Шаҳсавори саманди бовар бош.

Сӯхт шамъи ту, шамъи нав афрӯз,
Шом торику субҳ нопайдост.
Гар на шамъ аст, хешро афрӯз,
Эй басо шамъ дар ниҳоди мост.

Ишқи кӯҳна вафо накард, ӯро
Чун гули пажмурида дур андоз.
Нак, ба гулдони эътимоди худ
Як гули тоза чун сурур андоз.

Бидаронида синаи асфалт
Раҳдавак сар барораду гӯяд:
Ишқи ҳақ дар висоли рӯи ёр
Аз ҳама сад гузар кунад, рӯяд.

Гул, ки рӯид худ ба рӯи санг,
Ҳамчу ишқи ҳаёт, чун фарёд.
Шарми мо бод аз заифиҳо!
Ноумедӣ ҳаром бар мо бод!

*14.10.2009*

## ЭЙ БАРФ, ЭЙ БАРФ

Эй барф, эй барф! Мерез. Мерез!...
Чун ҳарф, чун ҳарф, мерез, мерез!...

Эй аз фалакҳо, боли малакҳо,
Бо панди бориз! Хуш рез, бо рез!...

Андар парандаш паррандаи ишқ,
Медор, медор! Мехез, мехез!..

Бо боли ӯ хез, аз хеш бигрез,
Акнун зи парҳез парҳез, парҳез!

Пири фалакҳо элак бубезад,
Ғамҳои худро бо ӯ ту ҳам без.

Файзи таъоло лутфи Худо рехт,
Рақси само бин, бо ӯ биёмез.

Аз моҳ то меҳр, ёлаш ҷилорез,
Рахши таманно омад ба маҳмез.

Дар зини озин биншин ту, биншин,
Ромаш бикун, ром ӯро чу роиз[1]…

Соли умед аст, пайкаш сафед аст,
Падруд! Падруд! Поиз! Поиз!..

Эй рози ориз! Эй барфи гулрез!
Лутфи худоро мерез, мерез!..

[1] Роиз – ромкунандаи аспи ҷавон

# БО ТАБАССУМ
# БАР ЛАБУ ДАР ДИЛ

Зиндагонӣ ҳар нафас бо оҳу воҳам рафт,
Аз лабони зиндагӣ чун оҳ хоҳам рафт.

Бо тавалло, бо тазарро мондаам, инак,
Эй нигаҳбон, он чӣ додӣ, бо нигоҳам рафт.

Бегуноҳиям гунаҳ буд, дар мадори ишқ,
Бо табу тобам ҳаёти пуртабоҳам рафт.

Дар паноҳи бепаноҳӣ зистам умре,
То паноҳе ёфтам, ёр аз паноҳам рафт.

Иштибоҳам акси рӯи иштибоҳам буд,
Зиндагонӣ чун шабаҳ бо иштибоҳам рафт.

Аз сабоҳе то сабоҳе чун сабо рафтам,
Ҳар пагоҳам норасида то пагоҳам рафт.

Як табассум дар лабонам ҳосили умр аст,
Оҳ хоҳам бо табассум дар нигоҳам рафт.

*6.06.2009*

## БОРИД БОРОН

Борид борон, борид борон,
Чун ашки ошиқ шорид борон.
Дар боғи гулҳо, дар боғи дилҳо
Дони умеде корид борон.

Худро рабудам аз сарнавиштам,
Дар боғи ишқат худро бикиштам,
Аз ҳар навоят худро навиштам,
Аз ҳар сурудат худро сириштам.

Рӯдест ҷорӣ андар равонам,
Ман ҷониби ту рӯди равонам.
Бар лаб тарона, дар дил фасона
Сози муҳаббат дар тори ҷонам.

Ман барг-барге барги нигоҳам,
Ман барқ-барқе барқи нигоҳам.
Чун ашки шодӣ андар баҳорон,
Чун ашки ҳасрат дар тирамоҳам.

Борони ашкам, борони ашкам,
Борони ишқам, борони ишқам,
Ман бӯса-бӯса бар ту бирезам,
Бар ту бирезам ҳамчун сиришкам…

Борид борон, борид борон,
Чун ашки ошиқ шорид борон.
Дар боғи гулҳо, дар боғи дилҳо
Дони умеде корид борон…

*7.12.2007*

## ДАРИ УМЕД

Худо имшаб дари уммед бикшод,
Худованду ману ту.., тарфи меъод.

Чунон дар банди ҳамдигар фитодем,
Ки аз ҳар ду ҷаҳон гаштем озод.

Ба ҳам омехтем он сон ману ту,
Ки обу боди мо гардид ободъ.

Чунон додем доди ишқро мо,
Ки то ҳафт осмон бархост фарёд.

Ба номи ҳақ, ба номи ҳақгузорон,
Ба номи поки ишқ он чашмаи род,

Ба рӯи ҷонамози синаҳоят
Намози шукр бурдам, ки туро дод.

*13.12.2007*
*Шамбарӣ*

## ҒУССАҲОРО БО ХАЗОНҲО СӮЗ

Бас кун, эй дил, гиряро бас кун,
Тарки ёди ёри нокас кун.

Ёдҳоро бар, бар об андоз,
Сар бурун аз он сароб андоз.

Ғуссаҳоро бо хазонҳо сӯз,
Нури ҳақ дар худ аз он афрӯз.

Нек бо бад менасозад ҳеч,
Дод бо дад менасозад ҳеч.

Бишкан ин оинаро, к-аз ӯ,
Ҷилва дорад ҳирс бо сад рӯ.

Эй ту оби тозаву бе гард,
Тоза шав, аз оби селоворд.

Боз ҳам неку мусаффо шав,
Бо паёми тоза пайдо шав.

*2. 09. 2008*

## ПАДРУД, ИШҚ!

Падруд ишқ! Оташ задӣ,
Чун сӯхтӣ, акнун бирав!
Ҳамбистари ғам буданам
Омӯхтӣ, акнун бирав!

Як рӯи ту шодӣ бувад,
Як рӯи ту дарду алам.
Дигар наё, дигар наё,
Аввал сафо – охир ситам.

Падруд ишқ!
Падруд ишқ!

Ту сарбаландам кардаӣ,
Ҳам ту нажандам кардаӣ.
Қандам ниҳодӣ бар лабон,
Чун тифл фандам кардаӣ.

Падруд, ишқ!
Падруд, ишқ!

Чун сӯхтӣ оташ задӣ,
Рафтӣ зи ман чун дуд, ишқ!
Панди ту чун фанди ту монд,
Падруд, ишқ,
Падруд, ишқ!

*9.12.2007*
*Шамбарӣ*

## МАН ТУРО МЕҶУСТАМ

Ман туро меҷустам аз боло,
Аз малакҳо,
Аз фалакҳо…

Ман амин будам, ту дар боло,
Дар ҳамон болои болоӣ,
Ман амин будам, ки ту не камтар аз як моҳ
ё як ахтари рахшону волоӣ.

Ман туро як умр меҷустам аз он боло,
ки пайдоят кунам.
Аз ту рӯшан гардаму болои сар
ҷоят кунам

Оқибат як рӯз овозат баромад,
Не аз он боло,
Балки аз поёни поён.
Ончунон поён,
ба чашмам нонамоён.

Ман туро меҷустам аз боло,
Лек овозат баромад
Аз таҳи як чоҳи бетаҳ,
аз таги чоҳи сиёҳе…

Аз ту бо ман монд танҳо оҳ,
Оҳ… оҳи сахт ҷонкоҳе…

*31.02.2007*
*Шамбарӣ*

## ВОПАСИН ХАНДАИ ХУРШЕД

Вопасин хандаи хуршед ба ҳангоми ғуруб,
Бӯсаи ханда ба лаб дошт чу пайғоми ғуруб.

Хандаи барги хазон зери қадамҳоям низ
Гӯӣ мегуфт: хазон аст, хазонатро рез!

Сарвбуне ба сари роҳ маро гуфт, чу дид:
Зистан гар ту бихоҳӣ, бадар о аз тардид.

Бо наво бод чунин гуфту чу ёдаш бигузашт:
Зиндагӣ боди вазон аст, зиёдаш бигузашт.

Гуфт дар роҳ маро болзанон як шамшод:
Сина бар бод бидеҳ, ҳарчи туро бодо бод!

Чашма мегуфт: ба сар рав, ки ба по ҳоҷат нест,
Рӯд мегуфт: бидав, дав, ки даво ҳеҷат нест…

Вопасин шӯълаи хуршед ба гоҳи падруд
Бо лаби ман ба ҷаҳон хандаи худро бисуруд.

*11.12.2007*
*Шамбарӣ*

## ДАРАТРО БОЗ КУН, ШАБ…

Даратро боз кун шаб, мебиёям,
Дилатро боз кун, ман медароям.

Ҳама андӯҳу ғамҳои дилатро
Ба як рози муҷалло мезудоям.

Шаби торику бим – ин ду сияҳрӯ…,
Аз ин ғӯлон туро ман мерабоям.

Дар оби чашм – дар оинаи ишқ,
Худоямро ба рӯят менамоям.

Ба ман бахшандаат бар ман набахшад,
Агар бинад, ки ман аз ту ҷудоям.

Наёбам бозпас роҳи раҳоӣ,
Агар аз нимаи худ ман раҳоям.

*13.12.2007*
*Шамбарӣ*

## ТУ ДАР НИГОҲИ МАН

Ту дар нигоҳи ман, дили ман, дар сари манӣ,
Ту дар фарози фитрати ман, дар фари манӣ.

Аз субҳи файзбор ба уммеди рӯйи ту,
Дафтар кушудаам, ки ту дар дафтари манӣ.

Дар навниҳоли себи сари раҳ шукуфтаӣ,
Як лавҳи хандарӯй ба сақфи дари манӣ.

Сар бар сари пиёла ба андеша меравам,
Ба сар кашам чӣ гуна, ту дар соғари манӣ.

Бас аз варои ҳодиса, аз моварои марг
Ман вораҳидаам, ки ту дар бовари манӣ.

Ту дар замин, дар осмон, дар чор самти вақт,
Тобу табе ба ҳастии тобовари манӣ.

Дорӣ даруни доираам дар мадори ишқ,
Дар доварӣ ягонаву дардовари манӣ.

*11.12.2007*
*Шамбарӣ*

## ИЗҲОРИ ИШҚ

Бо ту мехоҳам сухан бе ҳарф гӯям,
Бо забони ашки борон, бо забони барф гӯям.

Бо ту мехоҳам сухан ногуфта гӯям,
Бо каломи баргҳои суфта гӯям.

Худ забон бошам саропо чун забони обшорон,
Бо забони сабзаи навхез, бо бӯи баҳорон.

Бо ту мехоҳам сухан хомӯш гӯям,
Бо забони бӯса, бо оғӯш гӯям.

Бо забони чаҳ-чаҳи мурғон бигӯям,
Бо забони огаҳи мурғон бигӯям.

Бо ту хоҳам рози худро чун гули печон бигӯям,
Бо ҳама пайкар ба пайкар, балки ҷон бо ҷон бигӯям.

Ҳарфҳоям ҳарф не, сози наво бошанд, эй кош,
Аз ҳама банду тааллуқҳо раҳо бошанд, эй кош.

Худ забони ман забонатро биёбад, роз гӯяд,
Бе сухан, бе ҳарф гӯяд, боз гӯяд,.. боз гӯяд…

*11.02.2007*
*Шамбарӣ*

## ОШИҚ

Нигаҳи ман ба нигоҳат ошиқ,
Гунаҳи ман ба гуноҳат ошиқ.

Оҳи ман аз пайи оҳи ту бирафт,
Оҳи ман ҳаст ба оҳат ошиқ.

Роҳи ман бо раҳи ту мепечад,
Роҳи ман низ ба роҳат ошиқ.

Ошиқи рӯзи ту буд имрӯзам,
Пагаҳи ман ба пагоҳат ошиқ.

Гаҳ-гаҳ аз гоҳи манат огаҳ бош,
Гаҳи ман ҳаст ба гоҳат ошиқ.

То бидонӣ зи гаҳи гоҳанбор[1],
Будаам гоҳи ба гоҳат ошиқ.

Гар равам ман ба ҷаҳон хоҳад монд
Шабаҳи ман ба шабоҳат ошиқ.

*14.02.2008.*

[1] Гоҳанбор – замоне, ки Худо дунёро офарид.

## ФАНОРО ЗИСТАМ

Омадӣ, дер омадӣ, ман нестам,
Ман, ки бе ту низ бо ту зистам.

Дар гули борон далели ман биҷӯ,
Гиря-гиря хешро бигристам.

Бо хазони ман қудуми сабзи ту
Мерасид, овозанон мехестам…

Қаҳ-қаҳи барги хазон бишнав, ки ман
Маргро куштам, фаноро зистам.

Дар дилам дарёст баҳри қатрае,
Дастбори бори миннат нестам.

Ин хазон акнун ба полези ту рафт,
Бо баҳори нав ман аз нав хестам.

*18.11.2007*

## ДЕР ОМАДӢ

Эй рафта бо шӯру шарар,
Дер омадӣ, дер омадӣ.
Рафт аз дарахти ишқ бар,
Дер омадӣ, дер омадӣ.

Гулҳо ҳама пар-пар шуданд,
Ин нахлҳо ханҷар шуданд,
Акнун ту дигар, ман дигар,
Дер омадӣ, дер омадӣ.

Ҳоло, ки дарҳо бастаанд,
Оинаҳо бишкастаанд,
Эй орзуи бесамар,
Дер омадӣ, дер омадӣ.

Бо соғари бишкастаат,
Бо ҷони зору хастаат,
Бо лобаҳои пушти дар
Дер омадӣ, дер омадӣ.

Эй монда дар ин бераҳӣ,
Сармояат дасти тиҳӣ,
Бо чашми тар, бо чашми тар,
Дер омадӣ, дер омадӣ…

*08. 2005*

## ТУ НАБУДӢ

Ту набудӣ, ту набудӣ…
Ҳама буд вонамуде.

Ту фиребӣ, ту дурӯғӣ,
Ту намои бенамудӣ.

Ҳама рӯшании торик,
Ҳама оташе, ки дудӣ.

Ба ниқоби ханда пинҳон,
Ҳама кинаи кабудӣ.

Ҳама банд-банд бастӣ,
Гираҳе ту кай кушудӣ?

Ҳама хашмаку хашукӣ,
Ҳама чаҳлаку ҷуҳудӣ.

Ту зуҳури безуҳурӣ,
Ба намои ҳар намуде.

Ту раҳӣ ба бераҳиҳо,
Туварои бевурудӣ.

Чӣ диҳӣ фиреби Яздон
Ба сууду бо суҷуде.

Ту гузаштӣ? Ман надидам,
Ту чӣ будӣ? Ту кӣ будӣ?

Ҳама буд вонамуде,
Ки гузашт ҳамчу дуде…

*26.07.2007*

# ДИДАМ – НАДИДАМ

Дидам, надидам…
Дидӣ, надидӣ…

Гӯё набудам…
Гӯё набудӣ…

Гӯё набудӣ бо ман ту ҳаргиз,
Гӯё набудам ҳам бо ту ман низ.

Ишқи ману ту тири хато рафт,
Чун фанди мо буд, то бар фано рафт.

Бигзашт, бигзашт ишқи ману ту,
Чун об аз ҷӯ, чун об аз рӯ.

Он ишқи озин аз сад паёме
Акнун наярзад бар як саломе.

Сарводаҳоям беҳуда буданд,
Дар лафзи мардум гарчи суруданд…

Дидам, надидам дар рӯи ту рӯ,
Ҳайфи туву ман, ҳайфи ману ту.

Дидам, надидам,
Дидӣ, надидӣ.

Гӯё набудам,
Гӯё набудӣ…

*15.02.2008*

## ДАР БАНДИ ХУД

Эй, ки андар банди худ дармондаӣ,
Аз ҳама дунёи дигар мондаӣ.

Ғайри худ касро надидӣ, ғарқи худ,
Бе анису ёру ҳамбар мондаӣ.

Он қадар ғӯтидаӣ дар лойи худ,
Ломаҳола, лолу лофар мондаӣ.

Дар ба рӯйи дӯстон бастӣ, кунун
Зору танҳо пушти ин дар мондаӣ.

Гарданат дар ҳалқаи уммеди пуч,
Бо хаёли ҳалқаи зар мондаӣ.

Саҷдагоҳатро паси сар кардаӣ,
Рӯй бар меҳроби дигар мондаӣ.

Обсар рафтӣ ба дунболи сароб,
То ба гирдоби бало сар мондаӣ…

Булбулат рафту калоғи ту бимонд,
Дар канори зоғи қар-қар мондаӣ.

*18-19.11.2007*

## ҲАЙКАЛИ ПАДАР

Ту дар ҳаштоду шаш соли ҳаётат
Тамоми шаст солаш дар дабистон,
Бубахшидӣ ба тифлону ба мактаб
Фидокорона умратро, падарҷон!

Ба замми он, ки дар умри шарифат
Дилу манзил басе обод кардӣ,
Маро ҳам офаридӣ аз сиголат,
Маро ҳам сохтӣ, эҷод кардӣ.

Вале дуздони моли давлату халқ
Зи давлат ҳадяву подош бурданд,
Басе шогирдакони носипосат
Ба пешат аз хиҷолатҳо намурданд.

Ба номат гарчи кӯйу манзиле нест,
Мабод аз ин хиҷил ҳаргиз дили ту.
Манам он лавҳаи фахрӣ ба номат,
Манам он ёдгорӣ, ҳайкали ту.

*5.04.2009*

## ЧИСТ НОМАТ

Эй, ки мепурсӣ ту аз ман: чист номат? – Тоҷикистон!
Аз ҳама волотарин ҳарфи каломат– Тоҷикистон!

Чист сӯзат, чист созат, чист ишқат? – Тоҷикистон!
Чист дар чашми сурурафшон сиришкат? – Тоҷикистон!

Чист он унвони шоёну баландат? – Тоҷикистон!
Мансаби аз ҷумла мансаб арҷмандат? – Тоҷикистон!

Чист армони баланди рӯзгорат? – Тоҷикистон!
Кист дар олам ягона ғамгусорат? – Тоҷикистон!

Обу нонат, обу нонат? – Тоҷикистон! Тоҷикистон!
Дилбари ҷонони ҷонат? – Тоҷикистон! Тоҷикистон!

Вожаи ширинтарин андар забонат? – Тоҷикистон!
Давлати пояндаву ганҷи ниҳонат? – Тоҷикистон!

Охирин як косаи оби ҳаётат? – Тоҷикистон!
Рӯзи маргат, рӯзи навмедӣ наҷотат? – Тоҷикистон!

Он, ки бо ӯ баъди маргат зинда монӣ? – Тоҷикистон!
Дар канораш мерасӣ бар бекаронӣ? – Тоҷикистон!

Қиблае, ки мекунӣ сӯяш ибодат? – Тоҷикистон!
Дар забонат охирин ҳарфи шаҳодат? – Тоҷикистон!

*июл, 2009*

## ПЕШ АЗ САФАР

Ман ҳам рӯзе сафар хоҳам кард,
Хоҳам кушод он дареро, ки касе намедонад
дар пасаш чист,
Дарёст ва коми наҳанг?
Боғҳои хуррам?
Гулзор ё даште пур аз хору мор?
Чоҳест бепоён ё тахтест гулафшон?
Ва ё ҳеҷ, ҳеҷ, ҳеҷ, фаромӯшистон?

Ман ҳам рӯзе сафар хоҳам кард.

Сафаре ба номаълум, ба нокуҷо,
Сафаре, ки ба ҷуз худ ҳамсафаре нахоҳӣ дошт,
Ба ҷуз худ ва эътиқод, агар дар туст,
Ба ҷуз худ ва имон, агар дорӣ,
Ба ҷуз худ ва Худо, агар бо туст.

Сафаре, ки ба гуселат ҳама меоянд,
Вале касе ҳаргиз ҷуръати бо ту рафтан
нахоҳад дошт...
Ба кадом дӯст такя хоҳӣ кард, ба кадом хеш,
Ки дӯсти ту ва хеши ту ҷуз ту
касе нахоҳад буд?!

Ман ҳам рӯзе сафар хоҳам кард...

Аммо ҳанӯз ин ҷоям,
Ҳанӯз метавонам дар гулхани табассуми гуле
дастҳоямро гарм кунам,
Аз озарахши як дидор роҳамро рӯшан созам
Ва худамро аз худам ҷӯяму ёбам

Ва ончунон дар ҳалқаи имон бигирамаш, ки
муттакои ман бошад.

Ту ҳанӯз бо манӣ,
Ман ҳанӯз бо туям, мефаҳмӣ?

Аммо ҳанӯзро ишқ бояд кард,
Ҳанӯзро бубояд бо сабзаҳо сабзид,
Ҳанӯзро бояд бо барқҳо дурахшид,
Бо боронҳо буборид...

Ҳанӯз ин зиндагиро метавон зист,
Зиндагие, ки … дигар нест...

*январ, соли 2009*

## ДУ СОҲИЛ

Ду соҳили ҷӯ ба ҳам муқобил буданд,
Як умр ҷудо, чунки ду соҳил буданд.

Он ҳар ду яке ба ҳамдигар дил бастанд,
Оини гузаштагони худ бишкастанд.

Соҳил чу зи ҳадди худ баромад, фарёд,
Тамкину сиришти сабрро аз каф дод.

Бо ҳам чу расиданд, чунон ду соҳил,
Дарё зи худаш бурун шуду шуд қотил.

Он ду чу ба ҳам расид, сад шӯр бихест,
Ҳастӣ ҳама тан зи банду басташ бигусехт.

Ду соҳили ҷӯ, чунон ки обу оташ,
Ҳаргиз набаранд ин дуро дар як ташт.

Оре, ману ту ду соҳили маҳҷурем,
Сад шукри Худо, ки боз аз ҳам дурем.

Аз соҳили худ маро тамошо мекун,
Хоҳӣ ба ҳазор соз ово мекун.

Аммо накунад Худо, ки бо ҳам оем,
Аз нав дари розҳои худ бикшоем.

Бингар ба ду соҳиле, ки аз ҳам дуранд,
Ошиқ ба ҳаманду шод, чун манзуранд.

Падруд! Марав ба садди дунё ба садад[1]
Ду соҳили ҷӯ ба ҳам набояд бирасад.

*9.02.2008*

[1] Садад – ният, қасд, азм.

## САВОБИ ГУНОҲ

Гуноҳатро биёр, эй ёри дерин,
Гуноҳатро гуноҳам гашта пазмон.
Гуноҳат аз савоби дигарон беҳ,
Гуноҳе, ки бубахшад мурдаро ҷон.

Куҷо дидӣ чунин васли хушеро,
Ки печидаст оҳи ман бар оҳат.
Савобатро бигирам бо гуноҳам,
Савобамро бигирӣ бо гуноҳат.

Биё, бахти сафедамро биёбам
Ман аз он хонаи чашми сиёҳат.
Савобе ҳаст оё беҳтар аз ин,
Ки гунҷад бепаноҳе дар паноҳат.

Гуноҳатро биёр, эй ёри дерин,
Гуноҳамро бубар, эй ёр, аз ман.
Ки ҳар ду бегунаҳ пеши Худованд
Диле рӯшан барему ҷони рӯшан.

Ман аз ганҷинаҳои инҷаҳонӣ
Фақат бо махзани ишқи ту монам.
Биё, дар ҷонамози синаҳоят
Намози вопасинамро бихонам.

*13.02.2008*

## БИЁ, ШАЙТОН, БИСОЗЕМ

Дилам бигрифт аз ин худфиребон,
Биё, шайтон, даме бо ҳам бисозем.
Биё, берун раҳем аз озу озор,
Ба ҳам як сози озодӣ навозем.

Ба коми дигарон то чанд дунёст,
Биё, майро ба коми худ бирезем.
Биё, бо номи он, ки хоки мо бехт,
Ману ту хоки оламро бубезем.

Занем оташ ба бунёди таассуб,
Хасу хори раҳи худро бисӯзем.
Биё, рӯзӣ зи рӯзи худ ситонем,
Биё, аз макри худ боре гурезем.

Бубардорем парда аз рухи шарм,
Биё, бо ҳам ҷунун резему хезем.
Биё, аз тавбафармоён натарсем,
Биё, аз ин «баодобон» гурезем.

Аз ин раҳмонпарастони ниқобӣ,
Ки оламро ба коми хеш бурданд,
Ба лаб номи Худованди таъоло
Дар ин дунё фақат хӯрданду мурданд.

Аз ин раҳмонпарастони дурӯғин
Басо беҳтар, ки бо ту ошкоро
Ситонам коми дил аз умри ҷоҳил,
Сипас пӯзиш биҷӯям бо тазарро.

Худо мехост аз рӯзи нахустин
Суҷуд орӣ маро, бо ман бимонӣ.
Ки шояд дар шуои ҳиммати ман,
Ту худро оқибат бо худ расонӣ.

*02.2208.*

## ГАП НАДОРАМ

Ёри дерин! Дер кардӣ, дер,
Акси ҳасрат дар намои ту,
Он қадар дер омадӣ, к-акнун
Гап надорам ман барои ту.

Монд дил, дил монд, дил сард аст,
Сардии савти сабои ту
Мерасад бар ман, вале, афсӯс,
Гап надорам ман барои ту.

Ҳар гаҳе бо дидаи рахшон
Рӯ ба рӯям мебарой ту,
Эй Худо, чун гӯямат ман, чун?
Гап надорам ман барои ту.

Вартаҳое, ки фурӯ рафтам
Дар варову моварои ту,
Менамонад бозпас оям,
Гап надорам ман барои ту…

Болафшон мешавад боло,
Ҷилваат аз лобалои ту.
Ёри дерин! Бе бало бошӣ!...
Гап надорам ман барои ту…

*22.09.2009*

## БАЪД АЗ ИН

Баъд аз ин худро ба ҳукмат месупорам, эй Худо!
Баъд аз ин коре дигар бо худ надорам, эй Худо!

Ҳар куҷо хоҳӣ, маро бар, ҳар куҷо хоҳӣ, расон,
Пой бе ҳукми ту дигар кай гузорам, эй Худо!

Доманеро гар бидорам, эй Худо, амри ту бод,
То ки аз густурда домони ту дорам, эй Худо!

Дасти ман гар сӯи дасте рафт, бе дастат мабод,
Дар бари ёре, ки бошам, бо ту ёрам, эй Худо!

Эй басо рафтам ба ҳар кӯю ба ҳар дар бегумон,
Баъд аз ин танҳо ба ҳукмат бурда орам, эй Худо!

Ман, ки хубӣ ҷуста будам, эй ҳама хубӣ, маро
Пеши хубон бар, дар он ҷо кун исорам, эй Худо!

Тору пудамро тароват бахш аз ишқи азал,
То навозам ишқро дар тор-торам, эй Худо!

Аз тамоми ганҷи дунё ҳар чӣ дорам, як дил аст,
Ҷони ман бо туст, дилро ҳам супорам, эй Худо!

Қадри ман бо қадри ишқе, ки ту додӣ, қадр шуд,
Қарздорам, қарздорам, қарздорам, эй Худо!

Шукри ишқат, шукри ишқат, шукри ишқат, то аз он
Нурборам, нуборам, нурборам, эй Худо!

Месарояд ишқи ту дар ман суруди васлро,
Ёри ёрам, ёри ёрам, ёри ёрам, эй Худо!

Ин мани оҷиз куҷову ишқи волоят ба аҷр,
Пойи ман каҷ рафт агар, аз аҷз дорам, эй Худо!

Ман ҳама ҳуббам, ту хубӣ, эй ҳабиб, аз ҳубби худ,
Қадр кун як қатрае бар рӯдборам, эй Худо!

*4.02.2009*
*Хоҷа Оби Гарм*

## ИМОРАТ

Эй Худованд, маро сохтӣ,
Он соне, ки ман намехостам…

Баъд гуфтӣ: метавонӣ худро
аз нав бисозӣ.

Ман ҳама умр худро аз нав сохтам,
Мисли иморате, ки рӯзе сохтмонаш
чун ба поён расид,
Ба ман мӯҳлат надоданд,
ки дар он иморат
як рӯзаке бимонам.

*2008*

## ҶИСМИ ТУ

Ҷисми ту ҷисми дурӯғ аст,
Андар ин ҷисми ту сад ҷисми дигар.
Дар тақозои фурӯғ аст…

## ОРОМӢ

Ба сӯи ту мевазам…
чу насим…
Аз лобалои гулбаргҳои лабонат,
ки розҳои самимонаи ишқанд,
мегузарам.
Ва дар паноҳи гули табассуми лабҳоят
ором меёбам.

*8.12.2007*

## ЗИНДАГӢ КӮДАКИ ТУ

Зиндагӣ кӯдаки туст…

Лой-лойӣ ту бихон дар гӯшаш,
Гармтар гир ту дар оғӯшаш.

Меҳрубон бош, навозаш ба муҳаббат,
То ки бар рӯйи ту хандад…

Пок медору маёлой
    ба шаҳват, ба хиёнат, ба ҷаҳолат,
            ба дигар гарду ғубори зиллат…

Зиндагӣ кӯдаки туст,
Гоҳ мегиряду гаҳ механдад…

Гоҳ аз домани ту медорад,
Гоҳ бе ришта туро мебандад…

Зиндагӣ кӯдаки туст,
Соҳиби кӯдаки худ бош.

*с. 2006*

## ТУРО ГИРЯ КАРДАМ

Туро гиря кардам,
Ту бо ашкҳои ман
            чакидӣ, чакидӣ, чакидӣ…

Ту дигар дар ман нестӣ…

*11.12.2007*

## ҶОНАМОЗ

Таъна бар ин килку ин дафтар мазан, эй бенамак!
Чун ба як пои қалам рафтанд мардон то фалак.

Аз ҳамин як сафҳаи коғаз малакҳо ёфтанд,
Балки асрори баландии фалакҳо ёфтанд.

Сад нишон аз бенишониҳо ҳувайдо кардаанд,
Сад даре бар бекарониҳо ба мо во кардаанд.

Нек бин бар дафтари мо, ҳамчунон бо ҷонамоз,
Нест бо сар рафтани ин килки мо илло намоз.
*2.12.2007*

## МЕҲМОНЕ, КИ ҲАДЯҲОЯШРО БО ХУД БУРД

Мо на меҳмони рӯзем,
Рӯз аст, ки меҳмони мост.
Ва ҳадяҳои гаронбаҳое овардааст бо худ:
офтоб…
рӯшноӣ…
гармӣ…
Дастагули чеҳраҳои зебо…

Бихезу пешвоз гир, меҳмонатро,
Бигир ҳадяҳои қиматбаҳои ӯро!..

Аммо ту нахестӣ,
Хоб будӣ дар паси дари баста,
Меҳмонат ҳадяҳои
қиматбаҳояшро
бо худ бурд.

*10.12.2007*

## ҲАҚИҚАТ

Ҳақиқат дар сукути ман аст,
На дар гуфтори ту.

*10.12.2007*

## ГИРЯ

Ту гиря мекунӣ…
Бирез борони ашкҳоятро,
Ки абри сиёҳи ғуссаҳо
дар осмони мусаффои табъат
нопадид шавад.

Бирез борони ашкҳоятро,
Ки ғуборҳо тоза шаванд
ва бӯи зиндагӣ ба машомат бирасад.

Бирез борони ашкҳоятро,
Ки дар рангинкамони нигоҳат
зиндагӣ боз ба сад ранг бихандад…

*11.12.2007*

## КӮРИ БИНО, КАРИ ШУНАВО ВА ГУНГИ ГӮЁ

Чашми ман!
Ту чаро надидӣ, он чиро, ки бояд медидӣ?
Гӯши ман!
Ту чаро нашнидӣ, он чиро, ки бояд мешунидӣ?
Лабҳои ман!
Шумо чаро нагуфтед, он чиро, ки бояд мегуфтед?

*10.12.2007*

## ХЕШИГАРӢ

Раҳо бахшад ҳақиқатро ҳақиқат аз канори дор,
Вале ботил аз ӯ бошад гирифтор.

*10.12.2007*

## ҲУШДОР

Марг пеш аз он, ки ба суроғи ту биёяд,
Туро ба маргҳои дигарон ҳушдор медиҳад,
ки омода бош…
Вале одамизод гумон мекунад,
ки ҳар бор маргро фиреб додааст,
Бехабар аз он, ки худи ӯст
афтода ба банди фиреби худ.

*10.12.2007*

## ДАРИЧА

Марг даричаест,
ба ҳаёти дигар…

*10.12.2007*

## РӮҲИ СУХАН

Бар алайҳи обу оташ,  хокбоди асрҳо,
Дар ҷаҳон чизе ба ҷуз рӯҳи сухан поянда нест.
Асрҳо бигзашт агарчӣ аз миён, эй асри нав!
Пештоқат боз ҳам муштоқи шеъри Рӯдакист.

*июни с.2008*

## ТУ БО МАНӢ

Ҳамеша, дар ҳама ҷо
туи бо манӣ..

Ту бо манӣ,
Ҳамеша,
Дар ҳама ҷо…

Вақте нигоҳ мекунам,
намедонам,
Ин нигоҳи ман аст ё нигоҳи туст.

Вақте дар андешаам, намедонам,
Ин андешаи ман аст ё андешаи туст.

Касе заминеро чунин тасхир
накардааст,
Ки ту маро…

Вале дар куҷоям худи ман?

Шояд ман лонаам
Ва рӯҳи ту он парандаест,
ки дар ман иқомат мекунад…

## БА УМЕДА[1]

Даме, ки ба саҳни ҳавлӣ мезанӣ ҷорӯб,
Умеда,
Ноумедиҳои маро ҳам рӯб!

Даме, ки мезанӣ ба саҳни ҳавлӣ об,
Раҳи орзуҳои маро мекунӣ рӯшан,
Муҳаббати хуфта мерамад аз хоб.

Даме, ки зери обшор зарф мешӯӣ,
Ба дасти ту ҷилва мекунад хуршед,
Ба дасти ту ҷилва мекунад маҳтоб.

Дар ин диёри рангин
Зиндагии ту якранг аст,
Дили ту нарми нарми нарм,
Ҳама атроф санг, санг, санг аст.

Ту ҳам чу яке аз чашмаҳои диёри сангинат
Зулолу пок рустаӣ зи ҳастии сангин.
Умеда, умеди ҳастии мо бош,
Ки бе умеди ту нест зиндагӣ ширин.

Умеда, бирӯб, бирӯб, бирӯб,
Зи роҳи зиндагӣ ноумедиро,
Бипош, бипош аз зулоли бовари покат
Ба роҳи торики мо сафедиро…

*Ишкошим,*
*Гармчашма, 22.08.2009*

---

[1] Умеда духтари 16 сола дар Гармчашма

## ДАР ҶАНОЗА

Одамонеро, ки баъди мурдани ман
Дар ҷаноза ҷамъ меоянд…

Оҳ мехоҳам, ки орам ҷамъ пеш аз марги
худ як бор
То бигӯям баҳрашон он лаҳза бо исрор:
Эй азизон! Эй азизони дилу ҷон!

Узр мепурсам, агар дар зиндагӣ
Кам расидам ман ба сарвақти шумо,
Лек Яздонро шафеъ орам, ки будам ҳар саҳар
Дар дуои нусрату бахти шумо.

Эй азизон, зиндагонӣ ҳар нафас бошад азиз,
Баҳраҳо ёбед аз файзи шукӯҳаш зинҳор,
Аз сафои ҳар нафас, аз файзи ҳар дидор.

Дар ҷаҳон ҳар кас нигоҳи неку хушбин дошт,
Умри ширин, умри рангин дошт,
Дар нигоҳаш зиндагӣ хуш буд, гулу гулзор буд.
Чунки некиву хушӣ медиду умре
лобалои он биҳишти шодмонӣ буд.

Дар ҷаҳон ҳар кас, ки бад медиду бад меҷусту
бад мехост,
Зиндагияш дар миёни он бадиҳо буд,
Дар бадиҳо ҷисми ӯ мекост.

Эй азизон!
Умри мо дар ҳалқаи дидори як чашм аст,

Ҳар кӣ дунёро ба чашми меҳр,
бо чашми муҳаббат дид,
Низ худ дар ҳолаи меҳру муҳаббат зист,
Бар сафои нусрату бахташ расид.

Ҳар кӣ бо чашми ҳасад, бо чашми кина,
бо нигоҳи ҳирс дид,
Зиндагонӣ дӯзахи ӯ буд,
море буд, к-ӯро мегазид.

Эй азизон! Эй азизони дилу ҷон!
Ҳарчи ман будам, набудам,
Дар нигоҳам ишқ буду дӯстдорӣ буд,
Дар дили ман меҳри ёре буд.

Мекунам иқрор, ман гоҳе
бо дарахтон ҳамсухан будам,
Мешунидам рози гулҳоро, хусусан,
Ҳар куҷо рӯди равон, оби мусаффо буд,
Ҳамзабонаш будаму бо ман ҳамово буд.
Мешудам ман оби ҳар рӯде,
Мешудам моҳӣ ба дарёҳо.
Ҳамраҳи ҳар нахл мерустам,
Ҳамраҳи ҳар нур сӯи рӯшноӣ роҳ меҷустам.

Ин чӣ ҳазёне, ки мегӯям,
Дар ҷаноза, рӯзи дафнам.
Он ҳақиқат, ки ман охир ёфтам ин аст,
Зиндагӣ як рӯи он санги гарону сахт вазнин аст.
Санг, санге, ки ба рӯи он навишта:
«Ҳикматам пинҳон таҳи он рӯи поин аст».

Баъд умре мезанӣ зӯре, ки рӯ гардонӣ
ин санги гаронро,

То бубинӣ, чист он ҳикмат, ки бинвиштаст
дар он рӯи поин.

Баъди заҳматҳои якумра мушарраф мешавӣ,
То бубиниву бихонӣ,
Ҳикмати он рӯи поин низ ин аст:
«Ҳикматам дар рӯи поин аст»[1].

Чунки чизе нест ин дунё,
Чунки ин дунё фақат як рӯй дорад,
Гарчи садрӯем мо.

Эй азизон! Эй азизони дилу ҷон,
Зиндагӣ санги гарону сахт вазнин аст.

Мо варо ҷон канда-ҷон канда,
Бо азобу ранҷҳо
аз домани поёни кӯҳ
Рӯзу шаб бо тобу бо таб
Ҳарчи боло мекашонем,
То ки як рӯзе ба тори қуллаи ин кӯҳ
охир мерасонем.

Лек ин дам мебиёяд аблаҳе, по мезанад
Санг, он санге, ки мо як умр ҷон кандем,
то он ҷо расид,
Дар як он аз тори қулла меравад поёну
меёбад қарор
Дар ҳамон ҷойе, ки аз он ҷо варо оварда будем.
Дар бари домони кӯҳ
Ҳосили мо мешавад аз зиндагӣ як: ӯҳ!

---

[1] Мазмун аз шеъри Ахавон

Эй азизон!
Зиндагӣ, тақдир ё амри Худост,
Мо агар некем, ӯ нек аст,
Мо хатокорем агар, ӯ ҳам хатост.

Зиндагиро зиндагонӣ метавонӣ кард дар ҳар ҳол,
Зиндагиро шодмонӣ метавонӣ кард дар ҳар ҳол.
Зиндагонии заминиро
Осмонӣ метавонӣ кард дар ҳар ҳол…

Эй азизон! Хайр бодо бо шумо, падруд!
Зиндагонӣ қиссаи буду набуд,

Зиндагӣ мифтоҳи мо бар он дари фардост
Чӣ дареро ӯ ба рӯи мову ту хоҳад кушуд?...

*14.05.2009*

## ДУХТАРИ РАШТӢ

Духтари зебои раштӣ!
Ман туро нодида медонам, ки зебоӣ,
Ман туро нодида медонам, ки яктоӣ.
Ман туро нодида медонам, ки аз ту
Чашмаҳо покӣ биёмӯзанд, зеро
Чашмаи покизаи домони афлокӣ.

Чун садоятро шунидам,
Дар садои ту навои дилкушоятро шунидам,
Дар навои ту таманнову дуоятро шунидам.

Дар садоят хониши кабки ҳилол,
Дар садоят резиши оби зулол,
Мекунад покиза ҷонро аз малол,
Ин садои беҳтар аз садҳо висол…

Бо садои ту ба қалби ман расид аз дури дур
Сурати сури сурур.

Духтари зебои раштӣ!
Ман туро нодида медонам, рухат оинаи рӯъёст,
Ман туро нодида медонам,
дилат ганҷинаи маъност,
Набзи шарёни ту набзи синаи дунёст.

Гарм медорад дили гарми ту оламро,
Як нигоҳи рӯшанат бардорад аз олам
Пардаи ғамро.

Духтари фаршедии раштӣ!
Аз Худо хоҳам фари олам ба сар бошӣ!
Зинда бошӣ, зинда бошӣ, зиндатар бошӣ!

*4.07.2009*

## ТУ ФАРОМӮШ НАКАРДӢ?...

Ту фаромӯш накардӣ, ки чи гуна
Дӯст мебояд дошт?...
Ончуноне ки ба чашм
Хор гул тобаду гул
                ишқро акси таҷаммул,
Ончуноне ки табассум зи лабат
Раҳ ба раҳ гул мекошт?...

Ту фаромӯш накардӣ, ки чӣ гуна
                          дӯст мебояд дошт?...
Ашкро дар дида
Чу чароғе ба раҳи омадани ишқ
                                    ҳамебояд дошт.

Ту фаромӯш накардӣ, ки чӣ гуна
Дӯст мебояд дошт?...
Ишқро
     мисли ҳавое зи ҳаво
Ба ҳавасҳо, ба нафасҳо медошт?...
Ки нишоти дидор
                бе пару бол туро
                          то ба само мебардошт,
Шодии ишқ туро
                аз ҳама боло медошт?...

Ту фаромӯш накардӣ, ки чӣ гуна
                          дӯст мебояд дошт?...

*14.02.2008*

# МЕТАРСАМ АЗ ТАРС

Метарсам аз тарс,
Метарсам аз тарс...

Аз тарс то наҳс як панҷа роҳест,
Аз тарс то макр як роҳи оҳест.

Мардони тарсу рӯйе надоранд,
Дар ҳеҷ сӯйе сӯйе надоранд.
Як бӯй доранд,
Бӯйи бади тарс.

Тарсу надорад ҳаргиз садоқат,
Тарсу надорад ҳаргиз наҷобат.

Тарсу хиёнат ду рӯйи як рӯ,
Тарсу ҳамоқат ду соҳили ҷӯ
Рӯди фалокат аз байни ҳар ду.

Аз тарси ҷон ӯ бахшида ҷонро,
Аз тарси тан ӯ бахшида танро,
Аз тарс бахшад тарсу Ватанро...

Ин даҳр даҳри мардони шер аст,
Дунё аз они марди далер аст.

Ман менатарсам, аз аср[1], аз каср[2],
Ман менатарсам аз хирсу аз ҳаср[3]...

Метарсам аз тарс,
Метарсам аз тарс...

*5.02.2009,*
*Хоҷа Оби Гарм*

---

[1] Аср – шиканҷа
[2] Каср – зиён
[3] Ҳаср – иҳота

## АКНУН ТАМОМ

Бо ҳамин акнун бас аст, акнун тамом,
Интиҳои каср ҷӯ аз интизом.

Ин муҳаббат ҷумла фанд асту фиреб,
Доми дом аст ин садоқат, доми дом…

Баъд аз ин аз дасти худ хоҳам гирифт,
То аз ин лойобаи лотӣ[1] баром.

Мераҳонам аз мани худ хешро,
Меситонам аз мани худ интиқом.

Меравам акнун ба оини дигар,
То биёбам аз мақоми худ мақом.

Он қадар аз дудаи ман дуд рафт,
Устухонам сӯхт то мағзам тамом.

Вораҳидан аз дами доми ҳавас,
Болафшон дар ҳавои ҳар паём.

Изн бахшо, то равам аз роҳи худ
Издиҳом, эй издиҳом, эй издиҳом!

*24.08.2009*
*Гармчашма. Бадахшон*

[1] Лотӣ – фақр, нопок

## БА ДУХТАРЕ,
## БА ДУХТАРАКОНЕ...

Мерасад як рӯз, меояд,
Ин дару тирезаҳои бастаро
Рӯ ба рӯят мекушояд, мекушояд, мекушояд...
Ӯ насибатро барои ту зи дунё
Мерабояд, мерабояд, мерабояд...

Мерасад як рӯз, меояд.

Сабр кун ҳоло ту, танҳо сабр кун,
Интизораш бош.

Ҷониби ту чун баҳор ӯ мерасад
                                        аз чор ҷониб,
Ҳеҷ хористону сангистону маргистон
Садди роҳаш нест.

Сабзу хуррам карда дар роҳаш
                                        ҳама ҷоро,
Парчами роҳи муродаш карда гулҳоро,
Ҷониби ту мебиёяд,
Шом ё субҳе даратро мекушояд...

Сабр кун танҳо ту, ҳоло сабр кун,
Мебиёяд, мебиёяд,
Ҳамчу барфи пурсафо аз осмонҳо
                                        мефурояд,
Карда дунёи сияҳрӯро сафед,
То дарат густурда қолии умед,
Мебиёяд, мебиёяд.

Ҳамчу нури рӯшан аз тирезаҳои дидагонат
Медарояд.
Мебиёяд ҳамчунон рӯди ситезон
Бар дарат шаббодарезон,
Мебиёяд ҳамчунон борони раҳмат,
Бар сарат борида чун пайғоми нусрат...

Мебиёяд, мебиёяд,
Сабр кун, дар интизораш бош!

Гар ту пинҳонӣ ва ё пайдо,
Ӯ худаш меояду мекобадат,
Ӯ худаш меёбадат, меёбадат...

Номи ӯ ишқ аст, ё бахт аст, ё ҳар
чизи дигар ҳаст,
Дар қаде, дар қомате, дар партави рӯйе
Мебиёяд, мебарад бо худ туро,
Мекунад аз бандагии нонамоёнат раҳо.
Мебарад бо хештан, бо хештан
То куҷоҳо, то куҷоҳо, то куҷоҳои Куҷо...

*6.03.2009*

## ИНСОН ВА ДАРАХТ

Метавон чун як дарахте
шод будан!..

Дар баландои баланди обрӯи худ,
Реша дар имони худ обод будан.

Дар баҳори табъи воло гул шукуфтан
ҳар баҳор,
Меваҳои пухтаи андеша овардан ба бор…

Метавон паррандаҳои ормони хешро
Аз канори шохсори орзу парвоз дод.

Ташнагиро метавон бишкаст
аз борони эҳсони Худо,
Рӯҳро дар оби раҳматбахши ӯ покиза дошт.
Метавон дар офтоби меҳрбораш
ишқро овоз дод…

Метавон дар боғи сабзи дӯстӣ
Ихтиёри зиндагонӣ кард,
Ҳар баҳорон аз ҳарири рангу гулҳо
пираҳан дошт,
Ё қабои оҳарӣ пӯшид тобистон,
Дар хазон пироҳан аз зарҳал ба тан дошт.
Дар зимистон метавон пӯшид
Пӯстини сап-сафед …

Метавон чун як дарахте шод будан…

*9.12.2007*
*Шамбарӣ*

## ИН СЕБ

Ин себ, ки пайки шодмонист,
Сад шукр ба он касе, ки киштаст.

Ин бӯву таровате, ки дорад
Пайғоми муаттари биҳишт аст.

Дар себ бубину зиндагӣ кун,
Зеро ки биҳишт дар сиришт аст.

*с. 2008*

## БАҲОР ОМАД

Баҳор омад, дили бекина дорам,
Ба ҳар барги гуле оина дорам.
Баҳор омад, бирезад мисли борон
Ҳама дарде, ки ман дар сина дорам.

*Баҳор, с.2010*

## РОҲИ БАҚО

Роҳе, ки ба по равӣ, ҳамон роҳи фаност,
Роҳе, ки ба сар равӣ, раҳи амну вафост.
Роҳе, ки ба чашм меравӣ то чашмест,
Роҳе, ки ба дил равӣ, ҳамон роҳи бақост.

*9.04.2010*

## АЗ МАНУ ТУ

Аз ману ту қиссаҳои ишқ монд,
Ҳастии мо мубталои ишқ монд.

Ҳар касе дорад худои хешро,
Ҷони ман худ бо худои ишқ монд.

Ҳар чӣ гум кардӣ, маҷӯ дигар, маҷӯ,
Он чӣ гум кардӣ, варои ишқ монд.

Дар дили ман ёди неки ишқи мо,
Дар лаби ту моҷарои ишқ монд.

Мон, ки номи мо равад аз ёдҳо,
Номи мо дар вожаҳои ишқ монд.

Хуш касе, ки чор фаслаш ишқ буд,
Зиндагияш дар ҳавои ишқ монд.

Менарафт аз ман ҷавонӣ бедарег,
Сураташ дар лобалои ишқ монд.

Ассаломи ту саломи ишқ буд,
Во алайки ман салои ишқ монд…

Инак аз мову ту ҳам чизе намонд,
Ҳарчӣ буд,андар намои ишқ монд.

*14.12.2007*

## БАҲОР МЕРАСАД

Бирав, бирав, ғубори ғам,
Бирав, хазони изтирор,
Ҳавои ғуссарӯ, бирав,
Баҳор мерасад, баҳор…

Бирав, ғубори рӯи гул,
Бирав зи синаҳо, ғубор.
Бибор раҳмати Худо,
Баҳор мерасад, баҳор…

Биё, фурӯғи рӯйи дӯст,
Фирор кун зи ман фигор,
Бирав, шамоли сарди дай,
Баҳор мерасад, баҳор…

Бишин наванди ишқро,
Навои зиндагӣ нав ор,
Наварди рӯшанӣ навард,
Баҳор мерасад, баҳор…

Шукӯҳи мо шукуфта боз,
Расида сабри мо ба бор.
Муборак, эй дили сабур,
Баҳор мерасад, баҳор…

Биё, ғами гузаштаро
Ба обу бодҳо супор,
Қабои ишқ кун ба бар,
Баҳор мерасад, баҳор…

Шукуфта дар лабони гул
Паёми чеҳраи нигор,
Саломи бӯсаҳо ба лаб
Баҳор мерасад, баҳор…

*06.03.08*

## БАҲОРИ РАСТАГОР

Ин баҳор акнун баҳори дигар аст,
Ин нигор акнун нигори дигар аст.

Аз кудуратҳо ҳаво покиза шуд,
Бе тамаъ ин ёр ёри дигар аст.

Оби абраш менашӯяд оби рӯ,
Обшораш обшори дигар аст.

Нест абраш шӯълаи хашму ғазаб,
Озарахше аз шарори дигар аст.

Нест боронаш сиришки ғуссабор,
Оби раҳмат, файзи бори дигар аст.

Хандаи гул дар ниқоби макр нест,
Нусрату нури наҳори дигар аст.

Шуд канор он ранҷҳои беканор,
Ин канор акнун канори дигар аст.

Ёлафшон мерасад Рахши мурод,
Шаҳсавораш шаҳсавори дигар аст.

Мебарам боре ба сар бо ройи худ,
Бори ӯро, чунки бори дигар аст.

Хуш расидӣ, эй баҳори растагор,
Раҳгузорат растагори дигар аст.

Бо мадоро бошу бо дору мадор,
Тоҷикистон дар мадори дигар аст!...

*2.03.2008*

## ПАЁМ ОМАД...

Паём омад, паём омад,
Нидои нангу ном омад,
Паёми раҳнамо омад,
Ки миллат рӯи по омад.

Паём омад, паём омад,
Салом омад, салом омад,
Ки, эй миллат, саломат бош,
Алайҳи бодҳои тунди асри нав
Ба рӯйи пойи ҳиммат бош.

Бубояд хест, бояд хест, бояд хест,
Бубояд бо баландиҳои кӯҳи худ баробар шуд,
Бубояд бо уқобони Ватан ҳамболу ҳампар шуд,
Бубояд ҳамрадифи рӯдҳои поки кишвар шуд,
Бубояд дар мақоми родмардиҳо муқаррар шуд.

Бубояд роҳҳоро аз дили мо то таманно бурд,
Бубояд роҳҳоро аз дили мо то Сурайё бурд.

Бубояд рӯ ба сӯи рӯшаниҳо рӯшноӣ бурд,
Куҷо нақб аст, аз худ то Худо бояд саное[1] бурд.

Паём омад,
Ки мо ҳастем, таърихи куҳан дорем,
Биҳиштосо Ватан дорем, халқи шертан дорем...

Паём омад, ки нури фазлу ҳикмат раҳнамои мост,
Паём омад, дарахти родмардӣ муттакои мост.

[1] Сано – дурахшонӣ, рафъат, баландӣ

Паём омад,
Ки мо худ зодагони нур, халқи рӯшанимонем,
Ба олам нури ҷонафрӯзи худро мефиристонем.

Паём омад, паём омад,
Садои издиҳом омад,
Ки мо бо ин Ватан якҷону тан ҳастем,
Ватан ҳастем мо худ, ҳар яки мо худ
Ватан ҳастем.

Паём омад,
К-аз он нухбагон дар хуну дар шарёни мо боқист,

Куҳанхоки Ватанро бо тамоми кӯҳсоронаш
Зи тӯфону зи бӯҳронҳои гетӣ ҳеҷ боке нест.

Паём омад, паём омад,
Ки айёми низом омад,
Аё эй ворисони назми оламгир!
Низоми бенизомиро фурӯ резед
Кунун бо азми оламгир.

Паём омад, паём омад,
Ки аз дарёи фазлу ҳиммати мо даштҳои ташналаб
шодоб хоҳад буд,
Паёми меҳри мо покизатар аз об хоҳад буд,
Чаро ки миллати тоҷик аз рӯзи азал
то рӯзи буду ҳаст
Сари ин қуллаҳои сарбагардунсуда сарафроз,
Чунон бар қуллаи ишқу ҷавонмардӣ,
Чунон бар қуллаҳои ҳикмату одоб хоҳад буд!!!

*17.04. 2009*

## ДИЁРАМ

Диёрам, эй диёрам, эй диёрам,
Диёри сангсору сангборам.
Ман аз санги ту сангиндил нагаштам,
Сари сангин вале бо хеш дорам.
Чунон к-аз санги ту рӯяд гули санг,
Гул аз толеъи сангинам барорам.

Диёрам, эй диёрам, эй диёрам,
Диёри кӯҳа-кӯҳа кӯҳсорам.
Чӣ мардам ман, агар дар худ набурдам
Баландии туро чун ифтихорам?
Кучо покам, чу покии туро ман
Ба чашм аз чашмаҳои ту надорам?

Диёрам, эй диёрам, эй диёрам,
Диёри нурбахшу нурборам,
Ту, эй гаҳвораи Зардушту Монӣ,
Ту, эй Маздозамин, эй марзи орам…
Ба ҳар ҳарфи ту нури эзадиро
Чу пайки рӯшанӣ бар лаб гузорам.

Диёрам, эй диёрам, эй диёрам,
Виқорам, эй виқорам, эй виқорам.
Зи ҳар рӯдат, ки як тори сурур аст,
Навои покмардиҳо барорам,
Зи ҳар шомат, ки батни рӯшаниҳост,
Сабоҳи нур резад рӯи корам.

Диёрам, эй диёрам, эй диёрам,
Бимон, бо обшоронат биборам,
Бимон, бо ҳар гулат гулхан шавам ман,
Муҳаббатро фурӯзон дар мадорам.
Бимон, бо сабзаҳои сабзҷонат
Бисабзам, то туро сарсабз дорам.

Диёрам, эй диёрам, эй диёрам,
Мададгорам, мадороям, мадорам,
Бимон, дар пешгоҳат ҷон фишонам,
Бимон, дар пойгоҳат сар гузорам.
Равам бар хоки ту ишқи ту дар дил,
Ки гулафшон шавад фардо мазорам…

*16.01.2010*
*Хоҷа Оби Гарм*

## НАВРӮЗИ ДИЁР ОМАД
*(Суруд)*

Аз доманаи гардун,
Аз кӯҳу талу ҳомун,
Омад фараҳи серун,
Пайғоми баҳор омад.

Фасли гули нор омад,
Сабри ту бабор омад,
Сур омаду сор омад,
Наврӯзи диёр омад.

Эй дил, чу чароғи ишқ,
Афрӯз ба боғи ишқ,
Сар бар ба суроғи ишқ,
Айёми иёр омад.

Меҳре, ки ба ҷони туст,
Хуршеди ниҳони туст,
Ганҷури равони туст,
Ишқ аз бари ёр омад.

Бодо, ки дилат во бод,
Тобони таманно бод,
Гул ханда ба лабҳо бод,
Дунё ба канор омад.

Эй рӯи ту рӯи ишқ,
Номи ту нумӯи ишқ,
Ҷони ту сабӯи ишқ,
Ёрат ба хумор омад.

Покиза чу борон рез,
Бар ҷоми дилат ҷон рез,
Фар бар сари ҷонон рез,
Нусрат ба нисор омад.

Дар мазҳаби поконем,
Дар партави имонем,
Дар ҷони Ватан ҷонем,
Дил шукргузор омад…

*17.02.2010*

## СУРОҒИ ИШҚ
*(Суруд)*

Ду дидаат чароғи ишқ,
Бубар маро суроғи ишқ,
Табассуми лабони ту
Гуле ба кӯчабоғи ишқ.

Муҳаббати ту, эй азиз,
Маро зи ғам раҳо кунад,
Ту мешавӣ насиби ман,
Худо кунад, худо кунад.

Зи барг-барги ман маро
Ту канда-канда меравӣ.
Дар ашки дидагони ман
Ба ханда-ханда меравӣ.

Надидаам, надидаам
Гуле ба рангу бӯи ту.
Маро насиб кош бод,
Гуле зи боғи рӯи ту.

Ба озарахши як нигаҳ,
Маро чароғи ишқ кун.
Суроғаи маро бубар,
Биё, суроғи ишқ кун.

*02. 2010*

## ЭЪДОМ[1]

*(Манзума)*

… Қатлгоҳ!.. Имрӯз эъдоми ман аст!..

Дар ҳузури чор унсои[2] азал,
Дар фазои Вақт,
дар вақти Фазо,
Дар канори соҳати дастони Сидқ,
Пеши чашмони Худо.

Доварам аз ҷониби чап – Дил,
Аз канори рост – Виҷдон,
Шоҳидонам – Гиряву Ханда…

Вожаҳоро мебарорам лахта-лахта аз ҷигар,
Канда-канда:

Ҳам ба номи зиндагонӣ,
Ҳам ба номи бандагӣ!
Ҳам ба номи Ишқ!
Дар асоси он, ки марги одамӣ
Эй басо волост
　　　　　　　　аз шармандагӣ…,
Ҳукми эъдоми худамро мебарорам…

Қатлгоҳ!.. Эъдоми ман!..

Мебароям рӯ ба рӯ бо худ,
　　　　ба чашми худ нигоҳе мекунам:
Як мани музтар,
　　　　　　　　мани мунзар,
　　　　　　　　　　　　мани музмар,
　　　　　　　　　　　　　　　　мани мункар,
Мисли ҳамёни тиҳӣ аз симу аз зар.

---

[1] Эъдом – нест кардан, куштан
[2] Унсо – мода.

Бо тани ларзону ҳайрон,
пеши худ зору пушаймон,
истода рӯ ба рӯям.
Вожаҳоямро ба сӯяш,
ҳамчу тир аз таркаши худ
мепаронам:
– Муттаҳам!
Инак, туро бояд кушам!

Он мани ларзон
ба ман ҳайрон,
парешон
Мебарорад ин нидоро
бо ғиреви ҷон:
– Ман намефаҳмам! Гуноҳам чист?!

– Ин нафаҳмидан гуноҳи аввалини туст!
Ҳукми ту бинвишта аз рӯзи азал
Дар ҷабини туст!

– Тавба!

– Оре! Тавба кун! Аммо бидон,
Як гуноҳат бегуноҳист!

Бегуноҳии ту шуд обастани садҳо гуноҳ!
Бериёии ту шуд маҳди риё, эй бепаноҳ!
Ҳоламон аз дасти ин беҷуръатиҳо шуд табоҳ…

Ӯ ба ҳайрат ҷониби ман чашм медӯзад:

– Тавба! Тавба!
Ман ту ҳастам!
Пас чӣ сон ту мекушӣ худро?!

– Бе дареғе мекушам!
Бингар!
Сабри ман, инак, дамид
                    аз косаи сар…

– Лаҳзае исто!
Чаро дорӣ шитоб?
Марги мо як рӯз худ хоҳад расид!..

Ман ба ӯ мегӯям: – Оре!
Марги мо як рӯз меояд,
                    аз ин боис
Ман туро бояд ҳамин ҳоло кушам,
Пеш аз он марге, ки бо ҳукми қазо
                    як рӯз меояд…

– Чаро?

– Чунки мехоҳам дигаргуна бимирам,
Чунки мехоҳам, ки дар марги табиием
Бимирам, марди арзишманд,
Бо дили гарму сари боло,
Мурданам бошад ба дунё панд.

Ман намехоҳам, ки дар ҷилди ту мирам,
Нотавон, тарсу,
          чунин зору нажанд!

Ман намехоҳам туро дигар!
Хуш надорам!

Ту на он ҳастӣ, ки будӣ як замоне,
Эй саропо бухлу кина, нотавонӣ!

Роҳи ту бар сӯи бероҳист,
Пойҳоят дар чаҳи ҷоҳест,

Баъди маргат роҳи ту
сӯи малакҳо нест!

Ин қадар рӯҳи гаронатро куҷо хоҳӣ кашидан?
Гар раҳаш сарзер рафтан бар ҷаҳаннам
бемуҳобо нест?!..

Ин замон истезае дар рӯи ӯ гул кард,
Шубҳае хандид…

Гуфт: – Гар ҳукми ту ин бошад,
биё, куш!
Ҷони ту хоҳад кашидан дард,
Чун шавӣ бо марг ҳамоғӯш…
Нест осон теғро бар худ задан,
Мекунӣ тоқат ту бар ин дарди ҷонсӯзи бадан?!

Ногаҳон дидам:
Аз Мани ман сад мани дигар баромад…

Ман надонистам, ки дар Ман
Ин қадар манҳо зиёданд.

Пас кадомашро бубояд кард маҳкум?
Пас кадомашро бубояд кушт?

Қатлгоҳи ман пур аз ман шуд,
Ин ҳама манҳо дар атрофам тамошогар,
Интизори он ки ман худро чӣ гуна
мекушам.

Ҳам мани мақтул,
ҳам мани қотил,
Ҳам мани оқил,
ҳам мани ҷоҳил,
Ҳам мани дилдор,
ҳам мани бедил,

Ҳам мани ҳушёр,
ҳам мани ғофил.
Ҳам мане, ки сар ба по ишқ асту рашк аст,
Ҳам мане, ки пайкари дарду сиришк аст…

Ман – адолат, ман – садоқат,
Ман – надомат, ман – ҳамоқат,
Ман – нафосат, ман – рафоқат…
Боз манҳои зиёде,
Дар ҳама шаклу намову ҳар ниҳоде…

Чун чунин манзар ҳувайдо шуд,
Ҳукми ман қатъитар аз пешинаву
дар ҷилди маъно шуд.

Ман ба як таккону
бо як наъраи дардона аз ҷон
Ҷамъ кардам хешро дар худ ба як он.

Пас ҳама манҳои некамро ба худ хондам
В-он ҳама манҳои номатлубро мондам.

Дар кафам теғи адолат,
Дар дилам шӯри ҷасорат,
Ман, ки андар куштани мӯре
надорам дасти ҷуръат,
Теғ бар худ мезадам,
гӯё ба ҷисми хӯсаҳо.
Пеши ман ин хӯсаҳои бедилу бемағзу бехунро
набошад ҳеҷ қимат…

Аввало куштам мани тардидро.
То ки роҳамро кушоям дар масири ҳақталошӣ,
Аввалан аз ӯ бубояд шуд раҳо.

Баъд аз он куштам мани дурӯяро,
Он дуқалба, дуназар, дугӯяро.
Куштамаш қатъан ба теғи як нигоҳ.

Навбати фисқ омад, ӯ гуфто:
– Маро мон!
Чунки бе ман –
бе хушӣ, бе дилбарӣ,
бе айшу ишрат
Мешавӣ аз худ пушаймон!

Гуфтамаш: – Шояд!..
Валекин
Бо ҳузури ту пушаймонии ман
сад бор беш аст,

Ҳар касе бо туст,
ӯ як умр бе хеш аст.

Бе дареғе куштамаш…

Баъд Ғайбат, Рашк, ҳам Бухлу Тамаъ –
Ин ҳама манҳои Ман ҳам –
аз дами теғам гузаштанд…

Ман ба номи ишқи покам,
Дар асоси суннати одамгарӣ,
ҷумларо эъдом кардам.

Эй ҳама манҳои Ман!
Чун гиёҳи заҳролуд
Мекунам як-як зи полезам шуморо решакан!

Бо шумо ҳастии поки Ман ҳама олуда шуд,
Бо шумо умрам ҳама беҳуда рафт.

Рашк оташ зад, чаманзори маро сӯзонд,
Ғайбат аз ман лутфу эҳсони Худоро ронд.
Бухл дарёи дамони синаамро хушк кард,
Аз тамаъ шодии дунё рафту бо ман монд дард!

Як мани бадҳайбати бадхӯи дигар
Ногаҳон омад баробар.

Гуфт: – Ман симои мардии туям,
Номи ман Хашм аст,
як ёри набардии туям.
Ин манам ҷавшан туро дар зиндагӣ…

Гуфтамаш: – Хомӯш шав!
Шармандагӣ!

Ту нишони нотавонии манӣ!
Чун балову чун вабо андар танӣ!

Паҳлавон оне бувад, ки дар набард,
Хашми худро худ таги по метавонад кард.[1]

Гуфтаму теғаш ниҳодам бар гулӯ,
То набинам бори дигар рӯйи ӯ…

Қатлгоҳи ман пур аз манҳои кушта,
Навбати он шуд, ки бояд гӯр кард
Ҷумлаи ин наъшҳоро.

Лек мушкил дар сари он буд, ки гӯри
ин ҳама мақтул худ будам…

---

[1] Байт бо тағйироте ба тақозои вазн аз Ҷомист:
Паҳлавон он бувад, ки гоҳи набард,
Хашмро зери по тавонад кард.

Дар худам бояд бигӯронам ҳама ин
мурдаҳоро,
Сад ҷасадро дар даруни як ҷасад чун
метавон ҷо кард?

Мекушоям ман даҳони хешро
Чун даҳони гӯр…
Оҳ андар ботини ман
Сад ҷаҳони дигаре ҷо гаштааст,
Бо биёбону кӯҳистонҳо,
Бо заминҳову замонҳо.
Бо ҳама гармову сармову шабу рӯзаш…

Ҳар чӣ ман дар тӯли умрам хӯрда будам,
Ҳар чӣ ман аз зиндагонӣ бурда будам,
Ҳар чӣ кардам, ҳарчи гуфтам, ҳарчи бишнидам –
ҳама маҳфуз,
То ба рӯзи охирин бо ман, чу як
бори гарон аст…

Дар чунин андеша будам,
Як мане, ки нимкушта монда буд,
Ногаҳ аз поям гирифт,
Хост афтонад, кушад Манро,
Охирин манро…

Дидам, ӯ ишқи дурӯғини ман аст!
Хушлиқои белиқо – рӯйи фиреб,
Он, ки монанди ҷазо якчанд бо ман буд,

Ман варо бо як нигоҳи худ,
ба тири хандаи талхе
супурдам бар фано…

Ҷумларо куштам, фақат андеша монд.[1]
Ҷумла бубридам, ҳамин як реша монд.

Вақти он омад, ки акнун
Бо такони охирине гарду чанги зиндагиро
Резам аз худ.

Баъд бо рӯҳи сабук,
бо ҷони поку тозае
бархезам аз худ.

Ҷону дил полуда андар шири субҳ,
Пок шӯям ҷисму ҷонамро
ба зери обшори офтоб,

Баъд буброям сафорезон,
тиҳӣ аз ғуссаҳо,
лабрези шодӣ,
Тоза аз чанги хиҷолатҳо,
Шуста аз гарди надоматҳо,
Болафшон чун самандар
дар ҳавои поки озодӣ…

Бо ниёиш дастҳо бар осмон кардам дароз,
Ин замон омад каломи Ҳақ ба гӯшам аз фароз:
– Озмудем одамиёнро ба некиву бадӣ
Бошадо, бар сӯи мо оянд боз[2]…

---

[1] Ишора ба Ҷалолиддини Румӣ. Аз «Фиҳӣ мо фиҳӣ»:
«… Пас дуруст омад, ки инсон иборат аз андеша аст, боқӣ устухону реша аст».

[2] Мазмун аз сураи Аъроф, ояи 168:
Мо одамиёнро ба некӯиҳо ва бадиҳо биёзмудаем. Бошад, ки ба сӯи мо бозгарданд.

Дар шуои ин садои раҳнамо,
Ёдам омад ҳарфи Мавло:
Пеши Ӯ ҳаргиз нагунҷад ду «ано».[1]

Шод будам, з-он ки худро ёфтам дар роҳи Ҳақ,
Дар чунин андешаҳо
мехостам бархезам аз ҷо,
Лек чизе буд дар болои ман,
бардоштам бо даст…
Чашм бикшодам, ки андар бистарам…
В-ин ҳама хоб аст, ман дар банди
хоби дигарам…

Дидам он дам дар канорам
як қалам, як дафтар аст.
В-андар он дафтар
Каломи ҳазрати Рӯҳулмақоми акбар аст:

«Ҳар касе аз худ дубора гар назояд
дар ҷаҳон,
Баста бошад олами қудсӣ ба рӯяш
ҷовидон...»[2]

*Оғоз: 25 ноябр*
*анҷом: 1 декабри 2007*

---

[1] Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, аз китоби «Фиҳӣ мо фиҳӣ»: Пеши ӯ ду «ано намегунҷад»
[2] Исои Масеҳ: Касе, ки ӯ ду бор зойида нашавад, ба малакути осмонҳо дохил намешавад…

## СӮЗОСӮЗ

*Тақдир, ки дар куштанат озарм надошт,*
*Бар ҳусни ҷавонит дили нарм надошт.*
*Андар аҷабам зи ҷонситон, к-аз чу туе*
*Ҷон бистаду аз ҷамоли ту шарм надошт.*

*Рӯдакӣ*

Духтарам, Гулнораҷони ман!
Бе ту холӣ монд, холӣ монд
Ҷойи ҷон дар ҷойи ҷони ман.

Пора-пора дар дили садпораи ман монд
Пораҳои лонаи бишкастаи мурғи умедат,
Пора-пора дар дили садпораи ман монд
Норасида пораҳои номаи бахти сафедат.

Эй хаёли покии ту сарпаноҳам,
Эй фурӯғи рӯйи хандонат
дами субҳи нигоҳам,
Лахт-лахте монда ёдат дар ҷигаргоҳам,
Оҳи оҳам, оҳи оҳам, оҳи оҳам!

Ҳар саҳар мисли саҳар истодаӣ,
Ҳар назар мисли назар истодаӣ
Дар нигоҳам, дар нигоҳам, дар нигоҳам.

Чашми ту оинаи некӣ!
Рӯйи ту оинаи покӣ!
Духтари рӯъёи афлокӣ!

Дар лабонат вожаҳо чун савти мурғони чаман,
Дар лабонат вожа чун гул муғча мебандид.

Зиндагиям аз лабонат ишқи дунё месуруд,
Бахти ман дар рӯйи хандони ту механдид.

Ту тулӯъи меҳрро бар ман намоён кардаӣ,
Хандаҳоятро ба рӯям бӯсаборон кардаӣ…

Гарчӣ медидам ниҳон дар дил чӣ дарде доштӣ,
Аз нигоҳи мо ниҳон сад оҳи сарде доштӣ…

Эй дареғ, эй дод, эй фарёд!
Дар ниҳоди кӯчаки ту
Пайкари тифлонаат бо марг меҷангид.
Рӯ ба рӯ бо аждаҳои марг
Чашмаки хушбоварат оё чиҳо медид?

Дар ниҳодат ин қадар дарду азобу ранҷ –
Лек дар симои ороми ту тамкин буд.
Заҳри талхи дардҳоят дар гулӯ, аммо
Дар лабонат сӯи мо пайғоми ширин буд.

Эй Худо, хуршедро чун дар дилат ҷо карда будӣ,
К-аз нигоҳи озаринат нурафшон буд?
Эй Худо, уммедро пайғоми фардо карда будӣ,
К-аз ду чашми нозанини ту намоён буд.

Ин қадар созу навои меҳрро
дар тору пуди худ куҷо бурдӣ?
Ин қадар оҳанги шодиро
Мӯ ба мӯ, дар тори ҳар мӯ чун наво бурдӣ.

Духтарам, Гулнораҷонам,
Булбули ширинзабонам,
Захми носурат ба ҷонам!

Ин қадар зебо шудӣ, зебо шудӣ,
Ин арӯсии ту буд..?

Эй арӯси орзуҳои шикаста,
Эй арӯси осмон!
Эй, ки маҳбуби Худо гаштӣ, Худо бурдат.
Аз раҳи покизаройиҳо, ки мерафтӣ,
Аз хиёбонҳои ахтарбори афлокӣ куҷо бурдат?!

Эй, ки бе мо пораи ноне намехӯрдӣ,
Бар арӯсии биҳиштият чаро моро набурдӣ?!

Бин ки кобини ғамам доданду бурдандат,
Ҷомаи рӯзи сиёҳи мотамам доданду бурдандат.
Ҷоми хуноби дил аз чашми намам доданду
бурдандат…

Аз сафедиҳои толеъат дар ин даҳри сиёҳанҷом
Як ҳамин сони сафед оё расидат?
Духтари покизарӯям,
Он ки сӯзат додаву рӯзат надод,
Саҳв кард оё, надидат?

Бахт дар ин олами фонӣ агар рӯ тофт,
Оқибат бахти биҳиштият садоят кард.
Ӯ туро бар даргаҳи тиллоии худ бурд,
Аз тамоми ғуссаи дунё раҳоят кард.

Ту арӯси осмонӣ!
Ту арӯси ҷаннатӣ!
Ту арӯси равзаи ризвони Яздонӣ!

Духтарам, Гулнораҷонам!
Ин мабодо, ту равӣ танҳову ман
танҳо бимонам.

Нестам бо худ дигар ман,
Бо ту ман ҳам рафтаам.
Он чӣ бо ман монда аз ман
Нест ҷуз мушти ғами ногуфтаам,
Нест ҷуз мушти дили ошуфтаам.

Духтарам, Гулнораҷонам!
Хайрхоҳам, қадрдонам.

Эй гули субҳи баҳори норасида,
Эй зулоли ашки аз чашмам чакида,
Мурғаки аз лонаи ҷонам
ба ҷовидон парида..!

Хайр бодат, Хайр бодат, Хайр бодат,
Хайр бод!
Эй гули ман, эй гули ман, эй гулам,
Гулнораҷонам.

Гар наёбам роҳ, бо бӯйи ту хоҳам рафт,
Интизорам бош!
Ман сӯи ту хоҳам рафт…

## ХОБ НЕСТ

*Ҳар гаҳе хоби мудҳиш медидам, бедор мешудам ва мегуфтам: хайрият хоб аст.*

*Инак, ҳар субҳ мехезам ва мебинам, ки ин даҳшат дар бедорист.*

* * *

Ин ки дар ҷӯйи муроду орзуят об нест,
Хез, дигар хоб нест.

Ин ки шабҳо бар сарат он рӯи чун
махтоб нест,
Хез, акнун хоб нест.

Ин ки дар дарёи ғам ғӯтидаӣ, поёб нест,
Хез, акнун хоб нест.

Дасту почак мезанӣ, дар баҳри ғамҳои шигифт,
Меравию меравӣ, он соҳили партоб нест,
Ин ҳама дар хоб нест.

Ин ки дар таб метапию метапӣ,
Ғарқи дарё гаштаӣ, по мезанӣ,
Чор сӯи ту ба ҷуз гирдоб нест,
Нест хоб, ин хоб нест…

## БО ХАЗОНРЕЗ

*Ба онҳое, ки гум карданд нақди навҷавониро,*
*Ба онҳое, ки ҳамрози хазонрезанд..,*
*ҳамболи хазонрезанд…*

Ман хазонрезам, хазонрез…

Рез бо ман, рез бо ман, рез, рез…
Эй хазонрез!

Ман ҳаминам, ман ҳаминам,
Тирамоҳи нозанинам,
Тирамоҳи озаринам,
Тирамоҳи панд-ориз.

Ман тилоиям, ҳама нурам,
Ман ҳама эҳсони мансурам,
Ман ҳама пайғоми маҳҷурам,
Инак, акнун фошу маҷҳурам[1].

Ман хазонрезам, тилоӣ,
Барг-барг аз дилрабоӣ…
Барг-барги вораҳоӣ…

Ту биё, бо ман тилоӣ шав,
Файзу эҳсону шукӯҳатро, биё,
бо ман бурор,
Хешро дарёб дар ман –
дар чунин рангин навор.
Хешро аз ҳабси худ озод кун, буброр.

---

[1] Маҷҳур – ошкор, аён

Мисли ман нашкуфтаҳоятро шукуфо кун,
Маҳбаси андешаро бишкан,
саодатро садо кун.
Ин таaллуқ, ин таассуб, ин тааббудро[1]
раҳо кун.

Ту биё, бо ман тилоӣ шав,
Навнавои хандаҳои баргҳоямро шунав,
Зери тиллорези ман аз худ бирез,
аз худ бидав.

Чунки дар оҳанги ман оҳанги озодист,
Рангҳои худфурӯзам ранги озодист.

Мешавам озод аз зиндони худ,
Аз худам сад ранг худро мекушоям,
Меканам аз шохаҳоям,
Аз худам сад барг худро мерабоям…

Инак, акнун ман ба боли баргҳоям,
Ҳампари паррандагон пар мезанам,
Мекунам парвозу меёбам сафое,
Ҳаст ҳар баргам пари мурғи раҳоӣ…

Ман хазонрезам, хазонрез,
Рез бо ман, рез,
ғамҳоро бубез…

Аз азал дил дода будам
бар хазонбези тилоӣ…

[1] Тааббуд – бандагӣ

Инак, акнун худ хазонрезам, тилоиям,
Дар шукӯҳи табъи воло,
Дар сафои дилрабоиям.

Эй биё, то бар сару рӯят бирезам,
Ин хазонрези тилоиро
Ин шукӯҳи дилрабоиро.

Сад баҳорон ҷилва дорад
дар хазонрезам,
Эй биё бо ман, ки ҳоло
файз мерезам…,
файз мебезам…,
файзангезам…
Ман хазонрезам.

Ҷумла маҳфузанд дар ман:
Он чиро гум карда будӣ ту баҳорон –
Гармии дил, гармии ҷон,
Ҷумларо дар ман биё, дарёб!
Бори дигар гум макун гумкардаҳоро.
Гом зан, биштоб!

Бӯсаҳои норабуда,
Розҳои нокушуда,
Байтҳои носуруда,
Ҳар чие буда – набуда,
К-он замон гум карда будӣ,
Ҷумла маҳфузанд дар ман,
ҷумла маҳфузанд.
Эй биё, барчин ту аз ман,
Дона-дона,
банд-банд….

Аз лаҷоми ҷерани уммедҳои худ бидор,
Гом зан, биштоб, эй уммедвор.

Чун фурӯғи ашкогин дар булӯри обгина,
Чун нигина,
Лаҳзаҳои бебаҳову қимати умранд
андар ин хазина.

Инак, акнун тирамоҳам пандомӯз аст,
Ҳикмати ҳиҷрони пурсӯз аст.

Ман ҳамон ишқам, ки чун ганҷи тилоӣ
Дар ниҳоди худ ниҳон будам
барои лаҳзаи воло,
барои нусрати ҳоло.

Ман ҳамон ганҷам, ки аз мобайни садҳо
рӯзи сахтӣ
Бигзарониданд, пинҳон карда то рӯзи мабодо.

Ман ҳамон ҷавлон, ҳамон тобон, ҳамон рахшон,
ҳамон сӯзи ниҳони гашта зиндонам,
Ман ҳамон арзи нагуфта,
Ман ҳамон дарди нуҳуфта,
Ман ҳамон аз худ пушаймонам.

Ман ҳамон дармонда дармони туям,
армони армонам.

Ин қадар дерини дерин,
Ин қадар ширини ширин,
Ин қадар худофаринам.

Ман саломи ишқозин,
Ман паёми меҳрогин,
Ман ҳама ҳастӣ – дурудам.

Мезанам фаввора аз умқи вуҷудам,
Ҳамчунон фаввораи шеъру сурудам.

Эй, биё бо ман, биё бо ман, раҳо шав,
Бо хазони ман тилоӣ шав,
Нури шодӣ дар булӯри дилрабоӣ шав,
Бо сафои ман сафоӣ шав, ҳавоӣ шав!

Ман хазонхезам, хазонбез,
Эй, биё бо ман, бубор аз худ,
Эй, биё, бо ман бирез…

Баргҳоям баргҳои навбаҳорон нестанд,
Баргҳоям гар на сабзанду на нарманду муаттар,
Лек онон
Бартар аз барги баҳорон,
Он қадар аз бӯсаи хуршед саршоранд,
Он қадар берунзада изҳори меҳру ишқ доранд,
Он қадар дар худ ҷафида, парварида
Лутфи борону суруди обшоронро,
Ҳикмати шаббодаҳо, панди вазони
Зиндагониву Замонро…

Ман хазонрезам, хазонрез,
Эй, биё, бо ман биёмез.

Бебаҳоронро баҳори тоза мебахшам,
Бемадоронро мадори тоза мебахшам,
Ноумедонро умед,
Эй, биё, рӯят сафед.

Гир аз ман панди тиллоӣ,
Рӯшноӣ, ошноӣ, дилсафедӣ, дилрабоӣ…

Осмонро бин, ки хуршеди тилоии ғуруб
Худ шабеҳи охирин барг аст,
Охирин барги ғанимат,
Охирин барги хазон,
Чун кафи дасте, ки афшон
дар дами падруд
– Хайр, – мегӯяд ба ёрон,
– Хайр! Эй буду набуд…

Ман тасаллои баҳоронам,
Ман таманнои баҳоронам.

Эй ки гум кардӣ баҳоратро!
Биё!
Тирамоҳи зарнисорам,
Маҷмаи чандин баҳорам!..

*Шаби 23-юм,*
*субҳи 24-уми октябри с. 2007*

## БАРФ ПАЙҒОМИ ХУДО МЕРЕЗАД…

Барф мерезаду ман мерезам,
Барф мечархаду ман мечархам…

Барф аз арши бақо мерезад,
Аз ҳамон даргаҳи улвӣ,
Аз ҳамон погаҳи уқбо,
Ба замину ба замону ба касон
Фараҳу файзу сафо мерезад…

Барф не уммед аст,
Ки Худо мерезад…

Ончунон мерезад,
Ки гули себи биҳиштист,
Ба сари Одаму Ҳавво,
Ҳамчу пандест,
                к-аз асрори ниҳон мерезад…
Ҳамчу розест, ба сад шева забон мерезад…

Барф мечархаду ман мечархам,
Барф мерезаду ман мерезам…

Зиндагонии сафед!
Бо ту меомезам!..

Рӯйи чашмону лабонам гули барф,
Рӯйи дастам,
                ба забонам гули барф…
Меравам ҷониби ёр,
Ҳама тан чун гулзор,

Пойандози гузаргоҳи дили
маҳзунам,
Пойандози назаргоҳи равонам,
гули барф.

Дар паранди гули барф,
Қомати ёр ҳувайдост, бубин!
Дар ҳарири гули барф
Зиндагӣ чеҳраи зебост, бубин!

Пайкари поку булӯрину сафеду зебо,
Бирав, омез дар ӯ,
Пираҳан кун ба танат з-ин дебо…

Барф мерақсаду ман мерақсам,
Барф мерезаду ман мерезам,
Аз дилам ғамҳоро,
Ғуссаи фардоро…

Ҳама ҷо гашт сафед,
Аз ту, эй барфи умед,
Дили ман низ сафед аст, сафед аст,
сафед…

Барф мечархаду ман мечархам,
Барф мерезаду ман мерезам…

Нек бинед дар ин резиши зебо,
так-так
Гӯиё тӯр фикандаст худованд
ба дарёи фалак.

В-андар ин тӯри бирешим
Қомати ёри ту чун ширмаҳист,

Раву чун моҳии тиллош бидор!
Баъд чун барфи сафеде бар ӯ
Ҳама армону умеди дили худро мебор…

Барф мечархаду ман мечархам,
Барф мерезаду ман мерезам…

То дарат пайраҳаи барфи сафед,
То дилат пайраҳаи ишқу умед…

Дари худро во кун!
Ишқро ово кун!
Ба сарам барф – умед овардам,
Ба дилам ишқ – навид овардам.

То туро аз дами ин ғӯли сиёҳӣ бирабоям,
Аз дилат доғи сияҳро
бизудоям, бизудоям…

Ман ҳама барфи сафедам,
ки ба дӯшат резам…
Ман ҳама ҳарфи умедам,
ки ба гӯшат резам…

Барф мечархаду ман мечархам,
Барф мерақсаду ман мерақсам.

Ҳой, мардум, бубароед, бароед, бароед,
Чеҳраву дасту дили хеш кушоед,
кушоед, кушоед…

Ҳамрадифи гули барф
Аз замин то ба само файзи Худо мерақсад,
Нек бинед, дар ин лаҳза Худо мерақсад…

Барф шав, барф, бирез!
Фараҳу фар бирасон фардоро,
Байзаќи[1] хеш бикун байзоро[2]

Барф мечархаду ман мечархам,
Барф мераќсаду ман мераќсам…

Ту бубин, пири фалак то ба куҷо
Қомат афрохта дар авҷи само,
Дар кафаш дастаи ҷорӯби сафед
Аз сари роҳ сиёҳӣ рӯбад…

Рӯб, эй пири фалак!
Рӯб, аз даҳр сиёҳиро, рӯб!
Ин ҳама ранҷу табоҳиро рӯб!..
Ҳам бирӯб аз раҳи мардум ғарази бечоро…

Барф мечархаду ман мечархам,
Барф мерезаду ман мерезам…

Барф аз арши баќо мерезад,
Аз ҳамон даргаҳи улвӣ,
Аз ҳамон погаҳи уќбо…

Дар гусели ману ту дар раҳи ишќ
Ин сафедӣ чу сафо мерезад,
Ба сари китфи ману ту чун орд
Барф аз дасти Худо мерезад…

*8.01.2008*
*10.01.2008*

---

[1] Байзаќ – раҳнамо
[2] Байзо – сафед, рӯшноӣ, офтоб.

## ЧЕҲРАЕ АЗ ТОБАИ ВАҚТУ ФАЗО

*(Манзума)*

Мерасад дар ҳолаи тобони нур
Аз масири асрҳо, аз дури дур.

Мерасад озодарӯ, озодаҳарф,
Шодрӯҳу шодиқболу шигарф.

Дар лабонаш вожаҳо гул мекунанд,
Ишқи покеро таҷаммул мекунанд.

Дар лабонаш вожаҳо пайғоми нур,
Тозаву шаффоф монанди булӯр.

Мерасад бо гомҳои нурбор,
Гармрӯ, рӯшаннигаҳ, хуршедвор.

Ин қадар дар мақдами худ устувор,
Беканориҳои олам дар канор.

Худ раҳо гардида аз раҳни фано,
Меравад раҳвораи роҳи раҳо.

Дар танаш пероҳани Вақту Замон,
Ӯст аз мо пиртар, аз мо ҷавон.

Ӯст имрӯзитар аз мо дар сухан,
Ӯ, ки пирӯз аст дар ҳар анҷуман.

Баъди даҳ садсола ӯ гӯётар аст,
Ӯ зи Ман Мантар, зи Мо ӯ Мотар аст.

Аз карона меравад то бекарон,
Аз ҷавонӣ меравад то ҷовидон.

Баъди садҳо сол ӯ аз мо нав аст,
Дар Хуросони сухан ӯ Хусрав аст.

Аз канори даҳ сада бо ҷумла сад,
Бӯйи ҷӯйи Мӯлиёнаш мерасад.

Ёди ёри меҳрубонаш то кунун,
Медурахшад андар амвоҷи қурун.

Пардаи Вақту Фазоро медарад,
То кунун моро Бухоро мебарад.

Он Бухорое, ки гӯям, ҳасту нест…
Он Бухорое, ки ҷӯям, ҳасту нест.

Шодии мо, шевани мо Рӯдакист,
Ман чӣ гӯям, меҳани мо Рӯдакист.

Раҳнамои мо суруди ӯ бувад,
Гаҳнамои мо суруди ӯ бувад.

Шоҳи майдони сухан гардид ӯ,
Парчами шаъни Ватан гардид ӯ.

Кард ӯ лафзи дариро ибтино[1],
В-аз даҳони аждари тозӣ раҳо.

Ӯ забони порсиро шоҳ хонд,
Бо фаре бар маснади шоҳӣ нишонд.

[1] Ибтино – бино кардан

Ҳамчунон додор дар дори сухан,
Офарид аз ҳарф неруи Ватан.

Рӯдакиву оли Сомон тан ба тан,
Ин ба шамшер, он ба шамшери сухан.

Давлати Сомониёнро сохтанд,
Кохи фарҳангу адаб афрохтанд.

Бо сухан, бо вожаҳои устувор
Давлати Сомониён шуд пойдор.

Бар Дақиқӣ ӯ раҳи вуслат[1] намуд,
Роҳи навро ӯ ба Фирдавсӣ кушуд.

Он ҳакими безаволу арҷманд,
Сохт то аз назм он кохи баланд,

Зербунашро ҳамин доно гузошт,
Бар ниҳодаш маърабу[2] маъно гузошт.

Унсуриву Фаррухиву Асҷадӣ
Ёфтанд аз ӯ каломи эзадӣ.

Аз пайи ӯ рафт бар мулки сухан
Носири Хусрав ба дил ҳубби Ватан.

Мавлавӣ, Саъдиву Ҳофиз худ гувоҳ,
Роҳтӯша бурдаанд аз ӯ ба роҳ.

---

[1] Вуслат – ҷамъи висол
[2] Маъраб – мақсад

Ӯ дари дунёи дигар боз кард,
Аз ҳама анҷомҳо оғоз кард.

Ӯ ба ҳар сабке сухан эҷод кард,
Зиндагиро бо сухан обод кард.

Гуфт ӯ сарводаҳои беадад,
Аз сухан бикшод роҳе то абад.

Бар сухан бахшид вазну эътило[1],
Қиматашро кард боло аз тило.

Қасрҳо афрохт ӯ аз вожагон,
Ӯ ба мо бахшид бо ҳар вожа ҷон.

Садди сангини сухан бишкофт ӯ,
Сармадиҳо бо саромат[2] ёфт ӯ.

То забони мо дар ин марзи бақост,
Ҳуҷҷати ҳувияти миллии мост.

То сухан зиндаст, хоҳад зинда монд,
Фарруху фарзонаву фархунда монд.

Рӯдакӣ, эй мири мирони сухан,
Бурдаӣ то арш аркони сухан.

Рӯдакӣ, бунёди бунёни сухан
Эй, ки ҷони туст дар ҷони сухан.

[1] Эътило – баландӣ
[2] Саромат – далерӣ, шуҷоат

Бар сарии шоирони номдор,
То абад бо ин шукӯҳу эътибор.

Ин туӣ – ту, Одам-уш-шеъри Аҷам,
Аз адам як роҳи нурӣ то адам.

Эй ҳароина ба ҳар оини мо,
Будаӣ оинадори дини мо.

Эй фурӯзон ҳамчу виҷдони башар,
Раҳнамои хайру эҳсони башар.

Рӯдакӣ оғози оғози навост,
Нек бинӣ, ҳарфи ӯ ҳарфи Худост.

Рӯдакӣ оғози оғози суруд,
Рӯдакӣ эъҷози парвози суруд.

Монда дар тори замон оҳанги ӯ,
Мезанад чанги хирад дар чанги ӯ.

Чеҳрааш дар тобаи Вақту Фазо
Медурахшад бо фару нури Худо.

Марзҳои маргро бишкаст ӯ.
Дарзҳои Вақтро пайваст ӯ.

Шеъри ӯву номи тоҷик дар ҷаҳон,
Ҳар ду ҳамро зинда дорад ҷовидон.

*июни с. 2008*

## БОЗГАШТИ РӮДАКӢ
*(Манзума)*

Бо тулӯъи озарин аз домани Вақту Фазо,
Бо фурӯғе офтобӣ аз фаросӯи Бақо,
Озарахши васл дар дидор,
Офтоби ишқ дар пиндор,
Рӯдакӣ баъд аз ҳазору анд сол
Боз меояд падидор…

Боз меояд…
То ба мифтоҳи туруди хеш
То ба эъҷози суруди хеш,
Боз бикшояд ба рӯи мо дари накшодаҳоро…

Он дареро, ки ба рӯмон баста буданд,
Он дареро, ки калидашро зи мо
бирбудаву гум карда буданд…

Рӯдакӣ баъд аз ҳазору анд сол
Мерасад бо пайки армони дигар.
То дар ин хоки куҳанбунёд боз
Миллаташ хезад ба сомони дигар.

Рӯдакӣ баъд аз ҳазору анд сол
Боз меояд…
Дар нигоҳи пандрезаш муждаи бахт аст.
Бозгашти ӯ далели бозгашти тоҷу тахт аст
В-андар ин сурат, ки акси родмардиҳост,
Сирати Вақт аст.

Боз бояд гашт..,
Бояд бозгашт…

Гарчи мо аз хеш по бар пеш мемондем,
Бар қафо рафтем, ҳаққо, бар қафо рафтем,
Боядо мардона кард иқрор,
Ҳамчунон тири хато рафтем.

Боз бояд гашт бар ояндаи худ,
Боз бар он ҳастии пояндаи худ.

Боз бояд гашт бар он ҳолаи армони худ,
Боз бар ҷисми худу бар ҷони худ.

Боз бояд гашт бар будан,
Будане ҳамчун сурудан…
Будане ҳамчун кушудан
Ҳар нафас дар худ дари роҳи раҳоиро,
Зиндагонии самарбори самоиро.

Боз бояд гашт бар будан,
Ҳикмате аз хониши кабки ҳилол,
Пандҳое аз лабони ҷӯ шунидан…

Боз бояд гашт аз баъди ҳазору анд сол,
Ҳамчу акси бениёзиҳо
Бар ҳамон оинаи покӣ,
Ҳамчу уммеди худовандӣ
Бар ҳамон эҳёи афлокӣ,
Ҳамчу нанги рафта аз каф
Бар ҳамон мардӣ,
Бар ҳамон оини бебокӣ.

Ҳамчу шарми рафта аз рӯ, боз бояд гашт,
Ҳамчу оби рафта аз ҷӯ, боз бояд гашт.

Боз бояд гашт бар он лолаи хандон, ки
ҳамчун чеҳраи Лайло,
Бехазон баъд аз ҳазору анд сол
Ҳамчунон бо он тароват, он шукуфоӣ,
Боз хандон аст…

Боз бояд гашт бар он абри гирён ҳамчу Маҷнун,
Дил ниҳодан бар дили дашту биёбон,
Сар ниҳодан бар сари ҳомун…

Ин даме, ки бо вағо дарёи Вақт
Мекунад таҳдиди тӯфони аҷалхез,
Боз бояд гашт бар он киштии неки наҷобат,
Киштии амну наҷодат,
Киштии рӯзи наҷот,
К-аз накӯкорӣ бароман сохтанд,
Киштие, ки дар кафи амвоҷи дастони Худост,
Нохудояш Рӯдакист,
Бегазанд аз ҷумла офатҳост.

Боз бояд гашт бар он қуллаҳои дастнорас,
К-аз футувват, пояҳои илму ҳикмат
Баҳрамон афрохтанд.

Ҳуҷҷати миллӣ ба номи Рӯдакӣ бояд гирифт,
Бояд аз ин марзҳои коҳилӣ бигзашт,
Кард мебояд убур аз ин диёри худфиребон,
Рӯй бояд тофт з-он олам, ки ҳаргиз
Чархи гардонаш намегардад ба коми халқ
В-андар он мурғи Ҳумо дар банди зиндон аст…

Ҳуҷҷати миллӣ ба номи Рӯдакӣ бояд гирифт
В-аз тамоми марзҳои нокасӣ бояд гузашт
Бар диёристони бемаргӣ,

Булбулистони саодатҳо.
Бар баҳористони сабзи бехазоне, ки сарояд
Бо забони ишқ ҳар барге суруди сармадиро.

Боз бояд гашт бар дунёи худ,
Боз бояд гашт бар симои худ.
Боз бар он маъбади маънои худ.

Боз бояд гашт чун тири хаторафта,
Боз бояд гашт чун пои қафорафта,
Боз бояд гашт чун марди аз имони Худо рафта.

Боз бояд гашт бар он рӯдбороне, ки
амвоҷаш гулоб аст,
Бар рухи андеша ҳар ҳарфе ҳиҷоб аст.

Бар диёре, ки дар он вожа
Ҳамчу гул дар шохаи лаб мешукуфад,
Рӯзгораш мактаби ҳикмат,
Зиндагӣ – омӯзгор,
Дар замини некмардӣ
Нахли матлаб мешукуфад.

Бар диёри Рӯдакӣ,
Бар он диёри панду ишқу родмардиву саховат,
Фитрату ҳикмат,
Бар ҷаҳони тозатар аз обҳо, ойинатар з-ойинаҳо.

Боз бояд гашт бар он остон,
Остони ростон.
Бар ҷаҳоне, ки дар он ҷо
Родмардӣ ифтихор асту футувват ёр,
Хайру эҳсону адолат – дидаи бедор.

Бар ҷаҳони чангу рӯду барбати дерин,
Бар диёри аз дурахши ҳикмати воло зарогин.
Бар диёре, ки дар он ҳастӣ
Рӯди шодоби суруд аст,
Марзҳои ишқ он ҷо беҳудуд аст.

Боз бояд гашт бар он кишваре, ки вожаҳояш
Чун чароғон раҳнамоянд,
Ояҳои шоиронаш чун тилисми раҳкушоянд.
Сафҳаи авроқашон – оинаи дунёнамоянд,
Сокинонаш бо худанду бо Худоянд.

Боз бояд гашт,
Ҳуҷҷати миллӣ ба номи Рӯдакӣ бояд гирифт.

Ҳуҷҷате, ки мекушояд роҳи моро то тамаддунҳо,
Аз фарози кӯҳу ҳомун
То фарози ҳафт гардун.

Ҳуҷҷате, ки дар ҳама олам
Эътибороти гузаштан аз тамоми марзҳо дорад,
Рухсати арзи само дорад.

Ҳуҷҷати миллӣ ба номи Рӯдакӣ бояд гирифт,
Бояд аз нав хест бо рӯҳи ҷавонмардӣ,
Сарфароз аз бениёзиҳои худ,
Ҳамчу оғози нави оғози худ,
Бо наво, бо соз, бо овози худ,
То садомонро шиносанду ҷавоб ояд
Аз азизони балогардонамон,
З-он ҳама пирони пурэъҷози худ.

Ҳуҷҷати миллӣ ба номи Рӯдакӣ дорӣ?!
Марҳабо бар кишвари Сино!

Марҳабо бар кохи Фирдавсӣ!
Марҳабо бо нардбони Мавлавӣ бар гунбади Мино!
Бар «Гулистон» марҳабову марҳабо бар «Бӯстон»
Ҳам ба ишқистони Ҳофиз…
Марҳабо!..

Ҳуҷҷати миллӣ ба номи Рӯдакӣ бояд гирифт,

Он, ки шеъраш то ба гардунҳо саломи мост,
Он, ки шеъраш ҷониби Ҳақ раҳнамост,
Он, ки аз баъди ҳазору анд сол
Бо ҳазору сад забона дар забон аст,
Созу овозаш ҳамоҳанги замон аст.

Он, ки дар тӯли ҳазору анд сол
Шеъри волояш шиори насли инсон аст,
Зеби минбарҳои волои ҷаҳон аст,
Раҳнамое то ба ҷовидон,
Раҳнамои чархи гардон аст.

## СИМОИ САДОД
## ё
## Манзумаи Роғун

### РӮ БА РӮ БО АСЛИ ХУД

Дар ин майдон, дар ин майдон,
Дар ин ҷавлонгаҳи эҳёи худ,
эҳёи шаъну шон,
Дар ин майдони ҷонбозӣ,
Дар ин мабнои худсозӣ.
Набарди одамӣ бо кӯҳи сангин,
рӯди пуртуғён,
Набарди ҳифзи нангу ном,
Дифои ҷон...

Дар ин майдон, ки одам
рӯ ба рӯву тан ба тан
бо кӯҳи сангин аст,
Тамоми маънии ҳастиш як ин аст,
як ин аст,
Ки: бояд боз хезад аз варои нанг,
Бубояд тарҳи худро офарад аз санг.

Дар ин майдон, ки одам
рӯ ба рӯ бо кӯҳи гардунавҷу рӯинтан
Бубояд қад фарозад аз сари ин кӯҳ болотар.
Зи худ вораста,
андар паҳнаи гардун
Биёбад авҷи волотар.

Дар он майдон, ки одам мӯ ба мӯву
рӯ ба рӯву
як ба як
бо рӯди шӯрангез

Бароядъ...
То ба ҷисму ҷони худ
мачрои тундашро нигаҳ дорад…

Дар он майдон, ки одам рӯ ба рӯ
бо қисмати сангин
Худаш санге шавад, кӯҳе шавад,
рӯде шавад шодоб…

Чӣ сон? Яъне худашро офарад, бунёд созад
аз ниҳоди сангу рӯду кӯҳ,
Шабеҳи он, ки ӯро офарид эзид...

Дар он майдон, ки одам рӯ ба рӯ бо худ
Бубояд баҳри фатҳи хештан хезад,
Бубояд хештанро аз ҳама аъзо
Ҷудо созад, фурӯ резад
Ва аз нав офарад,
бо шаъни волои Ватан хезад.

Бубояд одамӣ ин сангро бар дӯш бардорад
Ва ё боло шавад бар ону
санг ӯро бубардорад.

Бубояд одамӣ ин кӯҳро бар дӯш бардорад
Ва ё боло шавад бар ону
шаънашро барафрозад.

Бубояд одамӣ чун қатрае дар коми
ин дарё биёмезад
Ва ё дарё шавад худ, ҳар ду дарёро
ба ҳам резад…

Бале, тақдир моро рӯ ба рӯ, дасти тиҳӣ
бо кӯҳи сангин монда мегӯяд:
Ту худро ёб, худро ёб, аз ин сангҳо
пайдо бикун худро!

Ҳазорон сол андар инҳисори сангҳо будӣ,
кунун бархез!

Ту худ ё санг хоҳӣ буд,
Ва ё ин сангҳоро нарм хоҳӣ кард,
Ба гармии дилу ашки ҷабин охир…

Ту худ ё санг мегардӣ
Ва ё з-ин сангҳо тандиси худро метарошӣ
пуршукӯҳу нозанин охир…

Аё эй кӯҳ, дастатро ба дастам деҳ,
Ки то аз дасти ту гирам,
Бурунат оварам аз худ туро,
аз хоби садҳо асру аз завлонаҳои сангҳо,
аз ин гирифторӣ раҳо бахшам!

Туро тарҳи дигар бахшам,
Туро рӯҳи зафар бахшам,
Туро монанди Симурғи Ватан ман
болу пар бахшам!

Аё дарё!
Ки ҳастӣ аз азал бе худ равона! Ист,
боре ист, боре ист!
Бигӯ боре, ҳадаф аз ин ҳама исёну
аз ин шӯру ғавғо чист?

Туро ман ром хоҳам кард!
Туро ором хоҳам кард!

Ман аз шӯри ту сад шӯри дигар ёбам!
Ман аз зӯри ту сад зӯри дигар ёбам!
Зи мавҷи бесамар пӯёни ту садҳо самар ёбам,
Зи ҳар як қатраат дурру гуҳар ёбам.

Ту дарё нестӣ, лутфи худовандӣ!
Ту дарё нестӣ, саршори андарзӣ,
ҳама пандӣ!

Аё Роғун! Аё Роғун!
Туро аз ашку аз хуни дили худ мекунам бунёд!
Туро аз хеш, аз обу гили худ мекунам бунёд!

Чаро ки ту манӣ, Роғун!
Шукӯҳу арҷу армонӣ,
Наҷоти Меҳанӣ, Роғун!

Туро чун бораи имони худ бунёд
хоҳам кард!
Туро аз лахт-лахти ҷони худ
бунёд хоҳам кард!

Туро, яъне ки худро мекунам бунёд,
Туро, яъне ки худро мекунам аз ҳабси худ,
аз ҳабси зулмоти ҷаҳон озод!

Ба доди асрҳоям мерасӣ, фарёдрас фарёд,
Ба доди бенавоиҳои ман хоҳӣ расидан
бо навои дод.

Сабоҳе аз баландиҳои ту фардо,
Худо хоҳад,
Фиристам ман дуруди рӯшноиро,
Ба рӯи саҳнаи нанги Ватан хонам
Суруди рӯшноиро.

Туро дар шонаҳоям мебарам боло
Чу марзи шаъну шони худ,
Туро бо ваҷдҳо месозам аз виҷдони худ,
аз устухони худ!!!

## ТАСХИРИ НУР

Зи аҳди бостон фарзона фарзандони Меҳан
нурҷӯ буданд,
Ҳама нури дилу нури нигоҳу
нури рӯ буданд.
Ҳама дар коргоҳи узв-узви пайкари худ
нуррозу нургӯ буданд…

Худо моро
Дар ин шерозаи нурофарин ҷо кард,
Ба мо ин бахти нурогина эъто кард,
Ҳаёту ормону мақсади маъно моро
нур маъно кард.

Нахустин нури шодӣ бар сари мо
нури ҷонбахшандаи Симурғи хуршед аст,
Сипас ин рӯшании нурзои қуллаҳои
ҷомаиспед аст…

Шабу рӯз аз канори қуллаҳомон рӯдбори
рӯшанӣ резад.
Бубин, дарёи нури Зарфишон ҷорист,
Бубин, дарёи нури Ғунду Панҷу Вахш,
Бубин, пайғоми нури рӯшани Кофарниҳон ҷорист.

Бубин, дарёи нури Сир
Савори ҷерани тақдир
Сурури рӯшноӣ мебарад
дар домани шабгир.

Агар бигзаштаҳои мо
Ҷаҳонро карда бо нури сухан тасхир,
Биё, мову ту ҳам имрӯз
Кунем онро ба нури меҳр
аз маҷрои шарёни Ватан тасхир.

Ҷаҳонгирон
Агар бо теғу тиру марги даҳшатбор
тасхири ҷаҳон карданд,
Биё, бо нури ҷонбахшо,
Биё, бо рӯшании дидаву дилҳо
Варо аз коми бози аждари зулмат
раҳо бахшем,
Биё, бар зулмати дунё
саломи субҳ орему сафо бахшем..!

## СИМОИ САДОД

Биё, созем Роғунро
Ба рӯи тахтапушти худ,
Чу кохи орзуи ҳафсаду ҳафтод
пушти худ!

Биё, созем Роғунро
Зи обу хоки бунёди сиришти худ,
Чу мифтоҳе
Ба нуристони бахту сарнавишти худ!

Биё, созем Роғунро
Ба рӯи шонаҳои худ,
Чу кохи шаъну шони худ!

Зи рӯи шонаҳои миллати берӯзиам
акнун фурӯ резед
Тамоми бори ноҳинҷори таърихи шигифташро,
Тамоми пояи бемоягияшро!
Бирӯбед аз хасу хошоки чандинасраи таърих
Сиришташро.

Дар ин паҳнои паҳни тахтапушти ӯ,
Дар ин паҳнои мустаҳкам

Ҳама бегонагон кохи баланди обрӯи хешро
бунёд мекарданд,

Дар ин паҳнои беминнат
Адӯи аҷнабӣ истоду истибдод мекарданд.

Биё, созем Роғунро
Ба рӯи тахтапушти худ,
Ба рӯи шонаҳои худ,
Зи хоки эътиқоду эътимоди худ!

Биё, созем аз обу гили худ,
аз дили худ
Чу кохи доди доди худ,
Чу симои садоди[1] худ!

## НИҲОДАТ ДАР НИҲОДИ МАН

Мани ман бош, эй Роғун!
Мани ман бош!

Калиди қулфи бахти Меҳани ман бош!

Дари нури тулӯъи толеъи миллат
Дари дидори додори барӯшан бош!

Мани ман бош, эй Роғун!
Мани ман бош!

Фурӯзон шав,
Нишонам деҳ
ту андар партави армони
садҳосолаи тоҷик
Шукӯҳу эътиборамро!

---

[1] Садод – ростӣ, адолат

Фурӯзон шав,
Фурӯзон кун
ту андар партави нури дили
мардонаи мардон
Баҳори интизорамро!

Фурӯзон кун
чароғони дилу даргоҳи мардумро!
Фурӯзон кун
раҳи торики пур аз бими он
мардони раҳгумро!

Ҳар он ҷо як диле чун хонаи торест, рӯшан бод!
Ҳар он ҷо фитрате кошонаи торест, рӯшан бод!

Бале, дар ҷони ман чун ишқ рӯшан бош!
Мани ман бош, эй Роғун,
Мани ман бош!

Фурӯзон карда дилҳоро
алайҳи шоми зулмонӣ,
Шабу рӯзон зи аҳду эътиқоду эътимоди худ,
Ниҳодатро ниҳода дар ниҳоди худ
Туро аз зулмати зулми ҷаҳон
озод хоҳам кард,
Чу мино дар канори соҳили некӣ
Зи ёдам, ёди ёдам, доди додам
асли иршодам,
зи бунёдам
Туро бунёд хоҳам кард.

# МИЛЛАТИ РӮШАНГАРО

Агар бар қисмати ин миллати
рӯшангаро бинӣ,
Ҳамеша аз сафои вожаҳо дар лаб
Чароғони фурӯзон дошт.

Ҳамеша аз фазилат як чароғе
дар раҳи имони худ
дар қалбу дар ҷон дошт.

Ҳамеша аз ниҳоди хайр дар чашмаш
Нигоҳе нурафшон дошт…
Кунун аз ҷамъи ин анвор
аз чашму зи рӯ, аз ҷону дил,
аз партави имону аз виҷдон
Фурӯзон кард бояд кохи нуристони меҳанро,
Дурахшон кард мебоист
Зи менӯи хирад, фатҳи фазилат,
нури чашми рӯшани мардони рӯшанро.

Дар ин даврон,
Ки зулмат мекунад таҳдид…
На! Ин таҳдид танҳо нест таҳдиде
Ба шаҳристони мо, бар хонадони мо…

Бубин таҳдиди зулматро
Ба қалби мо, ба ҷони мо,
Ба ишқи поки мо, имони мо,
бар осмони кӯдакони мо!

Биё, то аз сари нанги ватандорӣ
Ба по хезем!
Биё, дилро бияфрӯзем,
Биё, бо машъали меҳри Ватан дар чашм
бо номи Худо хезем,
Алайҳи зулмати олам!

Чароғи озарини ҳикмати деринаи худро
ба каф гирем,
Ҳама аз махзани анвори ҷони худ
Ба фардо пораи нуре фиристонем.
Ба кохи бахти фардомон
Зи хоки ҳастии худ хиштҳо монем…

Бидон, эй ҳамватан, аммо
бидону дор андар ёду
андар хун,
Агар яктои мо аз ин
қатори нангу шаъни кишвари худ
монда берун аст,
Умеди неки мо дар батни фардо
низ мадфун аст,
мадфун аст.

Алайҳи бодҳои сарду
зулматҳои асри нав
Ҳама як ҷону як дил
як сару як тан ба по хезем,
Наҷоти мо фақат дар мост,
Биё, бо оби поки
эътимоди худ
таҳорат кун,
Биё, бо дасту рӯи пок
бо номи Худо хезем!
Зи худ нури Худо ёбему
бо ҷони ҷало хезем!

*Поёни соли 2008,*
*огози соли 2009*
*(1-4-январ)*

## ГУФТУГӮ АЗ ЗАМОНА

Замона модар аст, обастани фардост,
Замона модар аст,
Ӯ як зани зебост!

Замона дар ғами тифлакони хеш бедор аст,
Зане, ки рӯзу шаб
хама дар пайи кор аст.

Замонае, ки бар ӯ умеди мо бор аст,
Замонае, ки заъфдор асту бемор аст.

Табобаташ ба дасти мо, агар ки нест,
Табобаташ, бигӯ, ба дасти кист?

Бубин, ки одамон мегузаранд аз шебу фароз,
Чу рӯзгори дароз…

Ҳама нозамон аз замона меноланд,
Ба сад забону бо дусад забона меноланд.

Вале замона кист, гар на мо ҳастем?!
Чӣ гуна аз замона мо ҷудо ҳастем?!

Бипурс то куҷо равонаанд онон?
Бипурс, чӣ мебоӣранд бо шӯр, бо афғон?

Ба кӯлаборҳояшон чиҳо доранд?
Баҳор мерасад, инак, чӣ мекоранд?

Яке кашон-кашон барад ишками худро –
ғаниматаш ин аст,
Яке ба рӯйи даст мебарад сари худро –
чи бори вазнин аст,

Яке ба зӯр мекашад дили худро –
мазори сангин аст…

Басо нигаҳ мекунам, намебинам,
Саре куҷост, то барад соҳиби худро?!
Диле куҷост, то барад соҳиби худро?!
Вале зиёданд меъдаҳои барандаи ақвом!

Замона хоболуд аст,
Замона гардолуд аст,
Замона бемор аст!

Ҳалоли он диле, ки бедор аст,
Басо занг мезанад
ба мисли зангӯла.

Намепарад зи чеҳрае парандаи ранге,
Куҷо ба по бихезанд инон ба як занге.

Намепарад парастуи бӯса аз лабашон,
Намедамад сабоҳати ханда аз шабашон.

Замона худи моем, аз ӯ чӣ менолем?!
Замона чу мурғест,
Мо пару болем!

Замона дард аст, дард…
мо садои вайем,
Замона тор аст, тор…
мо навои вайем.
Замона басо хуб аст, агар ки мо хубем,
Замона хуб маҳбуб аст, агар ки маҳбубем.

Замона меравад чу хаста мусофире ба роҳ,
Замона куҷо меравад?
Нест худ огоҳ.

Замона рақс мекунад,
суруд мехонад.
Вале чаро, барои чӣ?
Худаш намедонад.

Ҳамеша ӯ ба рақс,
ҳамеша дар бозист,
Агарчи дили ӯ зи хеш норозист.

Ба рангҳои ҳазорон гул чу зеб медиҳад худро,
Замона, нек бинӣ, фиреб медиҳад худро!

Замонае, ки меравад ба сӯйи бесӯйӣ,
Замонае, ки меравад ба рӯйи берӯйӣ.

Бигӯ, бигӯ, ки то куҷо мебарад моро?!
Бигӯ, бигӯ, ки то куҷо мебарем ӯро?!

Вале замона кист? Гар на мо хастем?!
Чаро ки аз замонаи худ ҷудо ҳастем?!

Биё, биё, замонаро боз нав созем,
Биё, ки бо набуда чӣ менозем?!

Хаёли хуши парвози ту хуб аст,
аммо бигӯ,
ки болат ку ?!
Камоли ифтихори ту хуб аст,
аммо камолат ку?!

*декабр, с. 2007*

# МУНДАРИҶА

Биё, бошем!....3
Мо тоҷиконем....5
Ватан дар ҷон....10
Дар баҳои ҷон....11
Ҳадафи умр....12
Ҳуҷҷати бунёди мо....13
Миллати фарофарин....14
Парчами фирӯзӣ....16
Суруди парчам....17
Зинда будан....18
Гуфтугӯ бо худ....20
Дарахте ҳаст....23
Лаҳзае хомӯш!....25
Дили ман мезанад: тук! тук!....26
Шарм....28
Охирин барф, охирин ишқ…....29
Чӣ гуна мард бояд буд....32
Пешвози офтоб....33
Мо ҳам меравем....35
Бехабари худ....36
Гиря кун бо ман....37
Ту танҳо нестӣ....38
Гули себ....39
Арғувони ғарқи гул....40
Эълон....41
Бозгашт....43
Танҳотарин танҳо....45
Навбати подор....47
Биёед дилеро…....48
Як хамӯшак....49
Дар ҳошияи «Кимиёи саодат»-и Имом Ғазолӣ....51
Монда лошӣ....54
Куштани худ....55
Ёбам туро....56
Ҳар чӣ дорем…....56

Роҳе, ки ба сар равӣ.........56
Биспурдаам.........57
Кист ин бегона, кист?.........58
Ошиқе дар сармо.........60
Пирмард.........62
Табассуми раҳгузар.........64
Ҳарчи бодо бод.........66
Аз фаро.........68
Чароғ.........69
Ҳар қадар боло барой.........69
Посбони сояи худ.........69
Дар худат ҷӯ.........69
Метавон….........70
Марг омад.........70
Ин мастӣ.........70
Бо сафо бошӣ.........70
Худро раҳо кун.........71
Агар нуре надорӣ.........71
Ғами беғамӣ.........71
Бозӣ.........71
Чӣ ҳоҷат.........71
Бо бӯи баҳор.........72
Бархезам.........72
Чароғи ашк.........72
Ёди пок.........72
Тафриқа.........72
Саломат бод!.........73
Рӯи берӯ.........73
Эй тан чу тананд.........73
Будӣ ту.........74
Хуршед шав.........74
Чун баромад шамс.........74
Ҳамдил.........74
Ҳастии мо.........75
Забондонӣ.........76
Дар манӣ.........76
Ин чӣ оин аст?.........77
Дил дар дил.........78
Мӯсафед.........79

Охирин фарёд ........................................................80
Ман хато кардам....................................................82
Дар мунтаҳо ..........................................................83
Нав о .....................................................................85
Эй дарахти зору танҳо ..........................................86
Ватан.....................................................................87
Арзиш ...................................................................87
Дишаб ...................................................................87
Борон ....................................................................87
3-он пеш ...............................................................87
Дар рӯйи гуле........................................................88
Май резу ...............................................................88
Ашкони ашк..........................................................88
Ашки ишқ..............................................................88
Бо ишқ ..................................................................89
Тулӯи субҳ... .........................................................89
На мо.....................................................................89
Ҷӯйи чӯ .................................................................89
Подарнаво ............................................................90
Помеҳр..................................................................90
Помир ...................................................................90
Наврӯзи ватан .......................................................90
Дар зиндагибозор .................................................91
Душмани ту..........................................................92
Дар сӯгвории ҷангалҳои буридаи Кӯли калон................93
Бо шумо ман нестам.............................................95
Журналистони Ватан ...........................................97
Дар ёдбуди Бӯринисо Бердиева ...........................98
Зиёӣ.......................................................................99
Забони дароз .......................................................101
Тоҷику эрониву афғон ........................................103
Боғистон..............................................................107
Дӯстгонӣ.............................................................109
Дар ҷавоби хурдагирони кинатӯзи ашъори устод Лоиқ ..111
Дунёи нав ............................................................113
Мо чу дарёҳои худ...............................................115
Зиндагӣ ...............................................................117
На пиру на панд...................................................117
Туро дилест… .....................................................117

Подош..........118
Навзод..........119
Ману дарёи ишқ..........120
Ноумедӣ ҳаром бар мо бод! ..........121
Эй барф, эй барф ..........122
Бо табассум дар лабу дар дил..........123
Борид борон ..........124
Дари умед..........125
Ғуссаҳоро бо хазонҳо сӯз ..........126
Падруд, ишқ!..........127
Ман туро меҷустам..........128
Вопасин хандаи хуршед..........129
Даратро боз кун, шаб… ..........130
Ту дар нигоҳи ман ..........131
Изҳори ишқ ..........132
Ошиқ..........133
Фаноро зистам ..........134
Дер омадӣ..........135
Ту набудӣ ..........136
Дидам – надидам ..........137
Дар банди худ ..........138
Ҳайкали падар..........139
Чист номат ..........140
Пеш аз сафар..........141
Ду соҳил ..........143
Савоби гуноҳ..........144
Биё, шайтон, бисозем..........145
Гап надорам ..........146
Баъд аз ин..........147
Иморат..........149
Ҷисми ту..........149
Оромӣ ..........149
Зиндагӣ кӯдаки ту ..........150
Туро гиря кардам..........150
Ҷонамоз ..........151
Меҳмоне, ки ҳадяҳояшро бо худ бурд ..........151
Ҳақиқат..........152
Гиря..........152
Кӯри бино, кари шунаво ва гунги гӯё ..........152

Хешигарӣ ..........153
Ҳушдор ..........153
Дарича ..........153
Рӯҳи сухан ..........153
Ту бо манӣ ..........154
Ба Умеда ..........155
Дар ҷаноза ..........156
Духтари раштӣ ..........160
Ту фаромӯш накардӣ? ..........161
Метарсам аз тарс ..........162
Акнун тамом ..........163
Ба духтаре, ба духтараконе ..........164
Инсон ва дарахт ..........166
Ин себ ..........167
Баҳор омад ..........167
Роҳи бақо ..........167
Аз ману ту ..........167
Баҳор мерасад ..........169
Баҳори растагор ..........170
Паём омад ..........171
Диёрам ..........173
Наврӯзи диёр омад ..........175
Суроғи ишқ ..........177
Эъдом ..........178
Сӯзосӯз ..........188
Хоб нест ..........192
Бо хазонрез ..........193
Барф пайғоми худо мерезад… ..........199
Чеҳрае аз тобаи вақту фазо ..........203
Бозгашти Рӯдакӣ ..........208
Симои садод (манзумаи Роғун) ..........214
Гуфтугӯ аз замона ..........224

**Камол Насрулло**

**РӮ БА МЕҲРОБИ ВАТАН**
*(маҷмӯаи ашъор)*

Муҳаррири ороиш *Р. Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М. Саидова*
Ҳуруфчини компютерӣ *Ҳ. Сафолова*

Ба матбаа 06.07.2010 супурда шуд. Чопаш 12.07.2010 ба имзо расид. Чопи офсет. Ҳуруфи адабӣ. Андозаи 84х108 1/32. Ҷузъи чопӣ 7,25. Адади нашр 2000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев, 17 а.

Дар матбааи ҶДММ «Эр-Граф» ба табъ расидааст.
734036, ш.Душанбе, кӯчаи Раҳмон Набиев, 218.